ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА
НОМИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ
ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

МАТЛУБАИ МИРЗОЮНУС

# ШАРҲИ ШАСТ ШЕЪРИ ФАРЗОНА

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд – 2019

ББК –

**Матлубаи Мирзоюнус. ШАРҲИ ШАСТ ШЕЪРИ ФАРЗОНА.** – Хуҷанд: Ношир, 2019 – 244 саҳ.

Дар китоб панҷоҳ ғазал ва даҳ шеъри нави Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ Фарзона шарҳ дода шудааст, ки барои дарки ҷаҳони маънавӣ ва андешаву афкори шоир мусоидат менамояд. Китоб барои мухлисони шеъри Фарзона ва ҳамаи алоқамандони назми муосири тоҷик пешниҳод мешавад.

ISBN 978-99975-70-80-2

**© Матлубаи Мирзоюнус, 2019**

# ПЕШГУФТОР

Фарзона дар мақолае бо номи «Қанди баста» дар бораи ашъори Шайх Камоли Хуҷандӣ ва маъниҳои ширину печ дар печи он сухан ронда, мегӯяд, ки «аз ин қанди муъҷиза намешавад осон чошнӣ бардошт, зеро ба чандин коғазу ба чандин гираҳ печидааст, ба таъбири худи Ҳазрати Шайх «Ба чандин гираҳ бар найи қанди баста» ва ҳар туфайлие наметавонад ин коғазу гираҳро боз кунад ва ҷони худро лаззати улвӣ диҳад. Басе рафтааст, ки назарбозон шефтаи коғази рангини он қанд шудаанду бо ҳамин лаззат қаноат кардаанд».

Соҳиби мақола ҳини истифодаи таркиби «қанди баста», чунон ки худаш ҳам ишора мекунад, истинод бар байти зерини Шайх Камол дорад:

*Шакар пеши он лаб дурӯгест ширин,*
*Ба чандин гираҳ бар найи қанди баста.*

Ин байт дар нашрҳои гуногуни кириллии Шайх дар шакли зерин омадааст:

*Шакар пеши он лаб дурӯгест ширин,*
*Ба чандин гираҳ бар найи қандбаста.*

Дар «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ»-и Абдуҷаббори Шоҳаҳмад (Хуҷанд, 2015, с. 270) байти мазкур ба сифати шоҳид дар шарҳи вожаи «қандбаста» ва таркиби «найи қандбаста» омада, маънии он «найшакар, найшакаре, ки дар он шакар пайдо шудааст» шарҳ ёфтааст.

Ҷои шак нест, ки Фарзона аз ин байту ин шарҳ огоҳ аст, аммо ҷолиб он нукта аст, ки таваҷҷуҳи ӯро на «найи қандбаста», балки «қанди баста» (азбаски ба хати форсӣ «қанди баста» ва «қандбаста» як хел навишта мешавад) ба худ кашидааст ва ин таркиб барои ӯ шоиронатар

ҷилва намудааст. Ҳамин идроку маърифат боис шуда, ки ӯ маъниҳои диловезе берун кашад ва шарҳу тавзеҳи чанд байти Хоҷа Камолро бо диду назари хоси худ пешорӯи хонанда гузорад.

Таркиби нодир ва тозаи «қанди баста»-ро воқеан ҳам дар мавриди шеъри пурмоя метавон истифода кард, зеро гоҳе барои дарки матолиби таҳ ба таҳи шеър бастаҳои онро кушодан лозим меояд, то ҷавҳари пинҳони он боз шавад. Борҳо шунидаем, ки хонандагон шеърро барои ом ва хос ҷудо мекунанд ва дар шарҳу идроки ашъори баъзе шоирон як навъ мушкилотеро эҳсос менамоянд. Шояд ба ҳамин далел шеъри сабки ҳиндӣ дархури ҳамагон нест, зеро барои лаззат бурдан аз он ранҷи кушодани он бастаҳоро бояд кашид.

Дар миёни хонандагони имрӯз низ гоҳе сару садоҳое баланд мешаванд, ки шеъри баъзе шоирон, аз ҷумла Фарзона барояшон чандон фаҳмо нест. Ба назари мо, тааммуқ дар сари чанд шеър ба ҷаҳони ботинии муаллиф роҳ мекушояд ва имкон медиҳад, ки ашъори дигарро осонтар дарк намоем. Ба ин хотир ба чанд шеъри шоир рӯ меорем ва саъй мекунем, ки коғази мунаққаши онҳоро боз намоем ва барои дарёфти розҳои нуҳуфтаи шоир роҳ пӯем.

Мусаллам аст, ки ҳар кас аз рӯйи завқу фаҳмиши худ як шеър, як офаридаи ҳунари рассомӣ ё як оҳанги мусиқӣ, яъне як эъҷози ҳунарро тафсир мекунад. Вагарна магар даҳҳо шарҳи девони Ҳофиз ё «Гулистон»-и Саъдӣ ё «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ таълиф мешуд? Ин шореҳони арҷманд, мутаассифона, саодат надоштанд, ки бо муаллифони осори мавриди назари худ суҳбат кунанд ва асли маъниеро, ки худи шоир дар назар дошт, дарёбанд. Аммо шояд бузургии ин шоирон ҳам дар он бошад, ки муфассирон таҳ ба таҳ ба умқи таълифоти онҳо роҳ мепӯянд ва маъниҳои нав ба нав меҷӯянд.

Мо саодат доштем, ки бо муаллифи ашъоре, ки сайди

маънињои онро доштем, њамсуњбат бошем ва бо ёрии эшон баъзе матлабњоро равшан намоем. Њини шарњбандӣ ва тафсир саъй намудем ашъореро интихоб намоем, ки барои навсафари роњи адабиёт мушкилфањм бошад, то минбаъд бо дунёи отифии шоир ќаробате пайдо намуда, маърифати ашъори дигари ӯ ба осонӣ даст дињад.

Аз анвои мухталифи адабӣ, ки шоир ќалами худро санљидааст, танњо ду навъи он – ѓазал (50 адад) ва шеъри нав (10 адад) интихоб шуд.

## МУХТАСАРИ ШАРҲИ ҲОЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДАБИИ ФАРЗОНА

ФАРЗОНА (Иноят Хоҷаева) 3-юми ноябри соли 1964 дар шаҳри Хуҷанд дар хонаводаи омӯзгорон чашм ба олами ҳастӣ боз намудааст. Падараш омӯзгори фанни таъриху фалсафа ва модараш аз беҳтарин муҳаққиқони адабиёти ҷаҳон, хоса адабиёти рус буданд.

Фарзона соли 1985 Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С.М.Киров (ҳоло ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров)-ро хатм намуда, як муддат дар ҳамин муассисаи таълимӣ дарс гуфтааст. Сипас дар идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд», баъдан ҳамчун мушовири бахши назми шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият намуд. Алҳол котиби масъули Кумитаи вилоятии ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ ва Бобоҷон Ғафуров ва узви ҳайати таҳририи чандин рӯзномаву маҷаллоти кишвар ва хориҷи он аст.

Нахустин шеърҳояшро Фарзона дар овони таҳсил дар мактабхонӣ гуфтааст. Дертар дар овони донишҷӯӣ майли ӯ ба шеъргӯӣ бештар шуда, чанд шеъраш дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» соли 1983 дарҷ гардидаанд. Маҷмӯаи аввалини ӯ «Тулӯи хандарез» соли 1987 дар Душанбе нашр шуд. Дар пешгуфтори ин китоб устод Лоиқ Шералӣ навиштааст, ки дар шеъри ӯ «пораҳои асил, ташбеҳу истиораҳои ғайримунтазира, паҳлугардониҳои хаёлангези сухан, суханбозиҳои ширин, назари поки ошиқона ба зиндагӣ, ба инсон, ба замон, нигариши хоссаи шоирона ба ашёи тасвиршаванда ва ҳаводиси ғаразӣ шеър, иборапардозиҳо ва истифода аз таъбирҳои корхӯрдаи классикӣ ва фарҳанги мардум моро итминон медиҳад, то мо ба ояндаи файзбахши назми Фарзона имон биёварем».

Фарзона Лоиқ Шералиро нахустин устоди худ дар

ҷодаи шеър меҳисобад ва ҳамеша мадюни ғамхориву дастгирии ин бузургвор аст.

Фарзона воқеан ҳам аз мактаби бузургтарин устодони сухан сабақ омӯхта, аз шеъре ба шеър, аз маҷмӯае то маҷмӯаи дигар худро сохтааст.

Маҷмӯаҳои ашъори ӯ бо номҳои «Шабохуни барқ» (Душанбе, 1989), «Ояти ишқ» (Душанбе, 1994), «То бекаронаҳо» (Хуҷанд, 1998), «Меъроҷи шабнам» (Душанбе, 2000), «Қатрае аз Мӯлиён», дар се ҷилд (Хуҷанд, 2003), «Як ғунча роз» (Хуҷанд, 2005), «Муҳри гули мино» (Хуҷанд, 2006), «Сад барги ғазал» (Хуҷанд, 2008), «Саду як ғазал» (Душанбе, 2011), «Себарга» (Хуҷанд, 2011), «Парниёни ҷон» (Душанбе, 2011) ва ғайра интишор шудаанд.

Соли 2014 ба муносибати ҷашни шоир ду китоби шеъраш «Ҳама гул, ҳама тарона» (дар ду ҷилд) ва «Девон» (иборат аз 500 ғазал) дар Хуҷанд, инчунин китоби мақолот ва сафарномаву ёдномаҳояш таҳти унвони «Дарёи сӯзон» (Душанбе: Адиб, 2014), асари тадқиқотии профессор Усмонҷон Ғаффоров «Дурдона ва дарё» ба табъ расиданд. Худи ҳамон сол маҷмӯаи ашъори ӯ бо номи «Маро, эй шеър тармими дигар кун» ба хати форсӣ ва маҷмӯаи ашъораш дар Олмон ба забони олмонӣ дар тарҷумаи А. Ҳайзер ба чоп расиданд. Соли 2018 маҷмӯаи шеърҳои ӯ «Сини салом» аз чоп баромад. Маҷмӯаҳои ашъори ӯ «Найшакар» дар нашриёти «Маориф» ва «Найсон» дар «Хуросон» дар дасти чоп аст.

Силсилаи ашъори ӯ дар кишварҳои гуногун Амрико, Британиё, Фаронса, Олмон, Покистон, Эрон, Арабистони Саудӣ, Ироқ, Ӯзбакистон, Қирғизистон ва ғайра интишор ёфтааст. Дар Русия ашъори Фарзона дар тарҷумаи Т.Смертина бо номи «Двадцать лепестков» чоп шудааст (Москва: Советский писатель, 1990). Дар Лондон китоби шеърҳои ӯ бо номи «Гулчини ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ» (2008, бо забонҳои форсиву англисӣ), дар Белоруссия

«Мунтахабот» («Избранное», 2009), дар Ӯзбекистон «Ишқ тасбеҳи» (2017) ба чоп расиданд.

Бо алифбои форсӣ маҷмӯаҳои ашъори Фарзона бо номҳои «Сояи ғазал» (Самарқанд, 1990), «Паёми ниёгон» (Теҳрон, 1996), «Сӯзи нотамом» (Теҳрон, 2005), «Набзи борон» (Теҳрон, 2013), «Маро, эй шеър, тармими дигар кун» (ШМА, 2014) ба табъ расидаанд.

Фарзона дар кори тарҷумонӣ низ ҳунар озмуда ва осори Гёте, Экзюпери, Байрон, Пушкин, Фёдор Тютчев, Анна Ахматова, Марина Цветаева, Сергей Есенин, Александр Блок, Темур Зулфиқоров, Абай, ҳойкуҳои шоирони ҷопонӣ ва ғайраро тарҷума кардааст.

Ӯ ба унвони “Шоири халқии Тоҷикистон» (2001), Ҷоизаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Турсунзода (1995), Ҷоизаи Ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008) ва ордени “Шараф” (1999) мушарраф гардидааст.

Силсилаи шеърҳояш дар Бағдод (1997), Афғонистон (2018) ва Эрон (2019) сазовори ҷоизаи “Шеъри сол” шудааст.

Дар иртибот бо шеъри Фарзона чандин нафар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Сарфароз Юнусов, Тайиба Бобоева, Зоҳидҷон Қӯрғонов, Дилшоди Фарҳодзод, Парвонаи Барарпур, Суҳайло Ҳусейнӣ ва дигарон рисолаҳои илмӣ навиштаанд. Дар матбуоти даврӣ мақолаҳои зиёди донишмандон ва адибони номвари Тоҷикистон ва кишварҳои дигар дар бораи Фарзона ва шеъри ӯ интишор ёфтаанд. Инчунин ашъори зиёде ба ӯ эҳдо шудаанд.

Ашъори Фарзона дар шаклҳои гуногуни шеърӣ, аз ҷумла рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, маснавӣ ва шеъри нав гуфта шудааст. Мавзӯоти ашъори ӯ иҷтимоиву ахлоқӣ, ошиқонаву орифона, фалсафиву андарзӣ ва ғайра мебошанд.

## 1

Аз қолабам бароям хоҳам, ки ҷон шавам,
Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам.
Хуршед хомуш аст бад-он сурхии забон,
Ман ҳарфи ӯ бигӯяму ӯро забон шавам.
Оинаам, ки байни туву ту нишастаам,
Бигзор, то ҳамеша чунин тарҷумон шавам.
То ҳамчу най зи мағзи ҷигар нола даркашам,
Бояд зи пӯст бигзараму устухон шавам.
Гоҳе бақостам, гаҳи дигар фаностам,
Гоҳе яқин шавам, гаҳи дигар гумон шавам.
Бар қасди пирзоли сияҳкинаи қазо
Ин умри панҷрӯза туро меҳрубон шавам.
Ман орзуи даргузаре нестам, бимон,
То дар дили ту занг занам, ормон шавам.
Рӯзе маро ба рӯйи кафат гиру сура хон,
То аз садаф бароям луълӯи ҷон шавам.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** шавам

*Аз қолабам бароям хоҳам, ки ҷон шавам,*
*Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам.*

**Луғат:**

Ворастан – озод шудан, ворастатар – озодтар.

**Маънӣ:** Қолаб ҷисми инсон аст, ки ҷон дар он то замоне, ки танро тарк накунад, қарор дорад. Вақте ҷон аз қолаб ҷудо мешавад, ҷисм фано мегардад, аммо рӯҳ боқӣ мемонад. Ҷон баъди раҳоӣ аз қафас озод мешавад. Шоир

озодии ҷонро  мисли озодии қофилаи лӯлиён ва ҳатто бештар аз он тасвир мекунад. Ваҷҳи қиёс ин ҷо озодӣ аст: лӯлиён побанди қонунҳое нестанд, ки инсонҳои муқаррарӣ барои худ эҷод кардаанд. Лӯлиён аз қайди тааллуқот озоданд.

*Хуршед хомуш аст бад-он сурхии забон,*
*Ман ҳарфи ӯ бигӯяму ӯро забон шавам.*

**Луғат:**

Сурхии забон – маънии аслӣ шуълаҳои сурхи нур, маҷозан – забони дароз доштан.

**Маънӣ:** Ман мехоҳам ҳарфҳои ногуфтаи хуршедро тафсир кунам. Хуршед меҳру гармиву равшанӣ интишор мекунад, аммо ҳарчанд аз оташи гармии худ забони сурх дорад, хомӯш аст. Ман мехоҳам ҳарфҳои ногуфтаи хуршедро дар бораи бедареғ ва хомӯшона бахшидани меҳру равшанӣ шарҳ бидиҳам.

*Оинаам, ки байни туву ту нишастаам,*
*Бигзор, то ҳамеша чунин тарҷумон шавам.*

**Луғат:**

Тарҷумон – касе, ки суханеро аз як забон ба забони дигаре бармегардонад.

**Маънӣ:** Рӯҳи ман ба мисли оинаест, ки байни инсонҳо қарор дорад. «Туву ту» – ин ҷо сухан дар бораи робитаи инсонҳост, ки шахси шоир мехоҳад мисли оинае бошад, ки дар он муносибатҳои поки инсонҳо таҷаллӣ ёбанд ва ӯ ин эҳсосотро шарҳ бидиҳад. Ӯ мехоҳад то ҷовидон мисли оинаи беғуборе бошад, ки аз муҳаббати инсонҳо ба ҳамдигар сухан бигӯяд.

*То ҳамчу най зи мағзи ҷигар нола даркашам,*
*Бояд зи пӯст бигзараму устухон шавам.*

**Маънӣ:** Ончунон ки най аз мағзи ҷигар хеле пуртаъсир

нола мекунад, ман низ бояд аз зоҳир бигзарам ва ба ботин бингарам, яъне аз пӯст бигзарам ва устухон шавам. Дарде, ки дар устухон ҷой дорад, пурсӯзтар аст. Устухон низ шабеҳи най ковокӣ дорад, бинобар ин, таносуби маънoии най ва устухон дар ин байт хеле мантиқист. Дар ин байт сухан аз самимияти эҳсосҳост, ки танҳо дар ҳоли аз зоҳир даргузаштан ва ба ботин мутаваҷҷеҳ шудан ба даст меояд.

*Гоҳе бақостам, гаҳи дигар фаностам,*
*Гоҳе яқин шавам, гаҳи дигар гумон шавам.*

**Луғат:**

Бақо –абадият, бардавомӣ

Фано – нест шудан, гум шудан

**Маънӣ:** Бақову фано ва яқину гумон вожаҳое аз истилоҳоти ирфонӣ ҳастанд, аммо Фарзона калимоти ирфониро маъмулан барои ифодаи матлабҳои дунявӣ истифода мебарад. Ин ҷо мехоҳад бигӯяд, ки гоҳе инсон ҳаст ва гоҳе нест, гоҳе инсон ба қавли худ мутмаин аст ва эътимод дорад, аммо гоҳи дигар лағжише дар андешаву ҷаҳонбинии ӯ метавонад рух занад, яъне ба инсон ҳолатҳои гуногун хос аст.

*Бар қасди пирзоли сияҳкинаи қазо*
*Ин умри панҷрӯза туро меҳрубон шавам.*

**Луғат:**

Пирзол – кампир.

Сияҳкина – бадкина.

Қазо – сарнавишт, такдир, фалак.

**Маънӣ:** Қазову қадарро ба сони фалаки кӯзпушти каҷрафтор бадкинаву сияҳкор меноманд. Ки ин аҷуза арӯси ҳазор домод аст, - мегӯяд Ҳофиз. Ҳар лаҳза аҷал бо доси худ дар камин нишастааст ва ин умри мо бештар аз чанд рӯз нест. Ҷое дигар Ҳофиз чунин хитоб мекунад:

*Даҳрӯза меҳри гардун афсона асту афсун*
*Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро.*

**Маънӣ:** Пас, дар ин умри кӯтоҳ, иҷоза бидеҳ, ошиқи ту бошам ва ба ту меҳрубонӣ кунам. Мухотаби шоир Инсон аст, як нафари мушаххас нест.

*Ман орзуи даргузаре нестам, бимон,*
*То дар дили ту занг занам, ормон шавам.*

**Луғат:**

Занг задан – ин ҷо ба маънии зангор бастан, зиёд бозмондан.**Маънӣ:** Ишқи ман муҳаббати булҳавасе нест, ки даргузар бошад, бинобар ин, иҷозат бидеҳ, ки дар дили ту маскан гузинам ва ҳамон ҷо ҷовидонӣ бимонам. Вақте шоир худро оина меномад, медонем, ки оина аз он ки як ҷо зиёд мемонад, занг мезанад. Ҷовидонӣ дар дили инсонҳо мондан ормони шоир аст.

*Рӯзе маро ба рӯйи кафат гиру сура хон,*
*То аз садаф бароям у луълӯи ҷон шавам.*

**Луғат:**

Сура – оят, ҳарфи муқаддас.

Лулуъ –марворид, гавҳар.

Сура муждае аз муҳаббати азалӣ аст.

Луълӯи ҷон – муҳаббатест, ки аз санҷишҳо гузашта, ба гавҳари ҷовидонаи ишқ табдил ёфтааст.

**Маънӣ:** Пас аз солҳо, ки дар дили ту макон мегирам, маро ба рӯи каф бигир ва сурае бихон, то аз он садаф мисли гавҳари пок берун биёям. Сухан аз муҳаббати ростин аст, ки бо мурури замон ба гавҳари бебаҳо табдил меёбад. Мурод аз ишқварзӣ камол ёфтани рӯҳ, аз ҷисм ба ҷон рӯй овардан.

Дар шеъри дигаре низ ба ҳамин маънӣ мегӯяд:

*Ҳарфи ман ҳама ҷон шуд, ҳарфи тан чӣ мегӯӣ,*
*Ҳарфи тан магӯ, эй ҷон, пой то сарам дил шуд.*

Ин ғазал ҳолу ҳавои мавлавиёна дорад. Ин матлабро Алиризои Қазва, шоир ва мунтақиди эронӣ низ ба хубӣ

пай бурда, гуфтааст:«...дар мавриди Фарзона бояд гуфт, ки забони ӯ беш аз ҳар шоире таҳти таъсири шӯридагиҳои Мавлоно ва ғазалиёти Шамс аст. Шояд ин нуктаро дар ин абёт рӯшантар битавон дид:

*Аз қолабам барояму хоҳам, ки ҷон шавам,*
*Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам...*

* * *

*То ҳамчу най зи мағзи ҷигар нола даркашам,*
*Бояд зи пӯст бигзараму устухон шавам.*

Байни вожаҳои мағз, пӯст, най, ҷигар, нола робитаи зулолест. Ҳам метавонад ёдовари ин байти зиндаёд Сайид Ҳасани Ҳусайнӣ бошад (аз «Чашмандози мусиқии маънавӣ») ки:

*Шамъам, ки шабона обири ёди ту гарм*
*Аз кӯчаи мағзи устухонам гузарад.*

Ва ин мисраи Бедил ки:

*Ин мағзи фитна кӯчарави устухони кист?*

Таъсири Фарзона аз Мавлавӣ дар ин ғазал маънавии рӯҳист. Ва вазни ғазал мусиқии берунӣ, албатта, аз вазнҳои ҳисобшуда аст. Ва он гоҳ забону нигоҳ он қадар зулолу амиқ мешавад, ки шоир ба ин байтҳо даст мееёбад:

*Рӯзе маро ба рӯи кафат гиру сура хон,*
*То аз садаф барояму луълуи ҷон шавам…»*[1]

Хулосаи ниҳоӣ аз ин ғазал он аст, ки шоир мехоҳад мисли рӯҳ озод бошад, мисли оина муфассири эҳсосҳои покиза гардад, дар дили инсонҳои азиз мисли гавҳари ноб ҷо бигирад. Танҳо муҳаббати ростин мисли гавҳари бебаҳост, ки ҳосили камоли рӯҳу ҷони инсони асил аст.

---

[1] Алиризои Қазва. Фарзонае аз Хуҷанд. Фарзона. Сад барги ғазал.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2008, с. 3-4.

## 2

Шохи Наботам, самар овардаам,
Аз шакаристон шакар овардаам.
Боз шудам, боз шудам чун фазо,
Панҷара бикшо, саҳар овардаам.
Пок шудам, пок шудам, пок, пок,
Ман, ки туро дар назар овардаам.
Субҳ! Маро гарм дар оғӯш каш,
Ман нафасе гармтар овардаам.
Сирри вай аз хомушии ман шунав,
Ман, ки аз он лаб хабар овардаам.
Соати навсамти қафогардро
Тӯҳфаяке аз сафар овардаам.
Шамс! Биё, рақси фарангӣ кунем,
Дасти туро дар камар овардаам.
Рӯфтааму шустаам ин хона, пас
Ишқи ту бар хона даровардаам.

**Афоили шеър:** муфтаилун/муфтаилун/ фоилун
**Вазни шеър:** сареъи мусаддаси матвии макшуф
**Радиф:** надорад

*Шохи Наботам, самар овардаам,*
*Аз шакаристон шакар овардаам.*

**Луғат:**

Шохи Набот – маъшуқи Ҳофиз аст, ки дар адабиёт ба маънии дилбар низ меояд.

**Маънӣ:** Азбаски сухан дар бораи «шох» аст, масъулияти он, чунонки медонем, бор овардан, самар овардан мебошад. Шохи набот шохест, ки самари ширин дорад, ба шакару ширинӣ пайванд аст. Ватани

вай ва ватани гӯяндаи шеър, ки худро «шохи набот» муаррифӣ мекунад, шакаристон аст. Решаву бунёди онҳо аз шакаристон аст. Самари шохи набот шириниву набот аст. Яъне, шоир мехоҳад гӯяд, ки ман барои Шумо ҳарфи ширину шакарин армуғон овардаам. Ҳарфи ширини шоир, яъне шеър муждаҳои ширину шодибахш мебошад.

*Боз шудам, боз шудам чун фазо,*
*Панҷара бикшо, саҳар овардаам.*

**Луғат:**

Панҷара – тиреза, дарича, ин ҷо ба маънии дари дил.

**Маънӣ:** Ин байт бо байти пешин робита надорад,, мустақил аст. Шохи набот боз намешавад, аммо инсон, дили инсон кушода мешавад. Азбаски фазо сарҳад ва девор надорад, ман мисли фазо боз шудам, мегӯяд шоир. Вақте ки панҷараҳои асливу маҷозиро боз мекунем, равшанӣ ба диламон, ба манзиламон медарояд, бинобар ин, муроди гӯянда ин аст, ки мисли шохи набот ширинӣ ва мисли саҳар равшаниро биёрад, аммо, барои ин Шумо бояд панҷараи дилҳои худро боз кунед, яъне пазиранда бошед. Агар саҳар биёяд, вале панҷара баста бошад, он наметавонад ворид шавад. Мухотаби шеър хонанда аст ва шоир аз ӯ даъват мекунад, ки дари дили худро ба истиқболи равшанӣ бикшояд.

*Пок шудам, пок шудам, пок, пок,*
*Ман, ки туро дар назар овардаам.*

**Маънӣ:** Шоир мегӯяд: вақте ман туро, яъне Худовандро ё як инсонеро, ки тадоии Худованд аст, пеши назар меоварам, андешаҳоям дар бораи ӯ ва ёди ӯ ботини маро пок мекунад. Инсоне ҳаст, ки ёдаш, фикраш моро мутаҳҳар нигоҳ медорад ё аз олудагиҳо тоза мекунад. Чаҳор маротиба такрор шудани вожаи «пок» дар мисраи аввал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шахси гӯянда ҳамеша ба ёди Худост,

бинобар ин, «пок шудан» амали пайваста такроршаванда мебошад. Дар бештарин шеърҳои Фарзона мухотаб инсони худогуна, инсони полоянда аст, ки сифатҳои худовандиро дорад. Чунон ки Мавлавӣ ҳам мегӯяд, ки «Май биполояд, ки полоянда бод!». Сухан дар бораи инсонест, ки дигар инсонҳоро, орзуҳоро, нигоҳҳоро покиза мекунад.

*Субҳ! Маро гарм дар оғӯш каш,*
*Ман нафасе гармтар овардаам.*

**Маънӣ:** «Офтоб омад далели офтоб», – мегӯяд Мавлавӣ.

Дар байти қаблӣ Фарзона мегӯяд, ки субҳро барои шумо ҳадя мебарам. Он субҳ субҳи маҷозӣ буд, аммо ҳоло аз субҳи воқеӣ хоҳиш мекунад, ки ӯро ба оғӯш бигирад, зеро ӯ эҳсос мекунад, ки бо субҳ ҳамсону ҳамгунаву ҳамрисолат аст. Ӯ эҳсос мекунад, ки барои пайвастан бо субҳ омода аст, зеро худаш ҳам субҳгуна аст, шабеҳи субҳ аст, ки нафаси исавии саҳароваранда дорад. Дар ин байт ду бор вожаи «гарм» такрор шудааст. Яке дар таркиби «гарм дар оғӯш кашидан» ба маънии самимона, аз таҳти дил, бо пазмонӣ ва хушнудӣ. Дигар – дар таркиби «нафасе гармтар овардан». Гармтар шакли қиёсии сифати гарм аст, ки бо нафаси субҳ муқоиса шудааст. Нафаси субҳ покизаву форам аст ва ба равшаниву гармӣ умедвор мекунад, аммо нафаси шахси гӯянда гармтар аз нафаси субҳ аст, зеро бо ҳазор орзу ва бо дили гарм барои шодӣ бахшидан ба дилҳо омадааст.

*Сирри вай аз хомушии ман шунав,*
*Ман, ки аз он лаб хабар овардаам.*

**Маънӣ:** Сирри илоҳиро аз лаби хомӯши ошиқ бояд дарк кард. Дар «Маснавии маънавӣ» омадааст, ки:

*Ҳар киро асрори ҳақ омӯхтанд,*
*Муҳр карданду даҳонаш дӯхтанд.*

Вақте ки инсон ба оина нигоҳ мекунад, аз хотираи оина нигоҳи касеро мебинад, ки қабл аз ӯ сураташ дар оина инъикос ёфта буд. Агар ба маънии орифонаи ин байт мутаваҷҷеҳ шавем, аз ин нигоҳи хомӯш ҳама асрори илоҳиро метавон пай бурд. Агар ба маънии имрӯзин биандешем, ту аз нигоҳи хомӯши ман сирри инсонҳоро дарёб, мегӯяд шоир. Яъне, ту метавонӣ ҳам сирри илоҳиро ва ҳам асрори ошиқро дарк кунӣ, асрори инсонеро, ки ба мартабаи камолу рифъат ва ҷалоли рӯҳонӣ расидааст. Шоир хабари ӯро ба мардум мехоҳад расонад. Асрори инсони комилро ӯ мехоҳад барои хонандагони худ боз кунад. «Шунав», яъне пазиранда бош. «Аз хомӯшӣ шунидан» – намое аз таноқуз – парадокс ва ҳисомезист, ки дар сабки ҳиндӣ зиёд ба кор меравад ва аз хусусиятҳои шеъри имрӯз низ маҳсуб мешавад.

*Соати навсамти қафогардро*
*Тӯҳфаяке аз сафар овардаам.*

**Луғат:**

Навсамт – самти нав, самти дигар.

**Маънӣ:** Тамоми соатҳо пеш мегарданд, аммо соати шоир самти дигаргуна дорад, он на ба пеш, балки қафо меравад. Шоир аз сафарҳои маънавии худ ҳарф мезанад ва аз ҳадяе, ки аз ин сафарҳо овардааст – соати қафогард. Аз байти сонӣ маълум мешавад, ки манзури шоир бозгашт ба сӯи Шамсу Мавлоност, ба рӯзгори инсонҳои комил, инсонҳои ворастаест, ки Шарқу Ғарб ва Ҷанубу Шимолро ба ҳам мепайванданд.

*Шамс! Биё, рақси фарангӣ кунем,*
*Дасти туро дар камар овардаам.*

**Луғат:**

Шамс – Шамси Табрезӣ.

Фарангӣ – фаронсавӣ, аврупоӣ.

**Маънӣ:** Азбаски шоири мо аз осори Мавлоно ва бузургии Мавлоно зиёд таъсир пазируфта ва ошӯби ҷони ӯро дар вуҷуди худаш эҳсос кардааст, Мавлоно дар назари Фарзона аҳли шаш қитъа аст. Фарангӣ на танҳо маънии аврупоӣ, балки маънии озодиро низ дорад. Фарангӣ будан – дар назари шарқиён тимсоли озодӣ ва ворастагӣ аст. Рақси фарангӣ бо Мавлоно - бо ворастатарин инсони олам, озодтарин одами тамоми замонҳо ва ҷаҳонҳо рақс кардан, яъне омӯзонидани сабки озодӣ ба инсонҳост.

«Дасти туро дар камар овардаам» - амали мамнуъ аст, ки Шамс дар рӯзгори худаш наметавонист ба чунин амал иҷоза диҳад. Аммо одамҳои комил, инсонҳое, ки сууд мекунанд, метавонанд чунин мамнӯотро ба мумкинот табдил диҳанд. Ва шоир низ аз ин тоифа аст, Шамсро барои роҳ бурдан ба чунин қолабшиканӣ даъват мекунад. Дар оғӯши Мавлоно будан, дар ҳавои мусиқии фарангӣ рақс кардан, нафаси гарми ин орифи ҳақҷӯро эҳсос кардан ва баҳравар шудан аз он – даъвати инсони имрӯзин ба рӯҳи инсони комил аст, ки мехоҳад бо он тавъам бошад, мисли ӯ бошад.

*Рӯфтааму шустаам ин хона, пас*
*Ишқи ту бар хона даровардаам.*

**Маънӣ:** Барои он ки ишқ меҳмони мо гардад, дилҳои мо бояд хеле тозаву мутаҳҳар бошад. Аз ин хотир «Аввал бирӯб дилу хона, сипас меҳмон талаб», - мегӯяд Соиб. Аввал хонаи дилро тоза бояд кард, то Ишқ ба ин манзил ворид шавад. Чунонки Мавлоно мегӯяд:

*Рав синаро аз синаҳо ҳафт об шӯ аз кинаҳо,*
Он гаҳ шароби ишқро паймона шав, паймона шав.…

Синаи мутаҳҳару покиза бояд паймонае барои шароби ишқ бошад. Барои вуруди ишқ хона бояд муназзаҳ бошад, яъне инсон бояд барои қабули чунин меҳмон, яъне ишқ, омодагӣ бигирад. Албатта, сухан аз омодагии маънавист.

Мавлоно мегӯяд:

*Дод ҷорӯбе ба дастам он нигор,*
*Гуфт, аз дарёи ҷон гарде барор.*

Дил бояд макони тозатарин, шустатарин, тоҳиртарин бошад, то ишқ ба он ворид шавад ва муждаи шоди худро ба он манзил биёрад.

Хулосаи ғазал он аст, ки шахси шоир, ки аз Мавлонову Ҳофиз ва бузургони дигар бардоштҳои маънавӣ дорад, мехоҳад, андӯхтаҳои худро ба мардум, ба хонандагони худ ҳадя кунад. Мехоҳад, худаш ва хонандагонаш дилҳои тозаву мутаҳҳар барои қабули ишқи ростин, барои қабули муждаву паёмҳои гарму равшан дошта бошанд.

## 3

Биё ба куштани кобус, эй азони саҳар,
Ба мағзҳои шаболуда рӯшанӣ густар.
Ба ман иҷозаи рафтан биёр то Афранг,
Дуруд бар ту, аё қосиди фурӯзонфар.
Бигуфт муршиди ман: Эй равонаи Мағриб,
Ба кӯлбор бинеҳ офтоброву бибар.
Чун офтоб нашуд чокари мусаллами ӯ,
Дар он ҷазираи абрист ранги хокистар.
Бале, сипос туро, муршиди ҳумоюнфол,
Ки медиҳӣ ба мани раҳнишин дуои сафар.
Надод шарқ вузӯям дар обшори шафақ,
Чӣ сон шавам таҳи борони ғарб тозаву тар.
Тулӯъи тоза набахшад тамаддуни мағриб
Ба ман, ба он ки ғурубидааст дар ховар.
Маро зи дидани фисқу риё таҳорати чашм
Шикастааст, барои вузӯям об овар.
Биёр лолаи иффат зи қуллаи имон,
Биёр оби таҳорат зи чашмаи бовар.
Миёни машриқу мағриб намениҳам сарҳад,
Ки як замини Худо ҳаст ин ҷаҳони дудар.
Ба ишқ гӯй, ки девор аз миён бардор,
Биё чу Исии рафта ба шодбоши башар.
Ай одамони сапеду сиёҳу сурху кабуд,
Ҳуҷаста бод ба сад шакл ваҳдати ҷавҳар.
Муроди ман зи сафар хешро шинохтан аст,
Суи ҳақиқати худ мекунам сулуки дигар.

**Афоили шеър:** мафоилун фаилотун мафоилун фаилун
**Вазни шеър:** муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф
**Радиф:** надорад

*Биё ба куштани кобус, эй азони саҳар,*
*Ба мағзҳои шаболуда рӯшанӣ густар.*

**Луғат:**

Кобус – хоби даҳшатангез, пахш кардани сиёҳӣ дар хоб

Шаболуда – тира.

**Маънӣ:** Шоир азони саҳарро барои рафъи сиёҳии даҳшатангез даъват мекунад, зеро азони саҳаргоҳӣ хоби даҳшатангезро парокандаву нобуд намуда, дилро аз ғам раҳоӣ мебахшад. Ба мағзҳои шаболуда рӯшанӣ густурдан, яъне тирагии дилро бартараф кардан, дилро равшан кардан аст.

*Ба ман иҷозаи рафтан биёр то Афранг,*
*Дуруд бар ту, аё қосиди фурӯзонфар.*

**Луғат:**

Афранг – Фарангистон, Аврупо, кишварҳои мутаммаддини Ғарб.

Қосиди фурӯзонфар – оварандаи пайки шодӣ

**Маънӣ:** Қаҳрамони ғиноӣ мехоҳад иҷозати сафар ба кишвари Фаронсаро пайдо кунад. Фаронса самбули Мағриб аст.

*Бигуфт муршиди ман: Эй равонаи Мағриб,*
*Ба кӯлбор бинеҳ офтоброву бибар.*

**Луғат:**

Муршид - раҳнамо

**Маънӣ:** Муршиди раҳнамо маслиҳат медиҳад, ки ба кӯлбори худ офтобро андозад ва ба он кишвари Мағриб, ки хуршед кампайдост, бубарад.

*Чун офтоб нашуд чокари мусалламии ӯ,*
*Дар он ҷазираи абрист ранги хокистар.*

**Луғат:**

Чокари мусаллам – хидматгори содиқ.

Ҷазираи абрӣ – кишвари Ғарб.

Ранги хокистар – киноя аз тирагӣ

**Маънӣ:** Азбаски дар он кишвари тираранг офтоб рӯшаниву гармии худро босаховат намебахшад, он марз ранги тираи хокистарӣ дорад.

*Бале, сипос туро, муршиди ҳумоюнфол,*
*Ки медиҳӣ ба мани раҳнишин дуои сафар.*

**Луғат:**

Муршиди ҳумоюнфол – раҳнамое, ки пайки шодибахш овардааст

Раҳнишин – касе, ки озими сафар аст

**Маънӣ:** Қаҳрамони ғиноӣ аз муршиди хушхабари худ сипосманд аст, ки ба ӯ дуои сафар медиҳад, яъне сафари хубу хушро барояш орзу мекунад ва фотиҳа медиҳад, то роҳаш бегазанд бошад.

*Надод шарқ вузӯям дар обшори шафақ,*
*Чӣ сон шавам таҳи борони ғарб тозаву тар.*

**Луғат:**

Вузӯ – шустушӯи пеш аз намоз, таҳорат.

**Маънӣ:** Ман, ки дар шарқ натавонистам бо оби хуршедии обшор вузӯ бигирам, чӣ гуна метавонам аз борони ғарб тозаву тар шавам.

Ин ҷо ҳадафи шоир аз сафар ба Фарангистон ошкор мешавад, ки мехоҳад вуҷуди худро нав кунад. Ӯ бо камоли аҷз мегӯяд, ки агар дар Ватани худ, дар Шарқ худро нав карда натавониста бошам, пас чӣ гуна метавонам, ки дар кишвари дигар муваффақ бишавам!?

*Тулӯи тоза набахшад тамаддуни мағриб*
*Ба ман, ба он ки ғурубидааст дар ховар.*

**Маънӣ:** Хуршед маъмулан дар мағриб ғуруб мекунад ва тулӯи он дар Ховар аст. Бо ишораи маҷозӣ ба ҳамин

матлаб шоир мегӯяд, ки тамаддуни ғарб ба мане, ки дар Ховар ғарқи хоби гаронам, тулӯи тоза нахоҳад бахшид.

*Маро зи дидани фисқу риё таҳорати чашм*
*Шикастааст, барои вузӯям об овар.*

**Луғат:**

Шикастани таҳорати чашм – киноя аз хӯ гирифтан ба фисқу фуҷур.

**Маънӣ:** Ман, ки бо фисқу фуҷур хӯ гирифтаам, яъне ифлосу касиф шудаам, барои аз нав покиза шудан ва таҳорат гирифтан, ба об ниёз дорам. Шоир вақте ман мегӯяд, муродаш кули ҷомеа аст.

*Биёр лолаи иффат зи қуллаи имон,*
*Биёр оби таҳорат зи чашмаи бовар.*

**Луғат:**

Лолаи иффат – иффату покизагӣ.

Чашмаи бовар – садоқату ихлос.

**Маънӣ:** Барои покизаву нав шудани худ шоир мехоҳад аз қуллаи имон лолаи иффатро дошта бошад. Ин ҷо ишора ба он ки лола дар қуллаи кӯҳ мерӯяд ва лолаи иффатро метавон танҳо аз қуллаи имон ба даст овард, яъне имони комил барои покиву покдоманӣ ва парҳезгорӣ роҳ мекушояд. Қаҳрамони ғиноӣ мехоҳад оби таҳорати худро аз чашмаи бовар бигирад, яъне мехоҳад бо садоқату ихлос вуҷуди худро муназзаҳу ороста гардонад.

*Миёни машриқу мағриб намениҳам сарҳад,*
*Ки як замини Худо ҳаст ин ҷаҳони дудар.*

Ҷаҳони дудар – дунёе, ки одамон дар он меоянду мераванд.

**Маънӣ:** Шоир мегӯяд, ки миёни Шарқу Ғарб сарҳаде нест, ин ҳарду як замини Худоства набояд фарқе миёни онҳо гузошта шавад. Зеро ин ҳарду нишоне аз ҷаҳони дудар ҳастанд, ки инсон ногузир меояд ва меравад.

*Ба ишқ гӯй, ки девор аз миён бардор,*
*Биё чу Исии рафта ба шодбоши башар.*

**Луғат:**

Девор аз миён бардоштан - киноя аз баҳам омадан.

Исии рафта – ишора ба он, ки Исо-паёмбар, ки маслуб шуда буд, аз замин ба осмон парвоз кард ва дубора баргашт.

**Маънӣ:** Ишқ аст, ки деворҳои маҷозиро мешиканад ва инсонҳоро ба ҳам меорад. Мо ҳам бояд мисли Исои Масеҳ баргардем бо ҳидоятҳои нек, бояд аҳли башарро шодбош гӯем ба муносибати ваҳдат ва ба ҳам омадан.

*Ай одамони сапеду сиёҳу сурху кабуд,*
*Ҳуҷаста бод ба сад шакл ваҳдати ҷавҳар.*

**Луғат:**

**Одамони сапеду сиёҳу сурху кабуд –** ишора ба ранги пӯсти одамон, намояндагони миллату халқҳои гуногун, ки Худованд офаридааст.

Ваҳдати ҷавҳар – киноя аз ягонагии рӯҳҳо.

**Маънӣ:** Бо вуҷуди он, ки одамон сурати гуногун доранд, бигзор рӯҳашон ба ҳам пайванд бошад.

*Муроди ман зи сафар хешро шинохтан аст,*
*Сӯи ҳақиқати худ мекунам сулуки дигар.*

**Луғат:**

Сулук – сайр.

Ҳақиқати худ – ҷавҳари худ, асли худ, ҷаҳони ботинии худ.

**Маънӣ:** Дар байти мақтаъ шоир муроди худро комилан бозгӯ менамояд ва шарҳ медиҳад, ҳадаф аз сафар ба Ғарб – шинохти асолати инсон аст. Ӯ мехоҳад худро шиносад ва асли ҳақиқатро, ки дар ваҳдат аст, дарк кунад.

## 4

Сад ҷурм гирифтӣ, ки чунин бошу чунон бош,
Яъне ки ту ҳам нусхарабои дигарон бош.
Ин тавр биёро руху он тарз бинеҳ по,
Эй маҳви худӣ, мисли фалониву фалон бош.
Он қадр ту хосӣ, ки шудӣ масхараи ом,
Ҳангомаи офоқ нашав, чун ҳамагон бош.
Гуфтам: натавонам чу ту будан, чӣ тавон кард,
Бар айби ман, эй дӯст, ту ҳам дастфишон бош.
Гӯям ба худ, эй ман, гузар аз ман-мании худ,
Аз ин ману ту бар шаву то дӯст равон бош.
Ёр омаду рафт, оҳи варо гӯш накардӣ,
Инак, зи ғубори қадамаш бӯсаситон бош.
Шаб талхакаф аз рахнаи гулбонги тулӯъест,
Дар шабкадаҳо таркиши овози азон бош.
Хуршед, ба поён нафаро, туф бикунандат,
Ҳам чашмрабо бошу ҳам аз чашм ниҳон бош.
Эй сабзтарин, сабзтарин, сабзтарин ишқ,
Сад қарн ҷавон, боз ҷавон, боз ҷавон бош.

**Афоили шеър:** мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлон

**Вазни шеър:** Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** бош

*Сад ҷурм гирифтӣ, ки чунин бошу чунон бош,*
*Яъне ки ту ҳам нусхарабои дигарон бош.*

**Луғат:**

Ҷурм гирифтан – айб ҷустан.

Нусхарабо - киноя аз тақлидгарӣ.

**Маънӣ:** Садҳо айби маро баршумурдӣ ва гуфтӣ, ки

чунину чунон бошам, яъне ки шабеҳи дигарон бошам.

*Ин тавр биёро руху он тарз бинеҳ по,*
*Эй маҳви худӣ, мисли фалониву фалон бош.*

**Луғат:**

Маҳви худӣ – гирифтор бо худ

**Маънӣ:** Ту, ки ба ҷуз худат каси дигареро намебинӣ, бояд рӯи худро ба мисли фалонӣ ороиш бидиҳӣ ва мисли фалонӣ роҳ гардӣ.

*Он қадр ту хосӣ, ки шудӣ масхараи ом,*
*Ҳангомаи офоқ нашав, чун ҳамагон бош.*

**Луғат:**

Хосӣ – хос будан, аз дигарон фарқ доштан.

Масхараи ом – хандахариши мардум.

**Ҳангомаи офоқ -** ба даҳони мардум афтодан, мавриди гуфтугӯи писхандомези одамон қарор гирифтан.

**Маънӣ:** Ту ончунон аз дигарон тафовут дорӣ, ки хандахариши мардум гаштаӣ. Аммо набояд мавриди тамасхури одамон гардӣ, бояд мисли дигарон шавӣ.

*Гуфтам: натавонам чу ту будан, чӣ тавон кард,*
*Бар айби ман, эй дӯст, ту ҳам дастфишон бош.*

**Луғат:**

**Дастфишон бош** – даст афшон, яъне ба ҳолам гузор.

**Маънӣ:** Гуфтам, ки наметавонам мисли ту бошам, бинобар ин, ту ҳам маро ба ҳолам гузор.

*Гӯям ба худ, эй ман, гузар аз ман-мании худ,*
*Аз ин ману ту бар шаву то дӯст равон бош.*

**Луғат:**

Ман-манӣ - худдонамӣ, эътимод ба худ, худписандӣ

Аз ману ту бар шав – аз мардум ва гирифторӣ ба худ ва дигарон берун шав, дур шав.

**Маънӣ:** Ба худ мегӯям, ки аз худписандӣ бояд раҳо шуд, аз гирифторӣ ба худ ва дигарон бояд дур шуд ва ба ёди Дӯст бояд рафт. Дӯст ин ҷо ба маънии классикии худ – Ёри ягона ва Ҳақ таоло ба кор рафтааст.

*Ёр омаду рафт, оҳи варо гӯш накардӣ,*
*Инак, зи ғубори қадамаш бӯсаситон бош.*

**Луғат:**

Ғубор – гард

**Маънӣ:** Замоне, ки Худованд ба ёди ту буд, ту фориғ аз ёди ӯ будӣ, яъне ба ҳарфаш гӯш надодӣ, ҳоло, ки рафтааст, омодаӣ, ки ғубори қадамашро бӯса занӣ. Зеро қадри неъмат баъди неъмат аст.

*Шаб талхакаф аз рахнаи гулбонги тулӯест,*
*Дар шабкадаҳо таркиши овози азон бош.*

**Луғат:**

Талхакаф – тарсанда.

Гулбонги тулуъ – садои расидани тулуъ, ки ба торикӣ рахна мезанад.

Шабкада – шаб.

**Маънӣ:** Шаб аз тулуи хуршед, ки ба торикӣ рахна мезанад, ҳарос дорад. Барои он ки шаб ва торикиро барҳам занӣ, дар шабкадаҳо таркиши овози азон бош, яъне аз омадани субҳ хабар деҳ ва мардумро ба намози бомдод даъват кун. Яъне мардумро аз зулмат дур кун ва бо рӯшаниву субҳ бипайванд.

*Хуршед, ба поён нафаро, туф бикунандат,*
*Ҳам чашмрабо бошу ҳам аз чашм ниҳон бош.*

**Маънӣ:** Хуршед бояд дар мақоми худ, дар боло, дар осмони чаҳорум бошад. Вагарна, агар аз мақоми худ поён фарояд, ба қадри бузургии ӯ нахоҳанд расид. Хосияти хуршед – рабудани чашм аст, яъне чашми инсон

наметавонад ба нури хуршед тоб оварад. Аз чашм ниҳон будан – дар мақоме қарор доштан, ки дастнорас бошӣ.

Сайидо ҳам мегӯяд, ки «Офтобӣ, дар мақоми худ биё, танҳо биё».

Дар байт киноя аз инсони фавқулъода ҳаст, ки бояд дар мақоми худ ҷой дошта ва бо ташвиқи дигарон тақлидгари ом набошад.

*Эй сабзтарин, сабзтарин, сабзтарин ишқ,*
*Сад қарн ҷавон, боз ҷавон, боз ҷавон бош.*

**Луғат:**

Сабзтарин ишқ – ишқи пойдор ва рӯзафзун.

**Маънӣ:** Мухотаби шоир дар ин байт Ишқ аст, ки бо такрори сифати дараҷаи олии «сабзтарин», се маротиба дар мисраъ такрор шуда, ишора ба сарзабзиву нумуъ ва пойдории абадӣ мекунад. Дар мисраи дувум низ се маротиба калимаи «ҷавон» такрор шудааст, ки таъкид ба шукуфоӣ ва ҷовидонии ишқ аст. Шоир ишқро асоси бар шудан аз худ ва дигарон ва сарчашмаи хушбахтӣ мешуморад.

## 5

Нахустин туӣ, охирин ҳам ту бош!
Ҳамин як туӣ, ҳарду олам ту бош!
Дилам рехт бар хок, аз осмон
Фуруд о, Масеҳои Марям ту бош!
Маро сабз кун, сабз кун, сабз, сабз,
Дар ин шӯразор оби Замзам ту бош.
Диламро бараҳна ба дастат бигир,
Нигаҳдори як дона шабнам ту бош.
Чиҳил рӯз хушбахт кун ишқро,
Дар ин чиллагаҳ шамъи маҳрам ту бош.
Барои дили ту якам аз ҳазор,
Барои дили ман муқаддам ту бош.
Ягонатарино, барои дилам
Ҳама дам, ҳама дам, ҳама дам ту бош!

**Афоили шеър:** фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл
**Вазни шеър:** мутақориби мусаммани мақсур
**Радиф:** ту бош

*Нахустин туӣ, охирин ҳам ту бош!*
*Ҳамин як туӣ, ҳарду олам ту бош!*

**Маънӣ:**Ту барои ман аввалину охирин ва ягона ҳастӣ. Дар ҳарду олам танҳо туро парастиш мекунам ва дӯст медорам.

*Дилам рехт бар хок, аз осмон*
*Фуруд о, Масеҳои Марям ту бош!*

**Луғат:**
Дил ба хок рехтан – дил об шудан аз ғами ишқ.
Масеҳои Марям – киноя аз қиссаи Марям, ки гӯё

бидуни қаробат обистан шудааст ва Масеҳоро зодааст.

**Маънӣ:** Дилам об шуду ба хок рехт, яъне ман мурдам ва ту аз осмон фуруд о мисли Масеҳо, ки зодаи Марям аст ва бо нафаси худ мурдагонро зинда мекард. Ман низ мехоҳам аз дами зиндагибахши Масеҳо дубора зинда шавам.

*Маро сабз кун, сабз кун, сабз, сабз,*
*Дар ин шӯразор оби Замзам ту бош.*

**Луғат:**

Сабз кардан – борвар гардонидан.

Оби Замзам - оби бақо, оби покизаву раҳмат, чашмаи муқаддас дар шаҳри Макка.

**Маънӣ:** Хитоб ба маъшуқи олимақом, ки поён фаро, маро аз ишқ саршор гардон, сабзу борвар намо, дар шӯразори дилам мисли оби Замзам зиндагибахш бош.

*Диламро бараҳна ба дастат бигир,*
*Нигаҳдори як дона шабнам ту бош.*

**Луғат:**

Бараҳна – белибос, урён.

**Маънӣ:** Дили маро, ки урёну шаффоф ва мисли шабнам булӯрист, ба даст бигир ва ҳамин як дона шабнам, яъне дили маро ту муҳофиз бош.

*Чиҳил рӯз хушбахт кун ишқро,*
*Дар ин чиллагаҳ шамъи маҳрам ту бош.*

**Луғат:**

Чиллагаҳ – ҷое, ки чил рӯз аз чашмҳо ниҳон инсон бо Зоти Ҳак танҳо ба танҳо ишқ меварзад.

Маҳрам – каси наздик, роздор.

**Маънӣ:** Чиҳил рӯз, ки ман ниҳон аз чашми ғайр аз ишқи ту саршору хушбахтам, ёди ту мисли шамъи маҳрами ин чиллагаҳ аст, ки аз равшании он дили ман мунаввартар мешавад.

*Барои дили ту якам аз ҳазор,*
*Барои дили ман муқаддам ту бош.*

Муқаддам – аввалин.

**Маънӣ:** Дилбастагони ту хеле зиёданд ва барои ту ман яке аз ҳазорон дилбохтагонат ҳастам, аммо барои дили ман ту ҳамеша аввалин ва ягона ҳастӣ.

*Ягонатарино, барои дилам*
*Ҳама дам, ҳама дам, ҳама дам ту бош!*

**Маънӣ:** Ту ягонатарин маъшуқи дилам ҳастӣ ва то ҷовидон чунин бош, зеро муҳаббати ту барои ман мояи саодат ва мояи зинда будан аст.

## 6

Як ҷаҳон сухан дорам бо ҷаҳони маҳкамгӯш,
Ҳолиё, ки мехонад дар қафас дили навҷӯш.
Матлаат чӣ буд, эй дил, мақтаат чӣ хоҳад буд,
То куҷо тапиш дорӣ фориғ аз пагоҳу дӯш.
Зарбае расад аз хасм, зарбаи дигар аз дӯст,
Мешавад зи ҳар зарба зарбаҳои дил хомӯш.
Зери гунбади каҷрав ҳар дақиқа нав бар нав
Мерасад ба қабристон як савори махмалпӯш.
Базми бемайи мо ҳам ифтитоҳу охир шуд
Бе нидои бодобод, бе садои нӯшонӯш.
Бар паропарии мо, эй қазо, манеҳ сакта,
Бар кабӯтарии мо, эй фазо, кушо оғӯш.

**Афоили шеър:** фоилоту мафъӯлун фоилоту мафъӯлун
фоилун мафоӣлун фоилун мафоӣлун

**Вазни шеър:** зубаҳрайн:

*Муқтазаби мусаммани матвии макшуф*
*Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ*

**Радиф:** надорад

*Як ҷаҳон сухан дорам бо ҷаҳони маҳкамгӯш,*
*Ҳолиё, ки мехонад дар қафас дили навҷӯш.*

**Луғат:**

Ҷаҳони маҳкамгӯш – киноя аз фалаки бепарво ва бевафо.

Дили навҷӯш – дили ошиқ

**Маънӣ:** Алҳол ки мурғи дил дар қафаси сина ошиқ асту бо ҷӯшу хурӯш мехонад, мехоҳам як ҷаҳон ҳарфи худро ба гӯши фалак бигӯям, ҳарчанд ки он бепарвову бевафост. Яъне ҳоло ки зиндаву ошиқам ва ҳавсалаи

сухангӯӣ дорам, мехоҳам ҳарфҳои дили худро ба ҷаҳон ва ҷаҳониён бигӯям.

*Матлаат чӣ буд, эй дил, мақтаат чӣ хоҳад буд,*
*То куҷо тапиш дорӣ фориғ аз пагоҳу дӯш.*

**Луғат:**

Матлаву мақтаъ – аввалу охир

Фориғ аз пагоҳу дӯш – бехабар аз дирӯзу фардо

**Маънӣ:** Мухотаб дил аст, ки бехабар аз дирӯзу фардо ва оғозу анҷоми кори худ бо ҳазору як орзуҳои наҷиб бо ҷӯшу хурӯш тапиш дорад.

*Зарбае расад аз хасм, зарбаи дигар аз дӯст,*
*Мешавад зи ҳар зарба зарбаҳои дил хомӯш.*

**Луғат:**

Хасм – душман

**Маънӣ:** Ин дили содаву ошиқ дар ҷараёни зиндагӣ гоҳе аз душман ва гоҳе аз дӯст зарба мехурад ва аз ҳар зарба батадриҷ хомӯш мешавад.

*Зери гунбади каҷрав ҳар дақиқа нав бар нав*
*Мерасад ба қабристон як савори махмалпӯш.*

**Луғат:**

Гунбади каҷрав – киноя аз фалаки каҷрафтор.

Савори махмалпӯш – киноя аз мурда дар дохили тобуте, ки маъмулан бо махмал мепӯшанд ва рӯ-рӯи даст ба қабристон мебаранд.

**Маънӣ:** Дар ин ҷаҳон ҳар лаҳза дили касе хомӯш мешавад, яъне касе мемирад ва ӯро ба манзили охират мебаранд.

*Базми бемайи мо ҳам ифтитоҳу охир шуд*
*Бе нидои бодобод, бе садои нӯшонӯш.*

**Луғат:**

Базми бемай – киноя аз зиндагии бесурур

Нидои бодобод – нӯшбод вақти нӯшидани шароб

**Садои нӯшонӯш –** ба ҳам задани ҷомҳои шароб ҳини нӯшидан

**Маънӣ:** Зиндагии мо низ бидуни шодиву сурур, бидуни мастиву хушҳолӣ оғоз ёфт ва ба анҷом расид.

*Бар паропарии мо, эй қазо, манеҳ сакта,*
*Бар кабӯтарии мо, эй фазо, кушо оғӯш.*

**Луғат:**

Паропарӣ – парвоз.

Қазо – фалак, тақдир.

Сакта – бурида шудан.

**Маънӣ:** Шоир аз фалак талаб ва илтиҷо дорад, ки парвози ӯро қатъ накунад, иҷоза диҳад, ки мисли кабӯтар дар оғӯши зиндагӣ болупар занад ва аз лаззати ҳаёт баҳравар гардад. Сабаби интихоби вожаи кабӯтар он аст, ки ин паранда тадоии зебоиву бевуболӣ ва меҳрубониву сулҳҷӯӣ шинохта шудааст.

Яъне, хулоса ин аст, ки қаҳрамони ғиноӣ мехоҳад ошиқ бимонад ва ба зиндагии худ идома бахшад, то ҳарфҳои худро ба гӯши зиндагӣ бигӯяд.

## 7

Шамими ишқ меояд зи себистони субҳоғӯш,
Шафақ дар шохи миноӣ шакарсебест атласпӯш.
Шаби дӯшин нигаҳ кардам, ки дар гулгашти маҳтобӣ
Фалак ҳам як сабад себи ситора мебарад дар дӯш.
Ба чашмони ту маъмулист ҳар чизи муқаддас ҳам,
Дили ман себи одӣ нест, ин ёқутро мафрӯш.
Надонистӣ, ки бе заҳмат шудӣ бо офтоб анбоз,
Нафаҳмидӣ, ки бе рухсат майи хуршед кардӣ нӯш.
Ҷавонмардӣ чӣ мехоҳам зи дунони муханнасрӯҳ,
Мусалмонӣ чӣ меҷӯям зи холигоҳи кофарҷӯш.
Агар бечора ҳам бошам, ба дӯшам ин рисолат ҳаст:
Ба оҳи дардмандон гӯш додан, гӯш додан, гӯш.
Хиёнат кард саркӯбат, риё аз пушт зад чӯбат,
Дили ман, мурда ҳам бошӣ, бизӣ, фардо бисоз аз дӯш.
Ҷавонӣ рафт, эй тӯфонхурӯҷи ишқи бепосух,
Биё, хомӯш шав, хомӯш шав. На, на, машав хомӯш!

**Афоили шеър:** мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун

**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаммани солим

**Радиф:** надорад

*Шамими ишқ меояд зи себистони субҳоғӯш,*
*Шафақ дар шохи миноӣ шакарсебест атласпӯш.*

**Луғат:**

Себистони субҳоғӯш – себзор ҳангоми дамидани субҳ.

Субҳ – саҳар, соате, ки ҳанӯз ҳама ҷо покизаву муназзаф аст.

Маҷозан – макони қудсии муаттар.

Шамими ишқ – бӯи муаттари ишқ.

**Маънӣ:** Аз макони қудсии покиза ва муаттар пайки ишқ мерасад. Саҳар дар шохи кабуди осмон мисли себе атласӣ пурҷилову пурнур ба назар менамояд. Яъне тасвири манзараи субҳи босафои маҷозист, ки аз омадани ишқ паёме дорад ва ба рӯзи пурнишот умедвор мекунад.

*Шаби дӯшин нигаҳ кардам, ки дар гулгашти маҳтобӣ*
*Фалак ҳам як сабад себи ситора мебарад дар дӯш.*

**Луғат:**

Шаби дӯшин – шаби гузашта.

Гулгашти маҳтобӣ - фазои рангину мунаққаши осмон, ки гардишгоҳи моҳтоб аст.

Себи ситора - осмони пурситора. Себ дар ҳарду байт меваи одӣ нест, киноя аз меваи қудсист.

**Маънӣ:** Тасвири манзараи шаб, ки дар шуълаи моҳтоб гӯё фалак низ рӯи китфи худ як сабади бузурги пур аз ситораи себро мебарад.

*Ба чашмони ту маъмулист ҳар чизи муқаддас ҳам,*
*Дили ман себи одӣ нест, ин ёқутро мафрӯш.*

**Луғат:**

Ёқут – санги қиматбаҳои сурх.

**Маънӣ:** мухотаб маъшуқи бепарво ва камэҳсос аст, ки дар назараш ҳама чизи муқаддас ҳам маъмулӣ ва муқаррарӣ менамояд. Аммо қаҳрамони лирикӣ ба ӯ мурољиат карда мегӯяд, ки дилаш себи одӣ нест, балки ёқути нодир аст, ки набояд арзиши онро нодида бигирад ва ба осонӣ аз баҳри он барояд. Ба ин маънӣ Ҳофизи бузург мегӯяд:

*Дӯст мафруш ба дунё, ки басе суд накард,*
*Он ки Юсуф ба зари носара буд бифрӯхта.*

*Надонистӣ, ки бе заҳмат шудӣ бо офтоб анбоз,*
*Нафаҳмидӣ, ки бе рухсат майи хуршед кардӣ нӯш.*

**Луғат:**

Анбоз – ҳамдам, ошно.

Майи хуршед – шароби маҷозӣ, шароби ишқ

**Маънӣ:** Маъшуқ хабар надорад, ки бе ҳеҷ заҳмате ӯ бо офтоб, яъне бо нуру гармиву саодат ҳамдам шудааст ва худ бехабар он шароби рӯшани ишқро нӯшидааст.

*Ҷавонмардӣ чӣ мехоҳам зи дунони муханнасрӯҳ,*
*Мусалмонӣ чӣ меҷӯям зи холигоҳи кофарҷӯш.*

**Луғат:**

Дунон – фурӯмоягон, разилон.

Муханнасрӯҳ – пасту сифла ва нокасоне, ки рӯҳи қавӣ надоранд.

Кофарҷӯш – пур аз кофар.

**Маънӣ:** Аз фурӯмоягон ҷавонмардӣ ҷустан хатост, чунонки аз кофаристон имкон надорад, ки мусалмонӣ ба бор ояд. Мусалмонӣ ин ҷо ба маънои боимонӣ ва покӣ аст ва кофарӣ баръакси он.

*Агар бечора ҳам бошам, ба дӯшам ин рисолат ҳаст:*
*Ба оҳи дардмандон гӯш додан, гӯш додан, гӯш.*

**Маънӣ:** Ҳарчанд ки чорасоз нестам ва аз дастам коре намеояд, пеши худ вазифа ва масъулияте дорам, ки ба ҳарфи дардмандон гӯш бидиҳам, оҳи дили онҳоро бишнавам ва бо сухан барои дили онҳо таскин бубахшам.

*Хиёнат кард саркӯбат, риё аз пушт зад чӯбат,*
*Дили ман, мурда ҳам бошӣ, бизӣ, фардо бисоз аз дӯш.*

**Луғат:**

Риё – худро накӯкор ва покдоман ба қалам додан, ба ҷо овардани коре барои худнамоӣ, дурӯягӣ ва мунофиқӣ

Саркӯб - маҷ. сарзаниш, таъна

**Маънӣ:** Мухотаб дил аст, шоир ба он мурочиат карда мегӯяд, ки ҳарчанд аз хиёнат саркӯб шудаӣ ва мунофиқону дурӯягон аз қафо чӯбат задаанд, яъне туро дар ғафлат мононда азияти зиёд бахшидаанд ва ба ҳоли мурдан

расонидаанд, аммо ту бизӣ ва аз дирӯзи худ фардо бисоз. Яъне ба фардо бовар кун, ба зиндагӣ умеди нав бубахш.

*Ҷавонӣ рафт, эй тӯфонхурӯҷи ишқи бепосух,*
*Биё, хомӯш шав, хомӯш шав. На, на, машав хомӯш!*

**Луғат:**

Тӯфонхурӯҷ – ба хурӯҷ омада ба мисли тӯфон

**Маънӣ:** Мухотаб боз ҳамон дили беқарору оташин аст, ки ишқаш бепосух монда ва ҷавониаш низ сипарӣ шудааст. Бинобар ин вақти он омадааст, ки бояд хомӯш шавад. Сараввал қаҳрамони ғиноӣ зоҳиран омода аст, ки марги дилро қабул кунад, бинобар ин розӣ аст, ки хомӯш бишавад. Вале дар лаҳзаи охир дарк мекунад, ки ин хомӯшӣ ҳамрадифи марг аст, бинобар ин бо тамоми дилу ҷон ва қотеона ба рағми чунин хомӯшиву марг бармехезад ва мегӯяд, ки «на, на, машав хомӯш!». Яъне ба рағми хиёнату риё қаҳрамони ғоноӣ мехоҳад, ки шуълаи ишқ дар дилаш фурӯзон бимонад, зеро мабнои тамоми нуру зиёву рушанӣ ва дар маҷмӯъ зиндагии босаодат, ҳамин ишқ аст.

## 8

Дилтанг шуд фаришта ҳам аз беҷунуниям,
Шаҳре ба шӯр омад аз ин пурсукуниям.
Муллои бешарор ба набзам ниҳод даст,
Табларзааш гирифт аз ин сардхуниям.
Зан будани маро ба таҳи шубҳа мениҳад
Нодилбарию содагию бефусуниям.
Як пайкари ҳақираму як ҷавҳари мунир,
Ниме бузургиям ману ниме забуниям.
Оғозномае ба китобе навиштаам,
Хандед, раҳзанон, ба ману раҳнамуниям.
Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,
Сад файласуф хира шуд аз «зӯфунуниям».
Ояндаи азиз, диламро ба каф бинеҳ,
Ҳамрӯзгори тустам, оре, кунуниям.
Як рӯз куди қулфи диламро зи бар бикун,
Эй соҳиби ҳақиқии ганҷи даруниям.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** **н**адорад

*Дилтанг шуд фаришта ҳам аз беҷунуниям,*
*Шаҳре ба шӯр омад аз ин пурсукуниям.*

**Луғат:**

Беҷунунӣ – оромӣ, хунсардӣ.

Пурсукунӣ – пур аз сукунат, пур аз хомӯшӣ.

**Маънӣ:** Сухан аз оромиву сукут ва бешарар будани дили инсонест, ки ошиқ нест. Фаришта бо оромтабиатӣ ва бемуҳаббатӣ маъруф аст, вале аз беҷунунии ман ҳатто

фаришта дилтанг шуд. Тамоми шаҳр аз хунсардии ман ба шӯр омад.

*Муллои бешарор ба набзам ниҳод даст,*
*Табларзааш гирифт аз ин сардхуниям.*

**Луғат:**

Бешарор – дилаш аз ҷӯш мондаву бепарво

**Маънӣ:** Мулло барои табобати бемор маъмулан даст ба набзи ӯ мениҳад. Аммо ӯ худ як нафари бешарорест, ки дилаш аз ҷӯш мондааст. Вақте мулло набзи маро санҷиданӣ шуд, аз сардхунии ман ончунон ба ҳайрат афтод, ки табларзааш гирифт.

*Зан будани маро ба таҳи шубҳа мениҳад*
*Нодилбарию содагию бефусуниям.*

**Луғат:**

Нодилбарӣ – орӣ аз сифати дилбарӣ.

Бефусунӣ – бефиреб.

**Маънӣ:** Гоҳе ба зан будани ман бо шубҳа менигаранд, зеро дилбариву макру фусун, ки ба ҷинси зан хос аст, ба ман хос нест. Баръакс нодилбариву содагиву бефусунӣ дар хилқати ман аст, ки зан будани маро зери шубҳа мегузорад.

*Як пайкари ҳақираму як ҷавҳари мунир,*
*Ниме бузургиям ману ниме забуниям.*

**Луғат:**

Пайкари ҳақир – киноя аз ҷисми нотавон.

Ҷавҳари мунир – ботини рӯшан.

Забунӣ – нотавонӣ.

**Маънӣ:** Ман як ҷисми нотавоне ҳастам бо хилқати рӯшан, бинобар ин ниме аз бузургӣ ва ниме аз нотавонӣ таркиб ёфтаам.

*Огозномае ба китобе навиштаам,*
*Хандед, раҳзанон, ба ману раҳнамуниям.*

**Луғат:**

Оғознома – сарсухан, пешгуфтор

Раҳзанон – ин ҷо ба маънии онҳое, ки аз роҳи рост ба роҳи хато мебаранд.

**Маънӣ:** Бо ин забуниву ҳақирӣ сарсухане, иршодномае ба китоби адиби ҷавоне навиштаам, бинобар ин, шумо, ҷурмҷӯёну раҳзанон, ба мане, ки худ ба раҳнамоӣ ниёз дорам, метавонед бихандед.

*Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,*
*Сад файласуф хира шуд аз «зӯфунуниям».*

**Луғат:**

Зӯфунунӣ – ҳамадонӣ.

Хира шудан – саргаранг шудан, дарк накардан.

**Маънӣ:** Ҳосили ҷамъи ман ҷамъи манро икс гуфтам, ки тамоми фозилони замон аз ин нодониву ҷаҳолати ман дар ҳайрат монданд.

*Ояндаи азиз, диламро ба каф бинеҳ,*
*Ҳамрӯзгори тустам, оре, кунуниям.*

**Маънӣ:** Ин ҷо мухотаби шоир «оянда», яъне фардост ва ин фардоро ӯ «азиз» меномад, зеро ба он эътимод дорад ва худро як нафаре аз оянда меҳисобад. Ҳамрӯзгори тустам – яъне бо ту эй ояндаи азиз, ҳамрӯзгорам, ҳамзамонам, агарчи кунуниям, яъне имрӯзиям.

*Як рӯз куди қулфи диламро зи бар бикун,*
*Эй соҳиби ҳақиқии ганҷи даруниям.*

**Луғат:**

Куди қулф – рамзе, ки тариқи он қулф боз мешавад, аммо ин ҷо қулфи оддӣ нест, қулфи дил аст.

Шоир аз оянда хоҳиш дорад, ки рамзи қулфи дили

ӯро дар хотир ҳифз кунад, то рӯзе дари дилро во намуда, ганҷи дарунии онро берун кунад. Ба қавли шоир, «соҳиби ҳақиқии ганҷи дарунии ӯ» як нафаре аз оянда аст, вале ӯ ин ояндаро «азиз» меномад ба он хотир, ки маҳз ӯ бояд ба умқи дили қаҳрамони ғиноӣ роҳ ёбад.

**Хулоса:** Бо тамоми бузургиву нотавоние, ки дорам, умед ба фардо мебандам, ки маро бишносад ва ба оянда роҳхат бидиҳад, то ганҷҳои нуҳуфтаи дили ман барои фардоиён низ боз шавад ва маро ба унвони як нафар аз ҳамзамонони худ бишносанд.

## 9

Эй азизи раҳбурда, бар фарози маъноям,
Номи хешро бишнос аз хутути зебоям.
Безабон сухан гӯянд офтобу оина
Эй нигоҳи ту гӯё бо нигоҳи гӯёям.
Ҳаҷри туст шӯрангез дар шаби афифи ман,
Васли туст шабнамрез дар хаёли раъноям.
Ҷон шабиҳи ҷон омад, ишқ дар миён омад,
Нақши ту мусаввар шуд дар сиришту симоям.
Не ниҳон, на пайдоӣ, эй ниҳонтарин пайдо,
Доғи туст, доғи ту дар ниҳону пайдоям.
Беситорае чун ман бо ту офтобӣ шуд,
Бо ту офтобӣ шуд фитрати мусаффоям.
Лаззатест рафтанро, лаззате, ки мислаш нест,
То ту гом хоҳам зад, қуллаи таманноям!

**Афоили шеър:** фоилоту мафъӯлун фоилоту мафъӯлун фоилун мафоӣлун фоилун мафоӣлун
**Вазни шеър:** зубаҳрайн:
*Муқтазаби мусаммани матвии макшуф*
*Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ*
**Радиф:** надорад

*Эй азизи раҳбурда, бар фарози маъноям,*
*Номи хешро бишнос аз хутути зебоям.*

**Луғат:**

Азизи раҳбурда – шахси азизе, ки раҳ ёфтааст, дарк кардааст

Фарози маъно – маъниҳои баланд ва амиқ

**Хутут –** хат

**Маънӣ:** Эй азизе, ки ба умқи маъниҳои ман,ба дили

ман раҳ ёфта ва матлаби маро дарк кардаӣ, бидон, ки ҳарчи менависам, ба номи туст. Аз ин хат, ки ба шарофати номи ту чунин зебо шуда, бидон, ки андаруни он номи туст.

Дар рубоие Фарзона матлаби фавқро чунин овардааст:

*Дар лавҳи дилам номи ту мемонаду бас,*
*Зарлавҳи дилам номи ту мемонаду бас.*
*Бо он ки ҳазорбора ҳам хат бизананд,*
*Сарлавҳи дилам номи ту мемонаду бас.*

*Безабон сухан гӯянд офтобу оина,*
*Эй нигоҳи ту гӯё бо нигоҳи гӯёям.*

**Луғат:**

Нигоҳи гӯё – нигоҳе, ки аз он метавон ҳарфҳои дили бинандаро пай бурд.

**Маънӣ:** Вақте акси офтоб ба оина меафтад, аз шуои он оина нур мегирад ва таҷаллӣ мезанад ва чунин равобити зебо бидуни сухан ҳосил мешавад. Нигоҳи ту низ мисли нигоҳи офтоб ба оина аст. Нигоҳи ман аз он нур мегирад ва мисли нигоҳи ту гӯё мешавад.

*Ҳаҷри туст шӯрангез дар шаби афифи ман,*
*Васли туст шабнамрез дар хаёли раъноям.*

**Луғат:**

Афиф – покдоман, боиффат, парҳезгор

Раъно – зебову дилкаш, нарму мулоим

Шабнамрез – рехтани шабнам, қатраҳои покизаи саҳаргоҳӣ

**Маънӣ:** Аз дуриву ҷудоии ту шабҳои поку парҳезгории ман пур аз шӯру ҳиссиёти ишқ аст. Дар хаёлҳои зебои худ васли туро мепарварам, ки покиза мисли шабнам аст.

*Ҷон шабиҳи ҷон омад, ишқ дар миён омад,*
*Нақши ту мусаввар шуд дар сиришту симоям.*

**Луғат:**

Шабиҳ – монанд.

Мусаввар – тасвир.

Сиришту симо – ботину зоҳир.

**Маънӣ:** Чун ишқ ба миён омад, мисли ҷон дар ҷони ман ҷо шудӣ ва дар тамоми корҳои ман, дар зоҳиру ботини ман, вуҷуди ту нақше аз худ боқӣ гузошт.

*Не ниҳон, на пайдоӣ, эй ниҳонтарин пайдо,*
*Доғи туст, доғи ту дар ниҳону пайдоям.*

**Луғат:**

Ниҳон – пинҳон.

Ниҳонтарин пайдо – касе, ки ниҳон аст, вале ҳузурашро эҳсос мекунанд.

Доғ – ин ҷо ба маънои аз шиддати дарди фироқ ва ишқ сӯхтан.

**Маънӣ:** Ту на пайдоиву на пинҳон, ҳарчанд ки ниҳон ҳастӣ, ҳузуратро ҳама дам эҳсос мекунам. Дарду алами ишқи ту саропоямро фаро гирифтааст.

*Беситорае чун ман бо ту офтобӣ шуд,*
*Бо ту офтобӣ шуд фитрати мусаффоям.*

**Луғат:**

Беситора –маҷозан бетолеъ, бенур.

Офтобӣ – рӯшан ва муҷалло.

Фитрат – вуҷуд.

**Маънӣ:** Каҳрамони ғиноӣ худро як нафари камтолеъ мешуморад, аммо аз офтоби ишқ ҳастии ӯ мунаввар ва офтобӣ шудааст. Ботини беғубори ӯ аз вуҷуди офтоби ишқ нур гирифт ва тозаву поку дурахшон гашт.

*Лаззатест рафтанро, лаззате, ки мислаш нест,*
*То ту гом хоҳам зад, қуллаи тамманоям!*

**Луғат:**

Гом задан – роҳ рафтан.

Қуллаи таманно – қуллаи орзу, ормон.

**Маънӣ:** Рафтан, ба баландӣ бароматдан лаззати бемисл дорад. Ту, ки қуллаи муроди ману ормони манӣ, то ту рафтан саодати бемисл аст, ки мехоҳам ба он бирасам.

Хулоса: Сухан аз ишқ ба ёри ормонист, ки ҳам осмонӣ ҳасту ҳам заминӣ. Ишқи заминии муаллиф ба инсони комил, ба як инсони расост, ки аз вуҷудаш ҳастии ошиқ пур аз рӯшаниву нур мешавад ва ба васли ӯ расидан, боло рафтан, заҳмати расидан ба васли ёрро кашидан, яъне, расидан ба қуллаи мурод, ба қуллаи таманно мояи саодати ҷовидонист.

## 10

Кош, аз фалсафаҳо барканаму сода шавам,
Ишти гул хонаму ҳамқисмати шаббода шавам.
Зиндагӣ шодии худро, ки дареғ аз ман дошт,
Ба пазируфтани ғамҳои вай омода шавам.
Буданам оинае буд, ки зангор гирифт,
Ку зудояндаи зангор, ки озода шавам.
Ҷода охир шуду ҷуз ҳеч дар анбонам нест,
Дер бошад, ки раҳомӯзи дигар ҷода шавам.
Ту ҳидоят бикун, эй дӯст, ки шокир гардам,
Баъд аз ин бӯсагузори рухи саҷҷода шавам.
Манам он қуфли дари роз, ки кудаш донӣ,
Ба ҳама баста шавам, баҳри ту бикшода шавам.

**Афоили шеър:** фоилотун фаилотун фаилотун фаилун
**Вазни шеър:** Рамали мусаммани махбуни маҳзуф
**Радиф:** шавам

*Кош, аз фалсафаҳо барканаму сода шавам,*
*Ишти гул хонаму ҳамқисмати шаббода шавам.*

**Луғат**:
Ишт – гимн, суруд, қисмате аз Авасто
Баркандан аз фалсафа – дур шудан аз андешапарастӣ

**Маънӣ**: Кош аз андешаронихои зиёд озод мешудам ва як инсони содаву беғаме мебудам мисли шаббодаву насим, ки барои гулҳо суруд мехонанд.

*Зиндагӣ шодии худро, ки дарег аз ман дошт,*
*Ба пазируфтани гамҳои вай омода шавам.*

**Маънӣ:** Зиндагӣ маҷмӯи шодиву ғам аст, ба касе шодии бештаре медиҳаду ба каси дигар ғаму ғусса. Азбаски

зиндагӣ ба ман шодӣ набахшид, бояд омода бошам барои пазируфтани ғамҳо.

*Буданам оинае буд, ки зангор гирифт,*
*Ку зудояндаи зангор, ки озода шавам.*

**Луғат:**

Зангор гирифтан – занг задан.

Зудоянда – покизакунанда.

**Маънӣ:** Ман мисли оинае ҳастам, ки зангор гирифтааст, оё ҳаст касе, ки ин зангорро бишӯяд ва маро покизаву озода гардонад?

*Ҷода охир шуду ҷуз ҳеч дар анбонам нест,*
*Дер бошад, ки раҳомӯзи дигар ҷода шавам.*

**Луғат:**

Ҷода – роҳ.

Анбон – хазина, анбор.

**Маънӣ:** Роҳи зиндагӣ ба поён мерасад, вале кӯлбори ман ҳанӯз холист, чизе тӯшаи раҳ барои бурдан надорам. Аммо барои бо дигар роҳ рафтан, барои омӯхтани роҳи дигар, мутаассифона, дер шудааст.

*Ту ҳидоят бикун, эй дӯст, ки шокир гардам,*
*Баъд аз ин бӯсагузори рухи саҷҷода шавам.*

**Луғат:**

Ҳидоят – раҳнамоӣ.

Шокир – шукргузор.

Саҷҷода – ҷойнамоз.

**Маънӣ:** Эй дӯст (муроҷиат ба Офаридгор), ту ба ман раҳнамоӣ бикун, ки шукргузор бошам ва бароят саҷда намоям, бӯса ба рӯйи саҷҷода занам. Яъне ба роҳи ту ворид шавам ва шукргузори даргоҳи ту бошам.

*Манам он қуфли дари роз, ки кудаш донӣ,*
*Ба ҳама баста шавам, баҳри ту бикшода шавам.*

**Луғат:**

Роз – он чи дар замири дил аст, матлаби пинҳонӣ, сирри дил.

Куд – код, рамз барои кушодани қулф.

**Маънӣ:** Ман ба мисли қуфле ҳастам, ки паси он сирри дилам ниҳон аст ва танҳо ту рамзи ин қулфро медонӣ. Ман танҳо барои ту кушода мешавам, аммо ба ҳама каси дигар баста ҳастам.

**Хулоса,** ман як нафари ғамгину андешаманде ҳастам, ки аз ту, Худовандгорам, хоҳиш дорам, маро шукргузорӣ биомӯзӣ ва ин дили пурасрори маро, ки танҳо барои ту мезанад, бишносӣ ва маро раҳнамоӣ кунӣ, ки ҳамеша бо ту бошам ва шукргузори даргаҳат гардам.

## 11

Куҷо донам, ки охир аз куҷоям,
Ту медонӣ маҳалли мубтадоям.
Мазан панҷа, ки ҳассос офаридӣ
Пиёнуям, гиторам, уду ноям.
Чаро як шаъшаа нурам надодӣ,
Зи обу гил сириштӣ муҳтавоям.
Худоҷон, бӯсамат аз дур, аз дур,
Чӣ бепосух нишинӣ бар чароям.
На аз тақвими гулҳои баҳорам,
Гули обонам, аммо дерпоям.
Чу Буддо зери нахле менишинам,
Зи қайди меҳру нафринҳо раҳоям.
Дар ин шаҳре, ки як сомеъ надорам,
Ба дунболи чӣ мегардад садоям.
Каломам шарқиву фикрам фарангӣ,
Аҷибам, кӯҳнадӯзи навгароям.
Касе омад, паси дар по ба по зад,
Бигӯ охир лаби бемарҳабоям:
Бифармо, қосиди хуршедпайғом,
Чӣ овардӣ, чӣ овардӣ бароям.
Бифармо, зиндагӣ, эй пайки фардо,
Ба ташрифи ту дарро мекушоям.

**Афоили шеър:** мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун
**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф
**Радиф:** надорад

*Куҷо донам, ки охир аз куҷоям,*
*Ту медонӣ маҳалли мубтадоям.*

**Луғат:**

Маҳалли мубтадо – оғозгоҳ.

**Маънӣ:** Ман намедонам, ки аз куҷо ҳастам ва чи гуна ба зиндагӣ омадам. Танҳо ту, Офаридгори ман, медонӣ, ки ман аз куҷо ибтидо мегирам.

*Мазан панҷа, ки ҳассос офаридӣ*
*Пиёнуям, гиторам, уду ноям.*

**Луғат:**

Пиёну – пианино, асбоби мусиқӣ

**Маънӣ:** Ман мисли торҳои асбоби мусиқӣ (пианино, гитор, уд ва ной) хеле ҳассос ҳастам, ки баробари расидани панҷа ба наво меоям, бинобар ин хоҳиш мекунам, ки маро азият мадеҳ, панҷа ба торҳои қалби ман мазан.

*Чаро як шаъшаа нурам надодӣ,*
*Зи обу гил сириштӣ муҳтавоям.*

**Луғат:**

Шаъшаа – дурахш,ҷило.

Муҳтаво – таркиб.

**Маънӣ:** Офаридгоро, чаро таркиби маро аз обу гил сохтӣ, аз нур насохтӣ?

*Худоҷон, бӯсамат аз дур, аз дур,*
*Чӣ бепосух нишинӣ бар чароям.*

**Луғат:**

Чароям – чаро гуфтан, саволҳои ман.

**Маънӣ:** Худоҷон, ту ба саволҳои ман бепосух менишинӣ, вале дӯстат медорам ва туро аз дури дур мебӯсамат. Ду маротиба такрор шудани вожаи «дур» ишора ба аз ҳад зиёд дур будан, дастнорас будани мухотаб аст.

*На аз тақвими гулҳои баҳорам,*
*Гули обонам, аммо дерпоям.*

**Луғат:**

Тақвим – ҷадвали рӯзҳо ва моҳҳои сол.

Обон – тирамаҳ.

Дерпо – дарозумр.

**Маънӣ:** Ман дар шумори гулҳои баҳорӣ нестам, маро ту дар тирамаҳ офаридӣ. Гулҳои тирамаҳ, агарчи мисли гулҳои баҳорӣ нафис нестанд, вале дарозумртаранд. Ман ҳам, бо он ки зодаи обонам, умедворам, ки дар дили инсонҳо қароргоҳи ҷовидон ёбам.

*Чу Буддо зери нахле менишинам,*
*Зи қайди меҳру нафринҳо раҳоям.*

**Луғат:**

Буддо – асосгузори дини буддоия, қадимтарин дини ҷаҳонӣ аст, ки дар асрҳои У1-У то милод зиста, дини ӯ дар кишварҳои Шарқи Осиё паҳн шудааст. Мувофиқи ривоятҳо Буддо дур аз мардум зери нахле менишаст ва фориғ аз гирудори дунё худро аз дарун тоза мекард.

Қайд – гирифторӣ, банд.

**Маънӣ:** Ман мисли Буддо дур аз муҳаббат ва нафрати одамон нишастаам.

*Дар ин шаҳре, ки як сомеъ надорам,*
*Ба дунболи чӣ мегардад садоям.*

**Луғат:**

Сомеъ –шунаванда.

Дунбол – аз паси, аз қафои.

**Маънӣ:** Гӯши мардуми ин шаҳр, мутаассифона, баста аст ба садои ман. Касе ҳарфҳои маро гӯш намекунад. Маълум нест, ки ҳарфҳои ман барои кӣ гуфта мешаванд.

*Каломам шарқиву фикрам фарангӣ,*
*Аҷибам, куҳнадӯзи навгароям.*

**Луғат:**

Фарангӣ – аврупоӣ, ғарбӣ.

Навгаро – навпараст.

**Маънӣ:** Сухани ман шарқист, вале андешаҳоям ғарбӣ, яъне, дар вуҷуди ман фарҳангҳо ба ҳам омехтаанд. Яъне як нафари навгарое ҳастам бо тамоми ақибмондагӣ.

*Касе омад, паси дар по ба по зад,*
*Бигӯ охир лаби бемарҳабоям:*

**Луғат:**

Бемарҳабо – бетакаллуф.

**Маънӣ:** Касе пушти дар омадаву интизор аст, ки дар боз шавад ва вақти он аст, ки ман ба ӯ хайра мақдам, хуш омадӣ бигӯям.

*Бифармо, қосиди хуршедпайғом,*
*Чӣ овардӣ, чӣ овардӣ бароям.*

**Луғат:**

Қосиди хуршедпайғом – қосиде, ки пайки хубу рӯшане овардааст.

**Маънӣ:** Хуш омадӣ, эй қосиди хушхабар, бифармо, чи ҳадяе барои ман овардӣ?

*Бифармо, зиндагӣ, эй пайки фардо,*
*Ба ташрифи ту дарро мекушоям.*

**Маънӣ:** Хуш омадӣ, зиндагӣ, паёме аз фардо овардӣ ва ман хурсандона дарро барои ту, ба рӯи ту боз мекунам, зеро як умр туро интизорам.

**Хулоса:** Омадани паёме аз фардо барои мани дур аз меҳру нафрат ва бетафовут ба шодиву ғам, мояи шодмонӣ ва бедор шудани муҳаббат ба зиндагӣ ва умед ба оянда аст.

## 12

Меравад ба номи ту номаи навирсолам,
Эй ба номи ту пайванд орзуву омолам.
Он азиз мепурсад: чандсолаӣ, эй дӯст,
Аз ҳама ҷавонам ман в-аз ҳама куҳансолам.
Пеши роҳи ман баста сад қатораи таҳсин,
Сад ҳазор лаънат ҳам медавад зи дунболам.
Он табиби обу гил чораам намесозад
В-он табиби ҷону дил огаҳ аст аз ҳолам.
То зи ғайб нозил шуд як қалам ба дасти ман,
Беқалам бишуд хоно бар ҳама хату холам.
Шарҳи ин муамморо чун диҳам, ки ҳайронам,
Пеши халқ гӯёям, пеши Ту фақат лолам.
Ҷамъу тарҳи ман нашмар, чунки ҳарду ҳамвазнанд,
Ҳар қадар, ки аз хокам, он қадар зи салсолам.

**Афоили шеър:** фоилоту мафъӯлун фоилоту мафъӯлун фоилун мафоӣлун фоилун мафоӣлун
**Вазни шеър:** зубаҳрайн:
*Муқтазаби мусаммани матвии макшуф*
*Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ*
**Радиф:** надорад

*Меравад ба номи ту номаи навирсолам,*
*Эй ба номи ту пайванд орзуву омолам.*

**Луғат:**
Номаи навирсол – номае, ки нав фиристода шудааст.
Омол – орзу.

**Маънӣ:** Номае, ки навиштам, ба номи туст. Сухан дар бораи шеъре, ки ба тозагӣ иншо шудааст ва муаллиф онро барои маҳбуби аслии худ – Офаридгор гуфтааст. Ба номи ӯ тамоми орзуву омоли шоир пайванд аст.

*Он азиз мепурсад: чандсолаӣ, эй дӯст,*
*Аз ҳама ҷавонам ман в-аз ҳама куҳансолам.*

**Маънӣ:** Дар ашъори Фарзона истифодаи санъати тазод ва парадокс аз воситаҳои маъмулии шеър аст. Бинобар ин шоир ин ҷо низ мегӯяд, ки агар аз синну соли ман бипурсӣ, аз ҳама ҷавон ва дар айни ҳол аз ҳама куҳансолам. Яъне синну соли ман моҳият надорад.

*Пеши роҳи ман баста сад қатораи таҳсин,*
*Сад ҳазор лаънат ҳам медавад зи дунболам.*

**Маънӣ:** Таърифи зиёд инсонро аз пешравӣ бозмедорад. Аз ситоишҳои пурмуболиға пеши роҳи ман ҳам баста аст. Аммо дар айни ҳол ҳазор касе ҳам ҳаст, ки аз пайи ман лаънат мехонад ва ба ман нафрат дорад. Яъне як нафаре ҳастам, ки атрофиён бо таъриф ва нафрини худ маро иҳота кардаанд. Ин ҷо низ ҳамон парадокс ба назар мерасад.

*Он табиби обу гил чораам намесозад*
*В-он табиби ҷону дил огаҳ аст аз ҳолам.*

**Луғат:**

Табиби обу гил – табиби ҷисм.

**Маънӣ:** Табиби оддӣ, табиби ҷисм наметавонад ба дарди ман даво бубахшад. Аз ҳоли ман танҳо табиби ҷону дил, яъне худи Офаридгор огоҳ аст ва мушкилоти маро, дарди маро як ӯ медонад ва қодир ба шифо бахшидан аст.

*То зи ғайб нозил шуд як қалам ба дасти ман,*
*Беқалам бишуд хоно бар ҳама хату холам.*

**Луғат:**

Нозил шудан – фиристода шудан.

Хату хол – киноя аз аҳвол.

**Маънӣ:** Аз ғайб ба дасти ман хомае фиристода шуд, то вазъи дилу ҷони худ бинвисам. Дигар ҳоҷат ба қалами

машшота намонд, ки дар рӯям хату хол офарад, зеро бе қалам низ номаи ман ба ҳамагон боз шуд.

*Шарҳи ин муамморо чун диҳам, ки ҳайронам,*
*Пеши халқ гӯём, пеши Ту фақат лолам.*

**Маънӣ:** Ин муамморо намедонам, чи гуна шарҳ диҳам, зеро пеши мардум ман суханварам, аммо пеши ту забонам лол аст.

*Ҷамъу тарҳи ман нашмар, чунки ҳарду ҳамвазнанд,*
*Ҳар қадар, ки аз хокам, он қадар зи салсолам.*

**Луғат:**

Ҷамъу тарҳ – савобу гуноҳ.

Салсол – оби равони соф ва гуворо.

**Маънӣ:** Савобу гуноҳи маро машумор, зеро мисли тамоми инсонҳо пур аз гуноҳу савобам. Вуҷуди ман сиришта аз гилу об аст. Он сон ки обу гил дар вуҷуди ман баробаранд, хубиву бадии ман низ ҳамвазн аст.

## 13

Ягонае чу ту дар ин дудар наёфтаам,
Муродифи ту касеро дигар наёфтаам.
Ҳазор кардаму роҳе ба қалби бастаи ту-
Ба он ҷазираи касногузар наёфтаам.
Ба чор сӯ бидавидам ба фатҳи рӯҳи авом,
Аз ин даводави ботил самар наёфтаам.
Ба шаҳри мо кӣ харад қанди порсиямро,
Ҳақо, ки муштариёни шакар наёфтаам.
Ниёзманди шакарҳои хокмоламро
Чӣ ҷои шаҳр, ки дар баҳру бар наёфтаам.
Маро ба ақрабаи соатам мусобиқаест,
Дар озмуни давидан зафар наёфтаам.
Тулӯъ ҳам, ки накардам, ғуруб ҳам накунам,
Ман аз тулӯъу ғурубам хабар наёфтаам.
Дигар зи чашми кӣ таҳмондаи нигаҳ ҷӯям,
Чу чашмҳои ту соҳибназар наёфтаам.
Шудам рафиқи раҳи ҳафт миллиард одам,
Вале нишоне аз он як нафар наёфтаам.

**Афоили шеър:** мафоилун фаилотун мафоилун фаилун
**Вазни шеър:** муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф
**Радиф:** наёфтаам

*Ягонае чу ту дар ин дудар наёфтаам,*
*Муродифи ту касеро дигар наёфтаам.*

**Луғат:**

Дудар – киноя аз ҷаҳон, ки инсон гӯё аз як дари он ворид мешавад ва аз дари дигар - хориҷ.

Муродиф – монанд, шабеҳ.

**Маънӣ:** Мухотаби шоир маъшуқи самоӣ, яъне

Офаридгор аст ва дар айни ҳол як Инсони комил ва расои ормонӣ. Ӯ мегӯяд, ки дар ин ҷаҳон касеро шабеҳи ту наёфтам. Ту ягона ва бемислу монанд ҳастӣ.

*Ҳазор кардаму роҳе ба қалби бастаи ту-*
*Ба он ҷазираи касногузар наёфтаам.*

**Луғат:**

Қалби баста – диле, ки ба он роҳ ёфтан мушкил аст, дили сангин.

Касногузар – ҷое, ки аз он касе гузашта наметавонад

**Маънӣ:** Ҳазор чора ҷустам, вале азбаски дили ту ба мисли ҷазираи касногузар дастнорас ва сангин аст, роҳи боз кардан ва фатҳ намудани онро наёфтам.

*Ба чор сӯ бидавидам ба фатҳи рӯҳи авом,*
*Аз ин даводави ботил самар наёфтаам.*

**Луғат:**

Фатҳ – ба даст овардан.

Авом – омма, мардум.

Ботил – беҳуда.

**Маънӣ:** Хеле такопӯ кардам, саъй намудам, ки рӯҳи мардумро фатҳ намоям, ба дили онҳо роҳ ёбам, вале ин талошҳои ман ҳама беҳудаву бесамар буданд.

*Ба шаҳри мо кӣ харад қанди порсиямро,*
*Ҳақо, ки муштариёни шакар наёфтаам.*

**Луғат:**

Қанди порсӣ – киноя аз сухани нобу ширини форсӣ.

Ҳақо – дар ҳақиқат.

Муштариён – талабгорон, хоҳишмандон.

**Маънӣ:** Мутаассифона, дар шаҳри мо касе нест, ки ба қадри сухани ноби порсӣ бирасад ва шеъри ман ҳам ин ҷо бехаридор аст. Албатта, сухан аз як шаҳри мушаххас нест, сухан аз ҷомеае аст, ки ба қадри сухани ноб намерасад.

*Ниёзманди шакарҳои хокмоламро*
*Чӣ ҷои шаҳр, ки дар баҳру бар наёфтаам.*

**Луғат:**

Хокмол – олуда ба хок, заминӣ.

Баҳру бар – дунё.

**Маънӣ:** Сухани ман, ки заминист, на танҳо дар ин шаҳр, балки дар тамоми баҳру бар низ ниёзманде надорад, яъне он ба касе лозим нест.

*Маро ба ақрабаи соатам мусобиқаест,*
*Дар озмуни давидан зафар наёфтаам.*

**Луғат:**

Ақраб – ақрабак.

**Маънӣ:** Онҷунон ки ақрабаки соат башитоб мегардад, умри ман низ басуръат мегузарад. Ман мехоҳам бар вақт ғалаба кунам, яъне нишоне аз худ боқӣ гузорам, аммо вақт хеле зудгузар аст ва дар ин мусобиқаи давидан вақт пешгузар аст.

*Тулӯъ ҳам, ки накардам, ғуруб ҳам накунам,*
*Ман аз тулӯъу ғурубам хабар наёфтаам.*

**Луғат:**

Тулуъ ва ғуруб – киноя аз намоён ва нопадид шудан

**Маънӣ:** Азбаски намоён нашудам, нопадид ҳам нахоҳам шуд, яъне касе маро нашинохт. Ман аз омадану рафтани худ хабар надорам, яъне маълум нашуд, ки ман чаро ба ин ҷаҳон омадам.

*Дигар зи чашми кӣ таҳмондаи нигаҳ ҷӯям,*
*Чу чашмҳои ту соҳибназар наёфтаам.*

**Луғат:**

Таҳмонда – боқимонда.

Соҳибназар – касе, ки назари хос дорад.

**Маънӣ:** Касе нест, ки маро шиносад, мутаассифона,

ман намедонам, ки аз чашми кӣ нигоҳи ҷӯяндаеро биёбам. Ин ҷо мисли ту касе соҳибназар нест, бинобар ин ҷустани нигоҳи соҳибназаре дар ин ҷо суд надорад.

*Шудам рафиқи раҳи ҳафт миллиард одам,*
*Вале нишоне аз он як нафар наёфтаам.*

**Маънӣ:** Бо ҳафт миллиард одам ҳамсафар ва ҳамзамон ҳастам, вале нишоне аз он як нафар – маъшуқи аслӣ наёфтам.

## 14

Омаданам рафтан аст, рафтани ман омадан,
Байни ману арш ҳаст кашмакаши тан ба тан.
Оқибатат бандагист, охиратат зиндагист,
Эй дили осӣ, накун ин ҳама бардорузан.
Ҷангкунон мерасем боз ба сарҳадди ҳеч,
Як мани қолабнишин бо мани қолабшикан.
Он тарафи панҷара ҳаст тапишҳои боғ,
Ҳаст тапишҳои дил, он тарафи пираҳан.
Панҷараро боз кун бар тапиши сабзи боғ,
Фосила бисёр нест аз қафасат то чаман.
Гар на қабули туам, ҳоҷати андуҳ нест,
Ишқ ба сар мебарад берун аз ин анҷуман.
Монда ба зери ғубор ёди маро ёди ту,
Сабз кунад дар канор ёди туро ёди ман.

**Афоили шеър:** муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун
**Вазни шеър:** мунсареҳи мусаммани матвии макшуф
**Радиф:** надорад

*Омаданам рафтан аст, рафтани ман омадан,*
*Байни ману арш ҳаст кашмакаши тан ба тан.*

**Луғат:**

Арш – осмон.

Кашмакаш – зӯрозмоӣ, ҷангу пархош.

**Маънӣ:** Ба ин ҷаҳон омадани ман оғози рафтан аст, вале рафтани ман мисли омадан ба ҷониби туст. Чунон ки дар шеъри «Салом, эй ҷовидона» мегӯяд:

*Салом, эй рафтанат ташрифи дигар,*
*Салом, урдубиҳишти тозаву тар.*

Байни инсону осмон кашмакаши омадану рафтан ҳамешагист.

*Оқибатат бандагист, охиратат зиндагист,*
*Эй дили осӣ, накун ин ҳама бардорузан.*

**Луғат:**

Осӣ – саркаш, нофармон, гунаҳкор.

Бардорузан – итоат накардан.

**Маънӣ:** Оқибати ҳамаи инсонҳо бандагӣ аст, яъне бо марг рӯ ба рӯ шудан, бандагиро ба ҷо овардан, аммо он сӯи зиндагӣ низ ҳаёт идома дорад. Бинобар ин, эй дили нофармон, бардорузан кардани ту беҳуда аст. Бояд итоат кунӣ.

*Ҷангкунон мерасем боз ба сарҳадди ҳеч,*
*Як мани қолабнишин бо мани қолабшикан.*

**Луғат:**

Ҳеч – нобудӣ, адам.

Колабнишин – касе, ки ба қоидаҳои маъмулӣ итоат мекунад.

Колабшикан – касе, ки қоидаҳоро риоя намекунад

**Маънӣ:** Дар вуҷуди ман ду нафаре ҳаст, ки яке қолабнишин аст ва дигаре қолабшикан, ки ҳарду миёни худ ҳамеша дар мубориза ҳастанд. Яъне мани қолабшикан ҳамеша мехоҳад, ки ман берун аз қолабҳои муқаррарӣ зиндагӣ кунам ва мани қолабнишин ҳамеша маро ба сӯи қолаб, ба риояи қоидаву қонун водор мекунад. Аммо бо тамоми гирудорҳо ва часпу талошҳои ин ду нерӯ мо ба сарҳади ҳеҷ, яъне нобудӣ мерасем, яъне умри мо ногузир ба поён мерасад.

*Он тарафи панҷара ҳаст тапишҳои боғ,*
*Ҳаст тапишҳои дил, он тарафи пираҳан.*

**Луғат:**

Панҷара – киноя аз зиндагӣ дар замин.

Боғ – киноя аз биҳишт.

**Маънӣ:** Дар он сӯи зиндагӣ боғе тапиш дорад, биғи зебои биҳишт. Дар паси пираҳан низ диле тапиш дорад, дили инсон.

*Панҷараро боз кун бар тапиши сабзи боғ,*
*Фосила бисёр нест аз қафасат то чаман.*

**Маънӣ:** Равзанаро ба он сӯи зиндагӣ боз кун ва ба он боғи сабз, ки туро интизор аст, назар андоз. Фосила бисёр нест аз қафасат то чаман – ҷони инсон мисли мурғе дар қафас аст, ки фосилаи дар қафас будани он зиёд нест, зеро ҳамин ки амр омад, ин мурғ қафасро раҳо мекунад ва ба чаман бармегардад.

*Гар на қабули туам, ҳоҷати андуҳ нест,*
*Ишқ ба сар мебарад берун аз ин анҷуман.*

**Луғат:**

Анҷуман – киноя аз гирудори ҷаҳон

**Маънӣ:** Агар маро қабул надорӣ, ҷои ғаму ғусса нест, зеро муҳим он аст, ки ман туро дӯст медорам, яъне ишқи ростин бидуни қабул шудан аз ҷониби маъшуқ низ боқӣ хоҳад монд.

*Монда ба зери ғубор ёди маро ёди ту,*
*Сабз кунад дар канор ёди туро ёди ман.*

**Луғат:**

Сабз кардан – зинда кардан, ҳифз намудан.

**Маънӣ:** Ту маро аз хотир бурдаӣ ва ба ёди ман нестӣ, аммо ман ҳамеша ба ёди ту ҳастам ва ёди туро дар канори худ, дар дили худ зиндаву сабз нигоҳ медорам.

## 15

Эй тундгард, пои ҳавасро пиёда кун,
Аз рӯзи охирини баҳор истифода кун.
Шодӣ кунад рақиб, ки роҳи ту хатм шуд,
Аммо ту боз нав шаву оғози ҷода кун.
Шармандаӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳанӯз,
Мардона бош, инаку, ҳиммат зиёда кун.
Чилшӯи чашмҳои чиҳилсола боядат,
Худро чу чашми ниниии якрӯза сода кун.
Эй ҳаҷраве, ки Шомравӣ, рӯ ба субҳ неҳ,
Яъне сафар ба ин ҳарами нокушода кун.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** кун

*Эй тундгард, пои ҳавасро пиёда кун,*
*Аз рӯзи охирини баҳор истифода кун.*

**Луғат:**

Тундгард – касе, ки бошитоб меравад.

Пои ҳавасро пиёда кардан – бо орзу зиндагӣ кардан.

Рузи охирини баҳор – киноя аз поёни зиндагӣ.

**Маънӣ:** Эй касе, ки бошитоб меравӣ, бозист ва як лаҳза бо орзуву ҳавас бидуни шитоб зиндагӣ бикун, ба атроф назар андоз, зеро умри баҳор ба охир расидааст. Маҷозан умри инсон низ дар назар аст, ки дар шитобҳои беҳудаи мо номаълум ба поён мерасад.

*Шодӣ кунад рақиб, ки роҳи ту хатм шуд,*
*Аммо ту боз нав шаву огози ҷода кун.*

**Луғат:**

Рақиб – душман.

Ҷода – роҳ.

**Маънӣ:** Рақиб шод аст, ки умри ту ба поён расидаву дигар бо ӯ мадори мубориза бурдан надорӣ ва роҳро барои пирӯзии ӯ холӣ хоҳӣ кард. Аммо ту тан мадеҳ, дубора нав шав ва роҳро аз нав оғоз кун, яъне ошиқ бишав.

*Шармандаӣ, ки ишқ наварзидаӣ ҳанӯз,*
*Мардона бош, инаку, ҳиммат зиёда кун.*

**Маънӣ:** Ҷои таассуф ва шармандагист, ки то имрӯз ишқ наварзидаву ошиқ нашудаӣ. Ҳанӯз ки вақт ҳаст, ҳимматро баланд гир, мисли мардони шуҷоъ далер бош ва худро ба доми ишқ афкан.

*Чилшӯи чашмҳои чиҳилсола боядат,*
*Худро чу чашми нинии якрӯза сода кун.*

**Луғат:**

Чилшӯ – чил маротиба шустан, киноя аз ҳалол гардонидан.

Чашмҳои чиҳилсола – чашмҳои қадимӣ ва ба ғубор хӯ гирифта.

**Маънӣ:** Чашмҳои худро, ки солҳо бо ифлосӣ хӯ гирифтаанд, бояд бишӯӣ ва мисли нинии якрӯза поку мубаррову бегуноҳ бишавӣ, то зиндагиро аз нав бо чашмҳои дигар бубинӣ ва ин бор ошиқона зиндагӣ кунӣ.

*Эй ҳаҷраве, ки Шомравӣ, рӯ ба субҳ неҳ,*
*Яъне сафар ба ин ҳарами нокушода кун.*

**Луғат:**

Ҳарами нокушода – манзили дур аз номаҳрамон, ҷои пӯшида.

**Маънӣ:** Касе, ки ба ҳаҷ ба зиёрати Макка меравад, ба самти ғуруб, ба кишвари Шом ҳаракат мекунад. Аммо

ту агар ҳаҷрав ҳастӣ, рӯ ба субҳ неҳ, ки тулӯи Хуршед аз он ҷо шуруъ мешавад. Яъне кӯр-кӯрона ва бо дили тиҳиву беишқ ба самти ҳаҷ марав. Ба сӯи субҳу равшанӣ рав, ки он ҷо ҳарами нокушода, яъне ҷоест, ки танҳо ба маҳрамон иҷозати вуруд ҳаст. Пас бояд ошиқ бошӣ, содиқона ишқ варзӣ ва барои маҳрам шудан бо он ёри ягона саъй кунӣ, то ба он ҳарами нокушода роҳ ёбӣ ва иҷозати вуруд пайдо намоӣ. Он сон, ки ҳазрати Ҳофиз мегӯяд:

*Ҳар ки шуд маҳрами дил, дар ҳарами ёр бимонд,*
*В-онки ин кор надонист, дар инкор бимонд.*

## 16

Эй ишқ, баро аз вақт, тақвимдаронӣ кун,
Бемавсиму бетақвим сад қарн ҷавонӣ кун.
Шамсӣ куну маҳтобӣ тақвими ду чашматро,
Кулли санаро бар мо иди ҳамагонӣ кун.
Чун рутбаи маҷнунӣ бартар зи арастуист,
Бовар накунӣ, боре ташхиси равонӣ кун.
Бо шеваи ғамсӯзат, бо сӯзани дилдӯзат
Сад лахтаи қалбамро дарбеҳи ниҳонӣ кун.
Ҷабрилсифат пеш о, хуршедсулули ман,
Дилро, ки ба ту додам, ҳар чӣ битавонӣ, кун.

**Афоили шеър:** мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун
**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаммани ахраб
**Радиф:** кун

*Эй ишқ, баро аз вақт, тақвимдаронӣ кун,*
*Бемавсиму бетақвим сад қарн ҷавонӣ кун.*

**Луғат:**

Тақвимдаронӣ – даронидани ҷадвали солу моҳу рӯз.

**Маънӣ:** Ишқи ҳақиқӣ мавсим надорад. Ту, эй ишқ, ҷадвали солу моҳҳоро нест кун ва бидуни мавсиму тақвим сад қарн ҳукмронӣ намо, яъне ҷовидон зинда бош.

*Шамсӣ куну маҳтобӣ тақвими ду чашматро,*
*Кулли санаро бар мо иди ҳамагонӣ кун.*

**Луғат:**

Шамсӣ ва маҳтобӣ – тақвими шамсӣ ва қамарӣ, киноя аз нурониву равшан кардан.

**Маънӣ:** Чашмҳои ошиқ мисли хуршеду маҳ нур мегиранд ва бигзор аз нури ишқ тамоми санаҳои зиндагии

мо дар тамоми тақвимҳо (шамсиву қамарӣ) иди ҳамагонӣ бошад. Вақте инсон ошиқ аст, дар вуҷудаш идро эҳсос мекунад.

*Чун рутбаи маҷнунӣ бартар зи арастуист,*
*Бовар накунӣ, боре ташхиси равонӣ кун.*

**Луғат:**

Рутба – мартаба.

Маҷнун – киноя аз ошиқ.

Арасту – киноя аз олим, ҳаким.

Ташхиси равонӣ – аз назари равоншиносӣ таҳқиқ кардан.

**Маънӣ:** Рутбаи ошиқ баландтар аз мақоми олим аст. Агар ба ин ҳарф бовар надошта бошӣ, аз назари равоншиносӣ ташхис кун, то ҳақиқати ин гуфтор собит шавад.

*Бо шеваи ғамсӯзат, бо сӯзани дилдӯзат*
*Сад лахтаи қалбамро дарбеҳи ниҳонӣ кун.*

**Луғат:**

Шева – роҳу равиш.

Лахта – пора.

**Маънӣ:** Ишқ ғамро аз дил мебарад, бинобар ин шоир аз ишқ талаб дорад, ки бо ҳамон равиши ғамсӯзат ғамҳои маро аз дил бадар кун. Бо сӯзани маҷозиат лахтаҳои дили маро, ки аз ғами ту пора-пора шудааст, ба ҳам биовар ва дарбеҳ намо.

*Ҷабрилсифат пеш о, хуршедсулули ман,*
*Дилро, ки ба ту додам, ҳар чӣ битавонӣ, кун.*

**Луғат:**

Ҷабраил ё Ҷабрил – дар Ислом яке аз чаҳор фариштаи муқарраб, амини ваҳй ва бо номҳои Рӯҳуламин, Рӯҳулқудс, Номуси акбар, Ақли аввал ва ғайра низ зикр

мешавад, ки соҳиби шаш бол буда, ҳар кадом бо сад боли дигар мунтаҳӣ мешавад. Мувофиқи ривоятҳо Ҷабраил Қуръонро ба қалби паёмбар нозил кард.

Хуршедсулул – касе, ки ҳар зарраи ҷисмаш мисли хуршед нуронӣ аст.

**Маънӣ:** Мисли Ҷабраил ба дили ман паёме ор, эй касе ки аз нур таркиб ёфтаӣ. Ба ту дил додам ва кунун он дар ихтиёри туст, ки ҳарчи мехоҳӣ, бифармо.

## 17

Бар лолаи танҳо, ки тапад дар қафаси ман,
Аз ғайб бидеҳ роиҳа, исонафаси ман.
Ларзид зи таҳрики ту, эй сабзтарин сабз,
Дар хобгаҳи сина дили беҳаваси ман.
Аҳсант ба хурдиву ҳақирӣ, ки тавонист
Фатҳи чу туе, шабнами хуршедраси ман.
Бо воситаи туст, аё қосиди қудсӣ,
Бар суи ҳаёт омадани бозпаси ман.
Эй кош, барад фитрати мо раҳ ба таҷаддуд,
Ин аст зи даргоҳи Худо мултамаси ман.
Гар рӯҳи башарро набарам ҷониби некӣ,
Ҳайф аст ҳамин ҳастии пучу абаси ман.
Ин қофиларо боз ба тавҳид бихонад
Аз дохили ҳар вожа садои ҷараси ман.

**Афоили шеър:** мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун

**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** ман

*Бар лолаи танҳо, ки тапад дар қафаси ман,*
*Аз ғайб бидеҳ роиҳа, исонафаси ман.*

**Луғат:**

Лолаи танҳо - киноя аз дил.

Роиҳа – хушбӯӣ.

Исонафас – касе, ки мисли Исо нафаси зиндакунанда дорад

**Маънӣ:** Ба ин лолаи танҳо – ба ин дил, ки дар қафаси синаи ман метапад, аз ғайб бӯи хуше, муждаи ишқ бифирист ва онро бедор кун, аё исонафаси ман. Нафаси эҳёгари ишқ мисли дами Исост, ки аз он мурдагон дубора

ҷон мегиранд, бинобар ин шоир низ чунин нафаси эҳёкунандаро орзу дорад.

*Ларзид зи таҳрики ту, эй сабзтарин сабз,*
*Дар хобгаҳи сина дили беҳаваси ман.*

**Луғат:**

Таҳрик – ҳаракат, ангеза, таъсир.

Сабзтарин сабз – киноя аз ҷонофарин.

Хобгаҳи сина – қафаси сина, ки он ҷо дил дар хоб аст.

Дили беҳавас – диле, ки ишқ надорад.

**Маънӣ:** Аз паёми ту, эй Офаридгор, дили хоболуди ман ларзид ва бедор шуд. Яъне муждаи ишқ ба дили ман омад ва маро зиндагии тоза бубахшид.

*Аҳсант ба хурдиву ҳақирӣ, ки тавонист*
*Фатҳи чу туе, шабнами хуршедраси ман.*

**Луғат:**

Ҳақир – нотавон.

**Маънӣ:** Аҳсант ба дил, ки ба ин хурдиву ҳақирӣ, бо он ки мисли як қатраи шабнам аст, ба хуршед расида тавонист ва туро, яъне ишқро пазируфта тавонист.

*Бо воситаи туст, аё қосиди қудсӣ,*
*Бар сӯи ҳаёт омадани бозпаси ман.*

**Луғат:**

Қосид – паёмовар.

Қудсӣ – муқаддас.

Бозпас – аз нав, дубора.

**Маънӣ:** Эй паёмоваре, ки аз ғайб бароям пайки ишқро мужда овардӣ, ба воситаи ту ман дубора ба ҳаёт баргаштам, яъне ошиқ шудам ва зиндагии нав барои ман оғоз шуд.

*Эй кош, барад фитрати мо раҳ ба таҷаддуд,*
*Ин аст зи даргоҳи Худо мултамаси ман.*

**Луғат:**

Фитрат – хилқат, табиат, ақл, заковат.

Тачаддуд – навӣ.

Мултамас – илтимос, хоҳиш.

**Маънӣ:** Эй кош, ки ақлу заковати мо роҳ ба сӯи нав шудан бибарад, ки ин матлабро ман аз даргоҳи Худованд илтиҷо ва хоҳиш дорам. Нав шудан – яъне зиндаву бедор шудан, зиндагиро, одамонро, Офаридгорро дӯст доштан ва некиву савобро интишор додан аст.

*Гар рӯҳи башарро набарам ҷониби некӣ,*
*Ҳайф аст ҳамин ҳастии пучу абаси ман.*

**Луғат:**

Абас – беҳуда.

**Маънӣ:** Ман бояд башариятро ба некӣ даъват кунам, агар рӯҳи башарро ба ҷониби некӣ набарам, пас ҳайф аст, ки зиндагӣ кунам, умри ман барҳадар хоҳад гузашт.

*Ин қофиларо боз ба тавҳид бихонад*
*Аз дохили ҳар вожа садои ҷараси ман.*

**Луғат:**

Қофила – гурӯҳи мардум, ки бо ҳам сафар доранд, корвон, ин ҷо ба маънии аҳли олам.

Ҷарас – занг, зангӯла.

Тавҳид – ягонагӣ, ваҳдат, эътиқод ба ягонагии Худо.

**Маънӣ:** Боз ба тавҳид хондан – дубора мардуми парокандаро ба ҳам овардан. Аз дохили ҳар калима садои занги ман берун меояд ва мардумро ба тавҳид даъват мекунад.

Яъне, вақте ман ошиқ ҳастам, рисолати ман ба ҷуз некӣ нест ва аз мардум, аз ҳамзамонон низ даъват мекунам, ки ба некӣ гароянд ва роҳи тавҳид ҷӯянд.

## 18

Чун ба гиребони субҳ атр занад ёсуман,
Об шавад бесадо шамъи зумуррадлаган.
Мефитад аз осмон рӯйкаши шабнамӣ,
То напарад дергоҳ оҳари рӯи чаман.
Гоҳ чу ҷӯбори шаб, гаҳ гули гавҳар ба лаб,
Бонгзани хилватам, хомушаки анҷуман.
Мебарадат зулфи ёр бар шаби торику тор,
Гесуи хуршед гир, бар шаву нуҳ дар бизан.
Бо қалами офтоб нур кашам ҷон ба ҷон,
Чун гули печак наям нешзанон тан ба тан.
Талхвашам хондаӣ бехабар аз он ки ҳаст
Қанди хуши порсӣ дар лаби шаккаршикан.
Ҳарф садо медиҳад: Ишқ ҷавон шуд, ҷавон,
Ишқ сало мезанад: Ҳарф куҳан шуд, куҳан!
Оина девор шуд, оина бардор, шуд!
Ҷуфт шавад бесухан ҷони тую ҷони ман.

**Афоили шеър:** муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун
**Вазни шеър:** мунсареҳи мусаммани матвии макшуф
**Радиф:** надорад

*Чун ба гиребони субҳ атр занад ёсуман,*
*Об шавад бесадо шамъи зумуррадлаган.*

**Луғат:**

Ёсуман – буттае, ки гулҳои сафеду кабуд ва зарди хушбӯй дорад.

Шамъи зумуррадлаган – киноя аз моҳ.

**Маънӣ:** Даме ки ёсумани сафед ба гиребони субҳ атр мезанад, яъне, сапеда медамад, шамъи зумуррадлагани моҳтоб оҳиста об мешавад ва ғайб мезанад.

*Мефитад аз осмон рӯйкаши шабнамӣ,*
*То напарад дергоҳ оҳари рӯи чаман.*

**Луғат:**

Оҳар – ба маънии ҷило

**Маънӣ:** Бо дамидани субҳ рӯйкаши шабнамии осмон ба замин фуруд меояд ва қатраҳои шабнам ба рӯи чаман мерезанд, то оҳари чаман дергоҳ ҳифз шавад.

*Гоҳ чу ҷӯбори шаб, гаҳ гули гавҳар ба лаб,*
*Бонгзани хилватам, хомушаки анҷуман.*

**Маънӣ:** Ман гоҳе чун ҷуйбори шаб ва гоҳе дар хилвати шабҳо бонг мезанам ва гоҳе чун гуле, ки гавҳари шабнам дар даҳон дорад, дар анҷуманҳо хомӯшам.

*Мебарадат зулфи ёр бар шаби торику тор,*
*Гесуи хуршед гир, бар шаву нӯҳ дар бизан.*

**Луғат:**

Нӯҳ дар – киноя аз нӯҳ дари осмон.

Бар шав – боло рав.

**Маънӣ:** Зулфи ёр ба мисли шаби торику тор сиёҳ аст. Бояд ба гесуи хуршед даст зад ва бо нури хуршед бар нуҳ осмон бар шуд ва ин дарҳоро як-як бояд зад, то боз шаванд.

*Бо қалами офтоб нур кашам ҷон ба ҷон,*
*Чун гули печак наям нешзанон тан ба тан.*

**Луғат:**

Қалами офтоб – нури офтоб

**Маънӣ:** Дар мағз-мағзи ҷон бо қалами офтоб нур мекашам, вуҷуди худро нуронӣ мекунам, мисли гули печак, ки ба тани дигарон мепечад, нестам.

*Талхвашам хондаӣ бехабар аз он ки ҳаст*
*Қанди хуши порсӣ дар лаби шаккаршикан.*

**Луғат:**

Талхваш – бадзабон

**Маънӣ:** Ту маро бадзабон хондаӣ, бехабар аз он ки дар лаби ман қанди хуши форсӣ ниҳон аст. Ин ҷо муаллиф ишора ба ашъори худ мекунад, ки маъмулан сухани ноби порсиро «қанди порсӣ» гуфтаанд. Чунон ки Ҳофизи лисонулғайб ҳам мегӯяд: «З-ин қанди порсӣ, ки ба Бангола меравад».

*Ҳарф садо медиҳад: Ишқ ҷавон шуд, ҷавон,*
*Ишқ сало мезанад: Ҳарф куҳан шуд, куҳан!*

**Луғат:**

Сало – садо, нидо, фарёд, даъват кардани мардум барои коре

**Маънӣ:** Шеър садо медиҳад, ки ишқ ҷавон шуд, аммо ишқ нидо мекунад, ки ин сухан куҳна шуд. Шоир хабар медиҳад, ки ишқ дубора зинда шуд, ҷавон шуд, аммо ишқ мегӯяд, ки ин хабар дигар тоза нест, қадимӣ шуд, куҳна шуд.

*Оина девор шуд, оина бардор, шуд!*
*Ҷуфт шавад бесухан ҷони тую ҷони ман.*

**Луғат:**

Шуд – бас акнун, тамом.

**Маънӣ:** Байни ману ту оинае ҳаст, ки моро аз ҳам ҷудо мекунад. Оина – ҷавҳарест, ки дар он метавон акси рӯи худро ва акси ҷамоли ёрро дид. Яъне оина воситаест барои дидани ҷамоли маъшуқ. Аммо дигар бас аст, оинаро аз миён бардор, то ҷони ману ҷони ту бесухан ва бидуни монеа ба ҳам пайванд шаванд. Ҳофизи бузург ба ин маънӣ мегӯяд:

*Миёни ошиқу маъшуқ ҳеч ҳоил нест,*
*Ту худ ҳиҷоби худӣ, Ҳофиз, аз миён бархез!*

## 19

Садои ишқ! Давоми раҳам чароғон кун,
Маро фаришта кун, оре, маро ҳам инсон кун.
Биё ба чашми ғизолам, набераи Маҷнун,
Маро ба бар кашу хушбахт чун биёбон кун.
Куҷо равам, ки раҳо ёбам аз ҷаҳолати хасм,
Маро бигиру ба сандуқи сина пинҳон кун.
Чӣ шабнамона ба рӯи кафи ту меларзам,
Чу ман ҳақиқати шаффофи хеш урён кун.
Шумораи тилифуни маро зи борон пурс,
Зи пушти панҷараи сабзи ёд тилфон кун.
Агар ба дидани ман оӣ, эй масеҳнафас,
Ҳазор сӯзани хуршед дар гиребон кун.
Ту беҳ зи ман бишиносӣ тариқати рафтан,
Салоҳи туст, ҳар он чӣ ту хостӣ, он кун.

**Афоили шеър:** мафоилун фаилотун мафоилун фаълун
**Вазни шеър:** муҷтасси мусаммани махбуни аслам
**Радиф:** кун

*Садои ишқ! Давоми раҳам чарогон кун,*
*Маро фаришта кун, оре, маро ҳам инсон кун.*

**Маънӣ:** Садои ишқ, давоми роҳи маро мунаввар кун, то бо ту зиндагиро идома бахшам. Бо ту ман фаришта хоҳам шуд, балки, на, болотар аз фаришта - Инсон хоҳам шуд. Ошиқ будан, яъне инсон будан аст. Танҳо инсони ошиқ метавонад инсони комил бошад.

*Биё ба чашми гизолам, набераи Маҷнун,*
*Маро ба бар кашу хушбахт чун биёбон кун.*

**Луғат:**

Маҷнун – тимсоли ошиқе, ки дар биёбонҳо саргардон мегашт.

Набераи Маҷнун – киноя аз ишқе маҷнунвор дар замони мо.

*Чашми ғизол – чашми зебову бегуноҳ ва сода.*

*Ба бар кашидан – саропоро фаро гирифтан.*

**Маънӣ:** Ба чашми ғизол ворид шудани набераи Маҷнун – дар дили покиза ва пазирандаи қаҳрамони ғиноӣ маскун шудани Ишқ.

Онҷунон ки биёбон аз оғуши Маҷнун хушбахт шуда буд, ман низ мехоҳам дар оғуши ишқ хушбахт бошам.

*Куҷо равам, ки раҳо ёбам аз ҷаҳолати хасм,*
*Маро бигиру ба сандуқи сина пинҳон кун.*

**Луғат:**

Ҷаҳолати хасм – нодонӣ ва ҷаҳли душманон

**Маънӣ:** Душманон ба иллати ҷаҳли худ ба ишқи ман тамасхур доранд ва бо дидаи камбин менигаранд. Аз дасти ин душманон чи гуна метавон раҳо ёфт? Танҳо ту, эй Ишқ, метавонӣ маро раҳо кунӣ, бинобар ин маро бигиру дар сандуқи сина пинҳон кун. Сандуқи сина - киноя аз ҷойгоҳи дил аст. Дар сандуқи сина пинҳон кардан яъне дар даруни дил ҷой додан.

*Чӣ шабнамона ба рӯи кафи ту меларзам,*
*Чу ман ҳақиқати шаффофи хеш урён кун.*

**Луғат:**

Шабнамона – мисли шабнам.

**Маънӣ:** Шабнамона рӯи каф ларзидан - шабнам шаффофтарин қатраи осмонист, ки рӯи барги гул меларзад ва дили ошиқ низ мисоли донаи шабнам аст, ки рӯи кафи маъшуқ аз бузургии эҳсос меларзад. Дили ман урён ва шаффоф аст ва яқин танҳо барои ту, ба хотири ишқи ту

метапад. Ту низ ҳақиқати шаффофи хешро барои ман боз кун, сирри ишқро барои ман боз кушо.

*Шумораи тилифуни маро зи борон пурс,*
*Зи пушти панҷараи сабзи ёд тилфон кун.*

**Луғат:**

Панҷара – тиреза.

Шумораи телефун – воситаи робита бо ошиқ.

**Маънӣ:** Қатраҳои борон бозгӯкунандаи ҳоли мананд, аз ҳоли ман бохабаранд, рози дили маро медонанд. Бинобар ин борон метавонад воситаи робитаи мову ту бошад ва ту метавонӣ аз он роҳи робитаро бо ман бипурсӣ. Панҷараи сабзи ёд - ту аз рӯзи азал дар дили ман нишастаӣ ва ин панҷараи қалб ҳанӯз ба ёди ту сабз аст. Ту, ки он сӯи панҷара ҳастӣ, хоҳиш мекунам, ба ман занг зан, пайке аз омадани худ бирасон, эй садои Ишқ.

*Агар ба дидани ман оӣ, эй масеҳнафас,*
*Ҳазор сӯзани хуршед дар гиребон кун.*

**Луғат:**

Масеҳнафас – касе, ки дами исавӣ дорад ва мурдаро зинда мегардонад. Ин ҷо масеҳнафас Ишқ аст, ки бо омаданаш дилҳои мурда зинда хоҳанд шуд.

Сӯзани хуршед – киноя аз Исои Масеҳ, ки як дона сӯзан дар гиребон дошт ва то осмони чаҳорум, то манзили хуршед парвоз кард ва ҳамон ҷо бо сабаби сӯзан дар гиребон доштан боздошта шуд.

**Маънӣ:** Эй Ишқ, ту ки аз осмон, аз манзили хуршед нозил мешавӣ, агар ба дидани ман омадӣ, бо ҳазор сӯзани хуршед дар гиребон биё, то ки ҳамешагӣ ва ҷовидонӣ дар вуҷуди ман бимонӣ.

*Ту беҳ зи ман бишиносӣ тариқати рафтан,*
*Салоҳи туст, ҳар он чӣ ту хостӣ, он кун.*

**Луғат:**

Тариқати рафтан – роҳу шеваи рафтан.

**Маънӣ:** Рафтан ва ё монданро ту аз ман беҳтар медонӣ. Ту соҳибихтиёрӣ ва дили ман ба фармони туст. Ту маро беҳтар аз ман мешиносӣ ва чун омадӣ ва дар дили ман ҷойгузин гаштӣ, аз ин пас ҳарчӣ хостӣ, ман фармонбари ту ҳастам.

## 20

Ман дари сад мӯъҷизаам, ёр, биё, ки во шавам,
Тор шавам, ҷӯр шавам, захма шавам, наво шавам.
Бӯса ба бодҳо диҳам, хонаи дил ҳаво диҳам.
Ғунчаи подарахтиям, ҳамсафари сабо шавам.
Гарчи ба гӯшае ниҳон, фориғам аз ғами ҷаҳон,
Ҷону ҷаҳони ман биё, бо ту ҷаҳоннамо шавам.
Узви ҳазор ширкате, соҳиби боли шӯҳрате,
Дар талаби муҳаббате чанди дигар фано шавам.
Узви баҳори тар бикун, мастаму масттар бикун,
Хоки маро шарар бикун, то ватани сафо шавам.
Бо ту, ки ҷом дар кафат баҳри вузӯ нишастаӣ,
Аз ҳама риндтар шавам, аз ҳама порсо шавам.

**Афоили шеър:** муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун

**Вазни шеър:** Раҷази мусаммани матвии махбун

**Радиф:** шавам

*Ман дари сад мӯъҷизаам, ёр, биё, ки во шавам,*
*Тор шавам, ҷӯр шавам, захма шавам, наво шавам.*

**Луғат:**

Мӯъҷиза – сирру асрор, эъҷоз.

**Маънӣ:** Дар вуҷуди ман сад муъҷиза ниҳон аст ва фақат ишқ метавонад, онҳоро ифшо намояд. Ишқ, ки омад, дари ин сад муъҷиза боз хоҳад шуд. Тор шудан, ҷур шудан, захма шудан, наво шудан – бо омадани ишқ батадриҷ во шудан, ба мисли торе, ки ҷӯр мешавад ва бо захма задани маъшуқ ба садо ва наво меояд.

*Бӯса ба бодҳо диҳам, хонаи дил ҳаво диҳам.*
*Ғунчаи подарахтиям, ҳамсафари сабо шавам.*

**Луғат:**

Хонаи дил – дил.

Подарахтӣ – аз дарахт фитода, шукуфаи бодрез.

Сабо – бод.

Хонаи дил ҳаво додан - аз хона берун омадан ва дарро боз намудан.

**Маънӣ:** Чун ошиқ шудам, аз хонаи дил бурун хоҳам раст, ба бодҳо бӯса хоҳам дод. Мисли ғунчае, ки аз дарахт канда шудааст, бо бодҳо ҳамсафар хоҳам шуд. Яъне ту, ки омадӣ, ман озод хоҳам шуд ба мисли бодҳо.

*Гарчи ба гӯшае ниҳон, форигам аз ғами ҷаҳон,*
*Ҷону ҷаҳони ман, биё, бо ту ҷаҳоннамо шавам.*

**Луғат:**

Ҷаҳоннамо – ҷаҳонбин.

**Маънӣ:** Алҳол дар гӯшае ниҳон аз ҳама ва фориғ аз ғами ҷаҳон нишастаам, вале бо омадани ту, ки ҷону ҷаҳони ман ҳастӣ, ман комилан дигар хоҳам шуд. Бо ҳузури ту мани гӯшанишин ҷаҳонро тасхир ва фатҳ хоҳам кард.

*Узви ҳазор ширкате, соҳиби боли шӯҳрате,*
*Дар талаби муҳаббате чанди дигар фано шавам.*

**Луғат:**

Фано – нобудӣ.

**Маънӣ:** Алҳол узви ҳазорон ширкату ҳизбу ташкилот ҳастам, шуҳратманд ҳастам, аммо муҳимтарин чизро надорам, яъне ошиқ нестам. Хеле мехоҳам ошиқ бошам, аммо ишқ то ҳол дар вуҷуди ман ҷо нагирифтааст, бинобар ин хавфи он дорам, ки ба мақсад нарасида, фано шавам, аз дунё биравам.

*Узви баҳори тар бикун, мастаму масттар бикун,*
*Хоки маро шарар бикун, то ватани сафо шавам.*

**Луғат:**

Баҳори тар – киноя аз сарсабзиву шукуфтану нумуъ.

Шарар – оташ, шавқ.

Сафо – покӣ.

**Маънӣ:** Узви ширкатҳо будан намехоҳам, маро узви баҳори тар бикун, яъне бо баҳор тавъам гардон. Маро боз ҳам масттар бикун, боз ҳам бештар гирифтори Ишқ гардон. Вуҷуди маро, ки аз хок сиришта шудааст, пур аз шарари ишқ намо ва онгоҳ вуҷуди ман макони сафову нуру покизагӣ хоҳад буд. Яъне ман инсони комил хоҳам шуд.

*Бо ту, ки ҷом дар кафат баҳри вузӯ нишастаӣ,*
*Аз ҳама риндтар шавам, аз ҳама порсо шавам.*

**Луғат:**

Ринд – касе, ки ба фармудаҳои шариат итоат намекунад.

Порсо – диндор, парҳезгор, худотарс, зоҳид.

Ҷом – киноя аз шароби ишқ.

**Маънӣ:** Вақте инсон бо шароби ишқ вузӯ мегирад, яъне шуста мешавад, саропо ошиқ мешавад, комилан дигар хоҳад шуд. Агар ту бо он ҷоми пур аз шароби ишқ барои вузӯ иҷозат диҳӣ, ман аз ҳама риндтар, озод аз қайдҳо ва дар айни ҳол парҳезгортарин инсон хоҳам шуд. Ринду порсо будан – хориҷ аз тааллуқоти заминӣ, як нафари озоду озода буданро ифода мекунад.

Яъне ишқ инсонро инсонтар мекунад, ӯро аз тааллуқоти ҷадвалӣ ва қолабӣ раҳо намуда, ба як нафари озоду озода табдил медиҳад.

## 21

Ҳама рафтанд, ман чаро наравам,
Сӯи он ёри ошно наравам.
Гарчи аз хок хоксортарам,
Ҷониби арши кибриё наравам.
Аз куҷо омадам, намедонам,
Ба куҷо ҳам равам, куҷо наравам.
Боз ҳам пеш - пеши қофилаам,
Ҳар қадар ҳам, ки аз қафо наравам.
Бандаеро Худо шинохтаам,
Бас, дигар баъд аз ин хато наравам.
Оина дӯст буду душман шуд,
Сӯи бадбини баднамо наравам.
Меравам, меравам ба танҳоӣ,
То дубора сӯи шумо наравам.
Рафтанам ростӣ, ки беҳудаст,
Гар ба полоиши само наравам.
Монданам низ сахт беҳудаст,
Гар ба ҷанги баду бало наравам.
Ҳама рафтанд, ман чаро монам,
Ҳама рафтанд, ман чаро наравам.

**Афоили шеър:** фоилотун мафоилун фаилун
**Вазни шеър:** хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф
**Радиф:** наравам

*Ҳама рафтанд, ман чаро наравам,*
*Сӯи он ёри ошно наравам.*

**Маънӣ:** Сухан дар барои рафтан аст, аммо рафтани оддӣ нест, аз мисраи дуюм маълум мешавад, рафтан ба ҷониби «ёри ошно», яъне маъшуқи самоӣ аст, ки ногузир ҳама ба сӯи ӯ бояд баргарданд.

*Гарчи аз хок хоксортарам,*
*Ҷониби арши кибриё наравам.*

**Маънӣ:** Бо он ки хоксортар аз хокам, яъне ҳақиру залилу носазоворам, чун фармудаи Худованд ин аст, ба он арши кибриё, яъне ба он баландии осмон бояд биравам. Шайхи Аҷал Саъдӣ ба ин маънӣ мегӯяд, ки:

*Ки гар хок гаштаст Саъдӣ, чӣ гам,*
*Ки дар зиндагӣ хок будаст ҳам.*

*Аз куҷо омадам, намедонам,*
*Ба куҷо ҳам равам, куҷо наравам.*

**Маънӣ:** Бароям маълум нест, ки аз кучо омадаам. Ин ҷо шоир вақте «ман омадам» ва «ман намедонам» мегӯяд, танҳо худашро дар назар надорад. Ӯ умуман дар бораи бани башар, инсоният, ки як умр ба ин савол ҷавоб меҷӯяд, ҳарф мезанад. Яъне маълум нест, ки инсоният аз кучо омад ва ба кучо меравад.

*Боз ҳам пеш - пеши қофилаам,*
*Ҳар қадар ҳам, ки аз қафо наравам.*

**Луғат:**

Қофила – корвон.

**Маънӣ:** Мехоҳам худро ба қафо бикашам, аммо чун фурсат омадааст, пеш-пеши қофила ҳастам.

*Бандаеро Худо шинохтаам,*
*Бас, дигар баъд аз ин хато наравам.*

**Маънӣ:** Ба бандае ба мисли Худованд арҷ гузоштам ва ба ӯ саҷда кардам, аммо фаҳмидам, ки ин кор дуруст нест. Бинобар ин, бас аст, ман баъд аз ин чунин кори нодурустро намекунам. Яъне эътиқод танҳо ба Худованд хоҳам кард.

*Оина дӯст буду душман шуд,*
*Сӯи бадбини баднамо наравам.*

**Луғат:**

Баднамо – безеб.

**Маънӣ:** Оина – шишаест, ки тавассути ҷавҳар сурати инсонро ба худаш менамоёнад. Замоне оина дӯсти ман буд, яъне акси маро ба тамоми зебоиву ҷавонӣ мунъакис менамуд. Аммо имрӯз оина душмани ман аст, яъне ман пир шудаам ва оина низ акси маро бисёр безеб ва баднамо нишон медиҳад.

*Меравам, меравам ба танҳоӣ,*
*То дубора сӯи шумо наравам.*

**Маънӣ:** Ман меравам тани танҳо, ба ҷустуҷӯи ҳақиқат. Ҳамроҳи ман касе нест, дар ин роҳ, дар ҷустуҷӯ ва талош баҳри ҳақиқат ман танҳо ҳастам, аммо ба сад мушкилӣ роҳи худро идома медиҳам, зеро намехоҳам дубора ба сӯи Шумо – инсонҳое, ки дур аз асли ҳақиқат ҳастед, биёям. Вожаи «дубора» ишора ба он дорад, ки то ин дам ман низ мисли дигарон дар роҳи хато будам, бандаҳоро ба мисли Худо саҷда мекардам. Ҳоло набояд дигарбора ба чунин иштибоҳ роҳ бидиҳам.

*Рафтанам ростӣ, ки беҳудаст,*
*Гар ба полоиши само наравам.*

**Луғат:**

Полоиш – покиза кардан.

**Маънӣ:** Агар мақсуд аз рафтан покиза кардани муҳит набошад, ин рафтанҳо, ҳаққо, ки беҳуда аст.

*Монданам низ сахт беҳудаст,*
*Гар ба ҷанги баду бало наравам.*

**Луғат:**

Баду бало – ҷамъи бадӣ.

**Маънӣ:** Рафтан ё мондан маънӣ надорад, агар дар замин бо баду бало мубориза набарам.

*Ҳама рафтанд, ман чаро монам,*
*Ҳама рафтанд, ман чаро наравам.*

**Маънӣ:** Касе дар мубориза бо баду бало муваффақ нашуд, бинобар ин ҳама рафтанд, пас, чаро ман бояд бимонам? Азбаски ҳама рафтанд, ман низ бояд биравам, зеро қонуни зиндагӣ ҳамин омадану рафтан аст, ҳама ногузир бояд бираванд ва ман низ истисно нестам. Аммо то даме, ки ҳастам алайҳи бадӣ бояд мубориза барам.

## 22

Чеҳраи асли худ намо, боз фикан ниқоби ғайр,
Чанд ба хирагӣ шавӣ ҳолаи моҳтоби ғайр.
Ин ҳама фахру ноз чист, эй ки ҳамора будааст
Мастият аз шароби кас, серият аз кабоби ғайр.
Ҷайби пур аз калидро рӯзи аҷал куҷо барӣ,
Қуфли дари сахо кушо, бахш ҷавоби оби ғайр.
Рӯзи ҳисоб чун расанд пеши ту Мункару Накир,
Фош шавад, ки нестат ҷуз гунаҳу савоби ғайр.
Хираву ноаён шудӣ дар таҳи сояи касон,
Ранг бадал намудаӣ дар дами офтоби ғайр.
Вой, ки мекашад касе бо расанаш тани туро,
Боз ба даври гарданат ҳалқа шавад таноби ғайр.

**Афоили шеър:** Муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун

**Вазни шеър:** Раҷази мусаммани матвии махбун

**Радиф:** ғайр

*Чеҳраи асли худ намо, боз фикан ниқоби ғайр,*
*Чанд ба хирагӣ шавӣ ҳолаи моҳтоби ғайр.*

**Луғат:**

Ниқоби ғайр – киноя аз таъсири дигарон.

Ҳолаи моҳтоби ғайр – дар назди дигарон, дар ҳошияи равшании дигарон нури хира ва камнамо будан.

**Маънӣ:** Инсон бояд чеҳраи аслии худро дошта бошад ва дар тақлид ва пайравӣ ба дигарон зиндагӣ накунад. То кай ҳолаи хираи моҳтоби рӯшани дигарон будан, яъне чаро дар партави рӯшании дигарон пинҳон шудан, зери таъсири афкору шахсияти дигарон будан ва аз будани худ, аз асли худ хабар надодан? Аллома Иқбол дар дубайтие овардааст:

*Дило, норойии парвона то кай,?*
*Нагирӣ шеваи мардона то кай.?*
*Яке худро ба сӯзи хештан сӯз,*
*Тавофи оташи бегона то кай.?*

*Ин ҳама фахру ноз чист, эй ки ҳамора будааст*
*Мастият аз шароби кас, серият аз кабоби ғайр.*

**Луғат:**

Ҳамора – пайваста, ҳамеша.

**Маънӣ:** Ин ҳама кибру ғуруре, ки дорӣ, аслан ба он сазовор нестӣ, зеро аз шароби дигарон маст ҳастӣ ва аз кабоби дигарон сер. Яъне ту ба ин фахру нозе, ки дорӣ, муносиб нестӣ, чунки барои сазовор шудан риёзат накашидаӣ. Ифтихори ту аз хидмати худат нест, балки ба сарвату моликият ва хидмати дигарон аст.

*Ҷайби пур аз калидро рӯзи аҷал куҷо барӣ,*
*Қуфли дари сахо кушо, бахш ҷавоби оби ғайр.*

**Луғат:**

Калид – киноя аз калиди хазинаҳои ганҷ.

Оби ғайр – киноя аз подоши некиҳои дигарон

**Маънӣ:** Ҷамъ овардани сарват ва пур кардани ҷайбҳо, соҳиб шудан ба калиди хазинаҳо корест беҳуда, зеро чун аҷал меояд, ин ҳамаро бояд гузошту рафт. Бинобар ин бояд дасти саховату ҷудро кушода, ба некии дигарон, ки аз он баҳра бардоштаӣ, посух бигӯӣ. Яъне ба ҷои ҷамъ овардани сарват бояд ба мардум некӣ кунӣ.

*Рӯзи ҳисоб чун расанд пеши ту Мункару Накир,*
*Фош шавад, ки нестат ҷуз гунаҳу савоби ғайр.*

**Луғат:**

Рӯзи ҳисоб – киноя аз саволу ҷавоб пас аз марг, рӯзи қиёмат.

Мункару Накир – фариштаҳои пурсанда, ки пас аз

марг гуноҳу савоби инсонро муайян мекунанд ва ҷойгоҳи ӯро муқаррар намоянд.

**Маънӣ:** Дар рӯзи ҳисоб маълум мешавад, ки ту танҳо бо гуноҳу савоби дигарон зистаӣ, яъне ҳаргиз мустақилона коре накардаӣ, бинобар ин шармандаву рӯсияҳ хоҳӣ буд.

*Хираву ноаён шудӣ дар таҳи сояи касон,*
*Ранг бадал намудаӣ дар дами офтоби ғайр.*

**Луғат:**

Сояи касон – киноя аз таъсири дигарон.

Ранг бадал намудан – аз таъсири дигарон иваз намудани хулқу хӯ ва асли худ.

**Маънӣ:** Онон, ки зери таъсири дигарон зиндагӣ мекунанд, хираву ноаёнанд, яъне аз будану набуданашон касе огоҳ нест. Ончунон ки дар дами офтоб матоъ ранг иваз мекунад, инсон низ аз таъсири дигарон хулқу хӯ ва асли худро дигар мекунад.

*Вой, ки мекашад касе бо расанаш тани туро,*
*Боз ба даври гарданат ҳалқа шавад таноби ғайр.*

**Луғат:**

Вой – афсӯсу таассуф ва ҳушдор додан.

Бо расан тани касеро кашидан – киноя аз ҷалб намудан ба сӯи худ.

Ҳалқа шудани таноби ғайр ба даври гардан – кӯшиши дигарон барои нобуд кардани асли инсон ва зери таъсири худ нигоҳ доштан.

**Маънӣ:** Ҳушёр бояд буд, зеро дигарон мехоҳанд туро дар зери таъсири худ нигаҳ доранд ва асли туро нобуд кунанд, то ту фармонбари эшон бошӣ. Аммо ба асли худ содиқ будан, устувор будан, ҷавҳари инсонии худро ҳифз кардан, аз таъсири бегонагон барҳазар будан асли маънии Инсони комил будан аст, ки қаҳрамони ғиноӣ барои расидан ба чунин мартаба талош дорад.

## 23

Макун ҳиқ-ҳиқ, бигӯ, дасти маро гир,
Дуруд, эй орзу, дасти маро гир.
Чу тӯморам туӣ, бирҳон зи тимор,
Фаро бар аз адӯ, дасти маро гир.
Аз ин пас эътиборе ҳам набахшам
Ба ҳар як баъву бӯ, дасти маро гир.
Чу ман тилфон задам бар Ҳазрати ишқ,
Ҷавоб омад: Алу! Дасти маро гир.
Ало, эй арғувони осмонӣ,
Бирӯй аз ман, бирӯ, дасти маро гир.
Ману ту як ба як хоҳам, ки бошем,
На ҳаргиз ду ба ду, дасти маро гир.
Дар ин дунёву он дунё фақат ту,
Фақат ту, боз ту, дасти маро гир!

**Афоили шеър:** мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун (фаӯлон)
**Вазни шеър:** Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мақсур)
**Радиф:** дасти маро гир

*Макун ҳиқ-ҳиқ, бигӯ, дасти маро гир,*
*Дуруд, эй орзу, дасти маро гир.*

**Луғат:**
Ҳиқ-ҳиқ – гиристан.
Даст гирифтан – кӯмак кардан, муттако шудан

**Маънӣ:** Қаҳрамони ғиноии шеър, ки дар ҳоли ғаму ғусса қарор дорад, мехоҳад дар дилаш орзу пайдо шавад ва вуҷуди ӯро аз дарду алам раҳо кунад, ба дили ӯ шодӣ биоварад. Орзу, ки мухотаби ӯст, барои раҳо шудан сабаб аст.

*Чу тӯморам туӣ, бирҳон зи тимор,*
*Фаро бар аз адӯ, дасти маро гир.*

**Луғат:**

Тӯмор – дуои бар коғаз навиштае, ки аҳли хурофот барои дафъи бало истифода мебаранд.

Тимор – ғаму андуҳ, ғусса.

Адӯ – душман.

**Маънӣ:** Ту, яъне орзу, мисли тӯмори наҷотбахше ҳастӣ, ки метавонӣ маро аз беморӣ наҷот бубахшӣ. Пас, душманонро бигзор ва аз дасти ман бигир, ки ниёзманди туям.

*Аз ин пас эътиборе ҳам набахшам*
*Ба ҳар як баъву бӯ, дасти маро гир.*

**Луғат:**

Эътибор набахшидан – таваҷҷуҳ зоҳир накардан.

Баъву бӯ – садои ҳайвонот, ин ҷо садо ва нидоҳои гуногун, ки аз атрофиён меояд.

**Маънӣ:** Агар ту ба имдодам биёӣ, ман, ки то ин дам нороҳат аз ҳарфҳои пурғараз будам, дигар он ҳамаро аз эътибор соқит мекунам.

*Чу ман тилфон задам бар Ҳазрати ишқ,*
*Ҷавоб омад: Алу! Дасти маро гир.*

**Луғат:**

Алу – посух ба занги телефон.

**Маънӣ:** Чун орзу дасти маро гирифт ва вуҷуди маро дубора зиндагӣ бахшид, ба ҳазрати ишқ телефон кардам ва ӯ ба ман посух гуфт ва фармуд, то дасти варо бигирам, яъне ба ман даст дароз кард ва кумаки худро пешниҳод намуд.

Яъне инсон ниёз ба ишқ дорад ва диле, ки зинда ба ишқ аст, қудратманд аст. Агар ишқ ба имдод биёяд, инсонро хушбахт хоҳад кард.

*Ало, эй аргувони осмонӣ,*
*Бирӯй аз ман, бирӯ, дасти маро гир.*

**Луғат:**

Арғувони осмонӣ – киноя аз шодии бениҳоят, Ишқ

**Маънӣ:** Шодиву нишоти бениҳоят, ки аз омадани Ишқ ҳосил мешавад, бигзор дар вуҷуди ман реша бигирад, нумуъ ёбад ва сабз шавад.

*Ману ту як ба як хоҳам, ки бошем,*
*На ҳаргиз ду ба ду, дасти маро гир.*

**Луғат:**

Як ба як – танҳо ба танҳо.

**Маънӣ:** Ошиқон ҳамеша майл ба танҳоӣ доранд. Барои дигарон дар миёни онҳо ҷой нест. Яъне ҳузури бегонагон барои онҳо номатлуб аст. Қаҳрамони ғиноӣ низ майл дорад бо ёри ягонаи худ, бо ишқи худ танҳо бошад.

*Дар ин дунёву он дунё фақат ту,*
*Фақат ту, боз ту, дасти маро гир!*

**Маънӣ:** Ошиқ ба ҷуз ёр каси дигареро дар ду дунё намехоҳад, бинобар ин ӯ ба ҳазрати ишқ, ки ҳастии ӯро фаро гирифтааст, муроҷиат намуда, хоҳиш мекунад, ки дасти ӯро бигирад, муттакои ӯ бошад ва ҳаргиз раҳо накунад.

## 24

Аз оинаи бефусунам гурезам,
Зи таъқиби ҷурми фузунам гурезам.
Ба фардо намехоҳам, эй нозири роҳ,
Ба бигзаштаҳо аз кунунам гурезам.
Дилам буд, маъшуқаи субҳ бошам,
Аз ин орзуи забунам гурезам.
Дигар «ишқ» - ро аз луғат берун орам,
Аз ин қуллаи сарнагунам гурезам.
Маро аз баҳори ҷунун пеш карданд,
Ҳам, инак, зи фасли сукунам гурезам.
Дилам гуфт: кофист раҳ гаштани ман,
Аз ин мурдаи ғарқи хунам гурезам.
Ман он ғори жарфам, ки аз чашми хуршед
Фақат бар дарун, бар дарунам гурезам.

**Афоили шеър:** фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯлун
**Вазни шеър:** мутақорибӣ мусаммани солим
**Радиф:** гурезам

*Аз оинаи бефусунам гурезам,*
*Зи таъқиби ҷурми фузунам гурезам.*

**Луғат:**

Бефусун – бедурӯғ.

**Маънӣ:** Оинаи бефусун – оинае, ки ошкоро ҳамаи ҷурмҳоро намоён мекунад. Дилам мехоҳад аз чунин оинаи ҳақиқатнамо гурезам, зеро ҷурмам хеле зиёд аст. Ин айбу нуқсҳо маро таъқиб мекунанд, бинобар ин мехоҳам аз таъқиби ин ҷурмҳо гурезам, пинҳон шавам.

*Ба фардо намехоҳам, эй нозири роҳ,*
*Ба бигзаштаҳо аз кунунам гурезам.*

**Луғат:**

Нозири роҳ – маҷозан назоратгари роҳи зиндагӣ, киноя аз Парвардигор.

**Маънӣ:** Эй Офаридгор, ман намехоҳам, ки ба фардо биравам, мехоҳам аз имрӯз ба гузашта, ба дирӯз баргардам. Гурехтан ба гузашта яъне орзуи бозгашт ба ҷавонӣ, ба фасли зебоии умр аст.

*Дилам буд, маъшуқаи субҳ бошам,*
*Аз ин орзуи забунам гурезам.*

**Луғат:**

Маъшуқаи субҳ – киноя аз ҳамсанг ва ҳамранги субҳ будан, мисли субҳ тозарӯву ҷавон ва мусаффо будан.

Забун – мағлубшуда.

**Маънӣ:** Дилам мехост мисли субҳ бошам, аммо ин орзуи ман шикаст хӯрд, забун шуд ва ҳоло бояд аз ин орзу бигрезам.

*Дигар «ишқ» - ро аз луғат берун орам,*
*Аз ин қуллаи сарнагунам гурезам.*

**Луғат:**

Сарнагун – сарозер, вожгун.

**Маънӣ:** Ишқ барои ман қуллаи орзу буд, ки дастнорас монд. Ҳоло бояд ишқро аз луғат берун кунам. Аз луғат берун кардан - ин мафҳумро ба иллати бекора шуданаш аз истифода хориҷ кардан. Ишқ азбаски қуллае буду сарнагун шуд, дастрас шудани он бароям номумкин гардид, дигар онро бояд аз истифода хориҷ кунам ва бигрезам.

*Маро аз баҳори ҷунун пеш карданд,*
*Ҳам, инак, зи фасли сукунам гурезам.*

**Луғат:**

Баҳори ҷунун – фасли сабзидан ва шукуфтан ва ишқ варзидан, яъне ҷавонӣ.

Фасли сукун – давраи бозмондан аз сабзишу нумуъ, расидан ба тирамоҳи умр.

**Маънӣ:** Аз давраи ҷавонӣ берун шудаам ва ҳоло бояд аз фасли бузургсолӣ низ бигрезам.

*Дилам гуфт: кофист раҳ гаштани ман,*
*Аз ин мурдаи ғарқи хунам гурезам.*

**Маънӣ:** Дилам гуфт, ки дигар хаста шудам ва роҳ гаштани ман, тапидани ман кофист. Мурдаи ғарқи хун - кинояаз дили мурда аст. Яъне ман мехоҳам аз дили мурдаи худ гурезам.

*Ман он ғори жарфам, ки аз чашми хуршед*
*Фақат бар дарун, бар дарунам гурезам.*

**Луғат:**

Ғори жарф – киноя аз ҷои чуқур ва торик, ки барои нури хуршед дастнорас аст.

Чашми хуршед – равшанӣ, гармӣ, ишқ.

**Маънӣ:** Азбаски ишқ мурдаву, дил аз задан бозмондааст, алҳол ман мисли он ғори торике ҳастам, ки аз чашми хуршед, аз нуру рӯшанӣ ба дохили худ мегурезам.

**Хулоса,** вақте ишқ нест, ҷавонӣ нест, орзу нест, субҳ нест ва ҳастии инсон низ дигар маъно надорад. Бе ҳузури ишқ инсон мисли ғори жарф аст, ки дур аз чашми хуршед мондааст.

## 25

Дер зӣ, эй модари фархундаам,
Васл кун бо ишқ тори кандаам.
Ман, чӣ ҷои ман, ки ҳатто обу гул
Гӯядат: бар ҳурмати ту зиндаам.
Осмонидомано, дар доманат
Ҳар қадам хирман зад ашку хандаам.
Уксигенам бахшиву заҳрам ҷабӣ,
Эй дарахти сабзи полояндаам.
Асли аслӣ, фаръ шуд пеши ту фар,
Фарруху фарзонаву фархундаам.
Сахт ноҳамвор мондам, гарчи вақт
Метарошад рӯзу шаб бо рандаам.
Ин тафохур ҷуз тамасхур нест, нест,
Аз чунин будан басе шармандаам.
Дар ҷавоби ишқи бемиқдори ту
Чун кунам, оҳ, эй ба бечун бандаам.
Ишқро пардохт кун танҳо ба ишқ,
Эй дили бар ишқ ноарзандаам.
Раҳ ба раҳ дар рафтаҳои ман бимон!
Нав ба нав боз ой аз оянддаам.
Боз ҳам дар рафтаҳои ман бимон,
Нав ба нав боз ой аз оянддаам.

**Афоили шеър:** фоилотун фоилотун фоилун
**Вазни шеър:** Рамали мусаддаси маҳзуф
**Радиф:** надорад

*Дер зӣ, эй модари фархундаам,*
*Васл кун бо ишқ тори кандаам.*

**Луғат:**

Фархунда – муборак, нек, фаррух, ҳумоюн.

Тори канда – киноя аз канда шудани робита бо зиндагӣ

**Маънӣ:** Умрат дароз бод, модари азизу муборaки ман. Ҳоло ки дилам аз зиндагӣ монда, робитаи ман бо зиндагӣ қариб аст канда шавад, ин тори кандаро тавассути ишқ васл кун.

*Ман, чӣ ҷои ман, ки ҳатто обу гул*
*Гӯядат: бар ҳурмати ту зиндаам.*

**Маънӣ:** На танҳо ман, балки тамоми аҷзою анвои ҳаёт, ҳатто обу гул низ мадюни муҳаббати модаронаи ту ҳастанд ва ба эҳтироми ту қоил ҳастанд.

*Осмонидомано, дар доманат*
*Ҳар қадам хирман зад ашку хандаам.*

**Луғат:**

Осмонидоман – киноя аз бузургиву саховати модар, ки дар домони худ бани башарро мепарварад.

**Маънӣ:** Ҳамин бузургии модар аст, ки пеши ӯ тамоми эҳсосҳои худро фошофош мегӯем, рози дил мекушоем, ашк мерезему ханда мекунем. Ҳар қадам хирман зад ашку хандаам – яъне дар ҳар қадами зиндагӣ як ҷаҳон ашк рехта мешавад ва ханда ба лаб меояд, инсон дар ҳолатҳои гунонгун қарор мегирад ва ҳамин модар аст, ки аз тавфиқи мо шод ва аз шикасти мо ношод мегардад.

*Уксигенам бахшиву заҳрам ҷабӣ,*
*Эй дарахти сабзи полояндаам.*

**Луғат:**

Уксиген – ҳавое, ки инсон нафас мекашад.

Полоянда – покизакунанда.

**Маънӣ:** Модари азиз, ту мисли дарахти бузурги

сабзе ҳастӣ, ки заҳрро meҷабад ва оксиген медиҳад. Яъне ту дардҳои фарзандонро даво мебахшӣ ва вуҷуди онҳоро покизаву беолоиш мекунӣ.

*Асли аслӣ, фаръ шуд пеши ту фар,*
*Фарруху фарзонаву фархундаам.*

**Луғат:**
Асл – ҳақиқӣ, асил.
Фаръ – он чи аз асл ҷудо шудааст, муқобили асл.
Фар – зебоӣ, ҳусну ҷамол.
Фаррух – некӯ, зебо.
Фарзона –доно, хирадманд.
Фархунда – муборак, нек, саодатманд.

**Маънӣ:** Асли ҳақиқат дар туст, ҳар чи аз ту мерӯяд ва ба вуҷуд меояд, ба шарофати ту дурахшу зебоиву шукӯҳ пайдо мекунад. Ту зебову донишманду накӯкорӣ.

*Сахт ноҳамвор мондам, гарчи вақт*
*Метарошад рӯзу шаб бо рандаам.*

**Маънӣ:** Шоир барои муқоиса ва мисол худро ба чӯб монанд мекунад, ки маъмулан пас аз ранда, кардан ҳамвору зебо мешавад. Ҳарчанд ки шабу рӯз вақт маро бо ранда метарошад, вале ман боз ҳамонам, боз ноҳамвор мондаам. Зиндагӣ ба ман имтиҳонҳо ва озмоишҳои зиёде паёпай мефиристад ва зарбаҳои ҷонкоҳе ба ҷонам мезанад, зеро мехоҳад мани саркашро нарму пазиранда гардонад. Аммо ман тағйир намеёбам, боз ҳамон нопазирандаву саркаш мемонам.

*Ин тафохур ҷуз тамасхур нест, нест,*
*Аз чунин будан басе шармандаам.*

**Луғат:**
Тафохур – ифтихор.
Тамасхур – масхара, ришханд, беэътиноӣ.

**Маънӣ:** Аз он ки нарму хушхулқ намешавам ва саркаш боқӣ мемонам, ҳаргиз ифтихор надорам, баръакс

бо тамасхур ба ин кори худ менигарам ва аз ин ҳол хиҷолат мекашам.

*Дар ҷавоби ишқи бемиқдори ту*
*Чун кунам, оҳ, эй ба бечун бандаам.*

**Луғат:**

Бемиқдор – ин ҷо ба маънии беҳудуд.

Бечун – киноя аз Офаридгор.

**Маънӣ:** Ишқи ту беҳудуд аст ва ман намедонам, чӣ коре бикунам, ки сазовор ва шоистаи муҳаббати беинтиҳои ту бошад. Ту, ки бандаи Офаридгори бемислу монанд ҳастӣ,, муҳаббати ту низ чунин беназир аст. "Чун" ва "бечун" дар ин мисраъ пайванди овоии зебо ёфтаанд.

*Ишқро пардохт кун танҳо ба ишқ,*
*Эй дили бар ишқ ноарзандаам.*

**Маънӣ:** Дуруст фармудаанд, ки: "Дар ин гунбади сипеҳр аз рӯйи кина кинаву аз рӯйи меҳр меҳр". Посухи муҳаббат бояд танҳо муҳаббат бошад, на кинаву нафрат. Бинобар ин қаҳрамони ғиноӣ ба дили худ, ки маъмулан ҳақиру камзарф тавсиф мешавад, муроҷиат мекунад ва мегӯяд, ки бо он ки сазовори ишқи бузург нестӣ, дар посух ба чунин муҳаббати беинтиҳо, бояд бо ишқ ҷавоб бигӯӣ.

*Раҳ ба раҳ дар рафтаҳои ман бимон!*
*Нав ба нав боз ой аз ояндаам.*

**Маънӣ:** Қаҳрамони ғиноии шеър, ки офарандаи сухан аст ва дар тамоми роҳи зиндагии худ модарро васф намудааст, орзу дорад, ки симои модар дар сурудаҳои ӯ ҷовидонӣ бимонад ва барои ояндагон низ тимсоли беназире бошад, ки нав ба нав зинда шавад ва ба зиндагии худ баъди даргузашти замон низ идомат бахшад.

## 26

То ба кай хокистаролудӣ, биё,озар шавем,
Бар шавем аз хирагии худ, фурӯзонфар шавем.
Душманӣ варзиданат бо ҷадвали тақвим чист,
Борҳо поён шудем, эй дӯст, инак, сар шавем.
Ахтарон гуфтанд: шаб тобути рӯзи рафта аст,
Дар сари тобути рӯзи мурда гулчанбар шавем.
Рӯзро дам мекашад ин дил, дили беҳудахор,
Худкушиҳо мекунем, он дам, ки худпарвар шавем.
Охир аз толори ороиш ба берун по ниҳем,
Ҷисмро оростем, инак, паи ҷавҳар шавем.
Бори дигар нақшаи ҷуғрофиёи дил кашем,
Андар ин рӯзу шабони танг паҳновар шавем.
Чанд навҷӯӣ кунам дар кӯҳназори фикри худ,
Ишқ мехоҳад, ки эй дил, мову ту дигар шавем.

**Афоили шеър:** фоилотун фоилотун фоилотун фоилун
**Вазни шеър:** Рамали мусаммани маҳзуф
**Радиф:** шавем

*То ба кай хокистаролудӣ, биё,озар шавем,*
*Бар шавем аз хирагии худ, фурӯзонфар шавем.*

**Луғат:**
Озар – оташ.

**Маънӣ:** То ба кай хомӯшу бекору беҳуда бимонем, бояд зиндаву пурталош бошем. Чунонки дар дили хокистар ҳанӯз оташ ниҳон аст, онро бояд дигарбора биафрӯзем. Дар шеъри дигаре низ ба ҳамин маънӣ ишора мекунад:

*Дар ин хокистари мурда забона метапад ё на,*
*Дили ман бори дигар дилбарона метапад ё на?*

Яъне, агар кулли ҷомеа баъзан бозмондаву фурӯмонда шуда бошад, дилаш сарду дасташ аз кор монда бошад, беҳавсала бошад, биё ки ин ҳолро раҳо кунем, дубора нерӯ пайдо кунем, дубора аз пайи зиндагӣ ва офариниш бошем.

Ҳофиз мегӯяд:

*Сояи тоири камҳавсала коре накунад*
*Мадад аз сояи маймуни ҳумое бикунем.*

Яъне сояи парандаҳои камҳавсала наметавонад ба саодати инсонҳо таъсир расонад, онро биафзояд. Фақат сояи муборакu мурғи Ҳумо метавонад инсонҳоро саодатманд кунад. Пас мо ҳам ҳам аз ҳамин беҳавсалагӣ, хокистаролудиву бекориву лоқайдӣ бояд раҳо шавем ва дубора шарари зистан, шарари офаридану навсозӣ кардану тозакорӣ намуданро дарёбем.

*Душманӣ варзиданат бо ҷадвали тақвим чист,*
*Борҳо поён шудем, эй дӯст, инак, сар шавем.*

**Луғат:**

Чадвали тақвим – киноя аз умри даргузар.

**Маънӣ:** Аслан инсонҳо ҳамеша аз бузургсолӣ, аз завол, аз пириву яъс, аз фартут шудан ваҳшат доранд, мехоҳанд аз тақвим фирор кунанд, аммо инсонҳое ҳастанд, ки ҷадвали тақвимро ба маҷрои ҳаёти худ, ба барномаи фикри худ мехоҳанд тобеъ кунанд. Фақат бузургони ростин метавонанд зимоми вақтро ба дасти худ бигиранд. Мавлоно мегӯяд, ки:

*З-огоз ҳама ба охир ояд,*
*З-охир биравем мо ба огоз.*

Яъне инсонҳои нобиға аз поён дубора ба сӯи оғоз мераванд, баъди тамом шудан онҳо қудрат меёбанд, ки дубора оғоз шаванд. Яъне бо марги ҷисмашон ҳастии онҳо поён намепазирад, зеро онҳо бо фикри тозаи худ умри худро бақои ҷовидона бахшидаанд. Мо одамҳои маъмулӣ ва муқаррарӣ ҳастем, аммо агар аз нашъати бузургон

баҳраманд гашта бошем, мо ҳам бояд қуввату мадор пайдо кунем, ки бо ҷадвали тақвим зиддият наварзем, балки бо вақт ҳамоҳанг бошем, вақтро ҷовидонӣ гардонем, бо гузашти тақвим хатм напазирем, балки тоза ба тоза оғоз шавем.

*Ахтарон гуфтанд: шаб тобути рӯзи рафта аст,*
*Дар сари тобути рӯзи мурда гулчанбар шавем.*

**Маънӣ:** Ҳар рӯзро шаб хулоса мекунад ва шаб аслан ишорат ба марг, завол, поён, тобут ва гӯр аст. Аммо ахтарон, азбаски рисолати нурнисорӣ доранд, тимсоли зиндагӣ, хубӣ, оғозҳо ҳастанд.

Масалан, бо он ки шабона тулуъ мекунанд, гӯё бо шаб як андак зиддият меварзида бошанд, чунки онҳо кони анвор ҳастанд. Рӯзи мурда – яъне рӯзи беҳосили ҳаёт, ки паси сар шудааст. Як рӯзи бесамар ва бебақо гӯё гусел шуд ва шаб тобутест, ки дар он рӯзи рафта гӯё хобидаву мадфун мешавад. Гулчанбар шудан дар сари тобути рӯзи мурда, яъне сухан аз ахтарон аст, ки мисли марҷонҳои пурҷарақа дар маҷмӯъ ва ҳамбастагӣ гӯё гулчанбаре ҳастанд дар зулмоти шаб дар сари тобути рӯзи рафта. Тибқи фарҳанги насоро маъмулан дар сари тобут ва гӯри мурда гулчанбар мегузоранд ва кавкабҳо низ ба эҳтироми як рӯзи рафта, ҳарчанд ки он барҳадар рафта ҳам бошад, барои гусели он ба абадият гулчанбар шудаанд.

Ин ҷо ҳамон хусусияти шеъри Фарзона, ки фарҳангҳо ва адёни мутафаррикаро, халқҳои гуногунро бо расму оинҳои мухталифашон ба ҳам мепайвандад, ба мушоҳида меояд. Ӯ зиёд мехоҳад, ки онҳоро ба ҳам наздик биёрад.

*Рӯзро дам мекашад ин дил, дили беҳудахор,*
*Худкушиҳо мекунем, он дам, ки худпарвар шавем.*

**Луғат:**

Беҳудахор – касест, ки ба беҳудагӣ умр мегузаронад.

**Маънӣ:** Яъне ба бекориву беҳавсалагиву бе навофаринӣ инсон рӯзро паси сар мекунад. Дили беҳудахор, яъне инсоне, ки ба беҳудагӣ рӯз мегузаронад.

Худпарварӣ ва худхорӣ ҳарду ба як маънианд, ба маънии рӯзкушиву худкушиву вақткушӣ. Яъне ки бо вақтхушиву беҳудагӣ рӯз ба сар бурдан баробар ба куштани рӯз ва куштани умр аст.

Ба ин маънӣ дар шеъри дигараш низ мегӯяд:

*Чун вақтхушӣ бо ҳама кас вақткушист,*
*Ман фоидаи фирорро фаҳмидам.*

Яъне вақтхушиву фароғат баробар ба вақткушиву беҳуда ба сар бурдани умр аст.

*Охир аз толори ороиш ба берун по ниҳем,*
*Ҷисмро оростем, инак, паи ҷавҳар шавем.*

**Луғат:**

Чавҳар – маҷ. сиришт.

**Маънӣ:** Одамон ба толори ҳусн барои ороиши зоҳири худ мераванд, аммо инсон бояд коре кунад, ки на танҳо ҷисм, балки ҷавҳараш низ ороста гардад, яъне барои вусъати ҷаҳони маънавии худ, барои беҳтар шудани хилқати худ талош ва саъй бояд кунад.

*Бори дигар нақшаи ҷуғрофиёи дил кашем,*
*Андар ин рӯзу шабони танг паҳновар шавем.*

**Луғат:**

Нақшаи ҷуғрофиё – харитаи ҷуғрофиё.

Паҳновар – васеъ, густурда.

**Маънӣ:** Харитаи ҷуғрофиёи оламро борҳо кашидаанд, вале харитаи ҷуғрофиёи дилро танҳо бузургоне мисли Мавлоно, Ҳофиз ва нобиғагони дигар боз намудаанд. Шоир даъват мекунад, ки биёед, мо ҳам харитаи дилро бикашем ва ин рӯзу шабони танг, яъне ин зиндагонии басо кӯтоҳ, ин фурсати хеле камро, ки инсон

дар ихтиёр дорад, вусъат бубахшем. Фақат дил метавонад, ки бо тозакориҳои худаш ин рӯзу шабҳоро, яъне тақвимро тӯл диҳад, паҳновар кунад.

*Чанд навҷӯӣ кунам дар куҳназори фикри худ,*
*Ишқ мехоҳад, ки эй дил, мову ту дигар шавем.*

**Маънӣ:** Аслан ҳама чизи олам, ҳатто андешаҳову пиндорҳо хеле куҳнаву фартут шудаанд ва ман дар андешазори худам фикри тоза, мафоҳими нав меҷӯям ва ман ин корро бо амри муҳаббат, бо супориши ишқ иҷро мекунам, зеро фақат ишқ қудрат дорад, ки ҷаҳонро ва инсонро дигар кунад ва ман низ ниёз ба дигар шудан дорам, зеро мехоҳам ҳамарӯза нав бишавам.

## 27

Рӯзи ғуруби ҳавсалаҳо пир мешавем,
Дар қайду банди мушкилаҳо пир мешавем.
Бар мадду ҷазри мост фалак остинфишон,
Бо ҳоюҳӯю валвалаҳо пир мешавем.
Он себи ночашидаи мо шукр ном дошт,
Мо кофарему бо гилаҳо пир мешавем.
Дар мо ҷунуни андаки Маҷнун агарчи нест,
Дар по ҳазор силсилаҳо пир мешавем.
Бо он ки нест фосила байни ҳаёту марг,
Мо ҳам бидуни фосилаҳо пир мешавем.
Бар сардии ҳаво натавон ин гуноҳ баст,
Аз сардии муомилаҳо пир мешавем.
Моро, ки ҳаст робита бо ишқ, зиндаем,
Бо мурдани мубодилаҳо пир мешавем.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** пир мешавем

*Рӯзи ғуруби ҳавсалаҳо пир мешавем,*
*Дар қайду банди мушкилаҳо пир мешавем.*

**Луғат:**

Ҳавсала – майлу рағбат.

Қайду банд – асорат, гирифторӣ.

**Маънӣ:** Ҳавсала чист? Хавсала нерӯву мадору иқтидор ва завқи зиндагӣ, завқи эҳё ва таҷаддуд ёфтан аст. Рӯзе, ки ҳамон завқи ботинӣ, илҳоми нишотангез дар вуҷуди мо мемирад, мо завол меёбем ва ба тақвим ва пирӣ таслим мешавем. Зиндагӣ дар ҳар қадам ҳазор мушкилае дар баробари инсон пеш меорад ва инсонҳои фотеҳ ҳамеша

ҷиҳод мекунанд бо ҳама масоил ва саддҳову ташвишҳо. Аммо замоне ҳам меояд, ки он қадр ин мушкилот зиёд ба мо ҳуҷум мекунанд, ки дигар дар ин бархурд инсонҳо мағлуб шудани худро эҳсос мекунанд, ба ин мушкилот мутеъ мешавад, он гоҳ инсон завол меёбад.

*Бар мадду ҷазри мост фалак остинфишон,*
*Бо ҳоюҳӯю валвалаҳо пир мешавем.*

**Луғат:**

Мадду ҷазр – болову поён рафтан

Остинафшон – даст афшондан, бепарво будан

Валвала – шӯру ғавғо, ошӯб, фарёд

**Маънӣ: О**смон ба ин ҳою ҳуй ва шӯру шару валвалаҳои мо коре ҳам надорад, бепарво даст меафшонаду остин мефишонад ва рисолати осмонии худро идома мебахшад, чунки чун мо миллиардҳоро дидаасту боз мебинад. Шару шӯри мо, мадду ҷазри рӯҳи мову ҷисми мо барои осмон қадре ва моҳияте надорад, аз ин хотир фалак бепарвост ба чигунагии андешаҳо, зиндагӣ ва аҳволи мо. Ва мо бо валвалаҳову ҳою ҳуйю фарёди худ, ки аз ҷониби фалак бепосух аст, ниҳоят эҳсоси мусаллам шудан ба пириро пайдо мекунем.

*Он себи ночашидаи мо шукр ном дошт,*
*Мо кофарему бо гилаҳо пир мешавем.*

**Маънӣ:** Себи ночашида - он себест, ки дар маърифати инсонӣ ба маънии себи дониш меояд ва дар маърифати динӣ ба маънии он себе меояд, ки Одаму Ҳавво бо ҳам чашида ва дар маърифати исломӣ ба ҷои он гандум аст. Ин ҷо сухан дар бораи себест, ки инсон ҳанӯз ночашидааст ва ин себ себи шукр аст ба он маънӣ, ки ҳанӯз ҳам мо шокир нестем, ҳанӯз ҳам мо барои ҳамин лаҳазоте, ки ҳолиё дар даст дорем, барои ҳамин нафасе, ки мекашем, барои қадаме, ки мегузорем, барои садое, ки мебарорем ва ҳарфе, ки мегӯему мешунавем, барои нигоҳе, ки ҷаҳонро мебинад, чандон ки

бояд, шукр накардаем. Фақат инсонҳое, ки ҳамаи ин нерӯро аз даст додаанд – нерӯи нигоҳ кардан, роҳ гаштан, нафас кашидан – медонанд, ки чи давлати бузург аст ин дороие, ки сифоташ зикр шуд. Мо ҳатто қадри ҷавонии худро ҳам надонистем ва кофарона зиндагӣ кардем, яъне бузургтарин мафҳуми олам - шукрро маърифат накардем. Дар ҳар қадам шикоят пеш гузоштем, дар ҳоле, ки ҳазрати Ҳофиз мегӯяд: «З-он ёри дилнавозам шукрест бошикоят». Ин ҳарду вожаву мафҳум ҳампаҳлу ва ҳамрадифи ҳамдигар бояд бошанд: шукр ва шикоят ва дар ҳар сурат шукр бояд дар вуҷуди мо, дар рӯҳи мо ва дар зеҳни мо ғолибият меёфт.

*Дар мо ҷунуни андаки Маҷнун агарчи нест,*
*Дар по ҳазор силсилаҳо пир мешавем.*

**Луғат:**

Силсила – занҷир, банд.

**Маънӣ:** Ба пои Қайс, азбаски ба ӯ ҷунун асар карда буд, силсила баста буданд, ончунон ки силсилаву занҷирро дар пои девонагон мебананд. Мавлавӣ мегӯяд, ки:

*Силсилабанданда шудам,*
*Гиря будам, ханда шудам,*
*Гуфт, ки девона наӣ,*
*Лоиқи ин хона наӣ.*
*Рафтаму девона шудам,*
*Силсилабанданда шудам.*

Яъне девонаҳо дар рӯзгори пешин барои аз дигарон фарқ кардан дар пой занҷир доштанд. Дар мо агарчи аз ҷунуни Маҷнун, яъне аз муҳаббат асаре нест ва аз чашмаи файёзи ишқ натавонистем, ки қатрае нӯш кунем, бо вуҷуди он дар поямон ҳазор силсилаи дигар буд. Силсилаи ишқу ҷунун набуд, балки силсилаҳое аз ниёзҳои моддиву ташвишҳои рӯзмараи вақткушу умррабо мисли ҷаласаҳои пурҳарф ва нишастҳову маҳфилҳову зиёфатҳои умрхор буд, ки моро ба пириву завол овард.

*Бо он ки нест фосила байни ҳаёту марг,*
*Мо ҳам бидуни фосилаҳо пир мешавем.*

**Маънӣ:** Аслан миёни салом ва вассалом, миёни оғоз ва анҷом, аввалу охир, субҳу шом фосилаи як оҳ, як нафас, як садо ҳам нест, зеро фосилаи оғозу анҷом бисёр кӯтоҳ аст. Агар ҳатто Худованд як аср ҳам ато кунад, хеле кам аст барои он ки инсон як ҳарфи розеро ифшо карда бошад. Чи қадр пирӣ барои инсонҳо зуд фаро мерасад. Инсони ҷавон фикр мекунад, ки пирӣ дар пушти кӯҳи Қоф аст, хеле дур аст ва баъди чандин ҳазор сол меояд, дар ҳоле ки он пушти шонаҳои онҳост.

*Бар сардии ҳаво натавон ин гуноҳ баст,*
*Аз сардии муомилаҳо пир мешавем.*

**Маънӣ:** Инсон аз сардии ҳаво пир намешавад ва сабаби заволи ӯ табиат ва ҳаводиси он нест. Вақте инсонҳо ба ҳам душманӣ меварзанд, дилҳо сард мешавад, ҳамин сардии дил нишони пириву завол аст. Сардии муомилаҳо рӯҳҳо ва дилҳоро сарду пир мекунад.

*Моро, ки ҳаст робита бо ишқ, зиндаем,*
*Бо мурдани мубодилаҳо пир мешавем.*

**Луғат:**

Мубодила – чизеро ба чизе иваз кардан, доду гирифт.

**Маънӣ:** Бо он ки дар ин ғазал ҳамин қадар ҳадиси пирӣ зикр шуд, асли ҳадаф ва матлаб ин аст, ки инсон бояд як чизе дошта бошад, ки ӯро ҷавон нигоҳ дорад, як иксире ва ҳамон иксир муҳаббат аст. Инсонҳое, ки бо муҳаббат робита доранд, зандаву ҷавон ва офаринанда ҳастанд, зиндагисоз ҳастанд ва барои дигарон ҳидоятгар ва ҳимоятгар ҳастанд, зеро ки нерӯи муҳаббат ба онҳо барои вусъат ёфтан ва масоҳат ёфтан кӯмак мекунад. Вақте чунин мубодила қатъ мешавад, дигар роҳе барои суруд намемонад, ҷуз роҳи фано. Пас, ягона роҳи ҷавон мондан ва ба фарсудагӣ сар нафаровардан, робитаи худро бо ишқ ҳифз кардан аст.

## 28

Масти чаҳ-чаҳхонии худ меравем,
Бо шакарафшонии худ меравем.
Бо фари инсонии худ омадем,
Бо пари кайҳонии худ меравем.
Аз таҳи ин нуҳ равоқи симгун
Бо шафақҷавлонии худ меравем.
Мо, ки урён омадем аз он тараф,
Боз бо урёнии худ меравем.
Баъди умре маърифат андӯхтан
Бо тиҳиирфонии худ меравем.
Рӯи мо тасвири шодӣ мекунад,
Бо ғами пинҳонии худ меравем.
Зиндагии мо саволе буду бас,
Бастаи ҳайронии худ меравем.
Ӯст ҷоноҷони мову ҷони мо,
Сӯи ёри ҷонии худ меравем.
Ройгон хидмат ба ранҷурон кунем,
Бо сухандармонии худ меравем.
Бо раҳи пешонии худ омадем,
Бо раҳи пешонии худ меравем.

**Афоили шеър:** фоилотун фоилотун фоилун
**Вазни шеър:** рамали мусаддаси маҳзуф
**Радиф:** худ меравем

*Масти чаҳ-чаҳхонии худ меравем,*
*Бо шакарафшонии худ меравем.*

**Луғат:**
Чаҳ-чаҳхонӣ – суруди шодонаи парандагон.

**Маънӣ:** Зиндагӣ як фурсатест барои чаҳ-чаҳ задан, шукуфтан, рӯшан шудан, шакар афшондан. Аслан хушбахт он нафароне ҳастанд, ки аз чаҳ-чаҳ бознамонда, аз шаккарафшонӣ мураххас нашуда мераванд ба ин маънӣ, ки агар фурсати ҳаёташон сад сол ҳам бошад, ин ҳама сад сол ба чаҳ-чаҳу навову сафо идомат мебахшанд ва аммо дер ё зуд фурсати рафтан ва навбати даргузаштан фаро мерасад.

*Бо фари инсонии худ омадем,*
*Бо пари кайҳонии худ меравем.*

**Маънӣ:** Инсон махлуқи ним-нимаист, ки нимаш ба замин ва нимаш ба осмон муртабит аст. Агар нимаш мабдаи ҳайвонӣ дошта бошад, ними дигараш мабдаи малакутӣ дорад ва сухан аз фару шукӯҳу ҷалоли инсонӣ меравад. Пас аз он ки зиндагонии заминиро анҷом додем, ба зиндагии кайҳонии худ идомат мекунем. Яъне рафтани мо нуқтаи охирин дар зиндагии мо нест, зеро Худованди бузург барои мо пари кайҳонӣ додааст, ки парвозкунон ба арши аъло меравем ва ба ҳаёти рӯҳонии худ ҷони мо идомат мекунад.

*Аз таҳи ин нуҳ равоқи симгун*
*Бо шафақҷавлонии худ меравем.*

**Луғат:**

Равоқ – киноя аз осмон.

Симгун – нуқраранг.

Шафақҷавлонӣ – киноя аз равшанӣ ва тобандагии хуршед .

**Маънӣ:** Бо он ки дар Қуръони маҷид ва дар кутуби муқаддаси адёни дигар қабатҳои осмонро ҳафт адад гуфтаанд, аммо бузургон ва аҳли урафои мо муътақид буданд, ки нуҳ осмон ҳаст ва осмони нуҳум фалаки атлас ном дорад ва осмони Худо ҳамон осмон аст ва Мавлонову Аттору Саноӣ зиёд таъбири «нуҳ фалак»-ро истифода

мебаранд. Зери ин нуҳ равоқи забарҷад ва аз таҳи нуҳ равоқи осмон, ки ранги симгун, ранги нуқраӣ дорад, «бо шафақҷавлонии худ меравем. Нуҳ равоқи симгун нуҳ равоқест, ки симгуна равшан ҳам ҳаст ва бо шафақҷавлонии худ омадан ва рафтан низ айни саодат аст, ки инсон ҳаёт ва рисолати хуршедона дошта бошад, шафақҷавлон ва тобанда бошад, бо тобишҳои ботинии худ ҷаҳонро рӯшан кунад ва ҳамин рафтанаш ҳам чун омаданаш зебо бошад.

*Мо, ки урён омадем аз он тараф,*
*Боз бо урёнии худ меравем.*

**Маънӣ:** Урён омадан бо тамоми маънӣ ҳақиқат аст, ҳам ба маънии тан ва ҳам ба маънии ҷон, ки як тифле, ки ба ҷаҳон мебиёяд, аслан ки аз ягон дониш бархурдор нест, рӯҳаш ҳануз бенавову урён аст ба мисли компутерест, ки ҳануз ҳеч сабте надорад. Мавлоно мегӯяд, ки:

*Пеши тифли нав падар ти-ти кунад,*
*Гарчи ақлаш ҳандасай гетӣ кунад.*

Бузургтарин инсонҳо ва донишварони олам бо дониши худ пеши кӯдак чи коре метавонанд кунанд ба ҷуз он ки ба забони дархурди кӯдак бо ӯ ҳарф зананд, яъне ти-ти кунанд. Боз бо урёнии худ меравем – ишорат ба ин аст, ки бо он ки инсонҳои ҷӯянда ва пӯянда улуми оламро, улуми табиӣ, улуми инсонӣ ва рӯҳониро аз бар мекунанд, боз ҳам иқрор мешаванд, ки «медонами ман ба ҷуз намедонам нест», яъне ки эҳсоси нодониву урёниву ғафлатмондагӣ мекунад. Яъне ки мифтоҳро барои асрорхонаи фалак аслан пайдо намекунанд. Бад-ин хотир боз урён мераванд.

*Баъди умре маърифат андӯхтан*
*Бо тиҳиирфонии худ меравем.*

**Луғат:**

Тиҳиирфонӣ – аз ирфон ва маърифат холӣ будан

**Маънӣ:** Шарҳи абёти болоӣ дар ин ҷо омадааст. Яъне

инсон дубора иқрор мекунад, аслан ки хеле тиҳизарф ва тунукмоя будааст ва андӯхтаҳояш арзишманд нестанд.

*Рӯи мо тасвири шодӣ мекунад,*
*Бо ғами пинҳонии худ меравем.*

**Маънӣ:** Инсонҳое, ки чеҳраашон дар чашми дигарон эҳсоси шодиву хуррамӣ медиҳад, дар андаруни дил ғамҳое доранд ниҳону пайдо, ғамҳое, ки ҳамроҳашон як умр зиндагӣ мекунанд ва ҳаргиз онҳоро тарк намекунанд. Аслан пурнишоттарин одамҳои олам ҳам агар дилашон оинаи дилнамо ва вуҷудашон оинаи ҷоннамо медошт, мо тасвири ғамашонро ҳам медидем.

*Зиндагии мо саволе буду бас,*
*Бастаи ҳайронии худ меравем.*

**Маънӣ:** Зиндагӣ як саволи бузургест, ки чаро омадам, чаро зистам ва чи кор бояд кунам ва ҳамаи ин суолҳои азим, мутаассифона, аз ҷониби боло ҳаргиз посух намеёбанд ва ҳаёти инсон аслан як ҳайронӣ ва тилисми бузург аст, ки ӯ ҳаргиз наметавонад аз ин тилисми ҳайрат ва доми ҳайронӣ раҳо шавад. Бо омаданаш ҳам тарҳи ҳайронӣ дорад, бо рафтанаш ҳам ва бо зистанаш ҳам.

*Ӯст ҷоноҷони мову ҷони мо,*
*Сӯи ёри ҷонии худ меравем.*

**Маънӣ:** Албатта, азбаски сафари инсонҳо аз ӯ ба ҷониби ӯст, ба ҷониби Худованди бузург аст, ки як лаҳза ҳам аз масъулияти ҳифз кардан ва паноҳ додани инсонҳо даст намекашад, як лаҳза ҳам онҳоро раҳо намекунад. Аз ин хотир ӯ ҷонончони мост. Як ҷони мо гуфтан, аз назари шоир, кифоя нест, «ҷоноҷони мо» гуфтан ба ин маъност, ки агар ҳазор ҷон ҳам дошта бошем, офаридгораш ӯст. Сӯи ёри ҷонии худ меравем – ишорат ба гуфтаҳои Мавлонову Ҳофизу тамоми бузургони мо, ки рафтани инсонҳоро пурмоя медонанд, хоса рафтани инсонҳои ошиқро, ки

рафтанашон мусибати бузург арз намешавад, рафтанашон як сафари муборак ба дидори ёр, ба самти висол аст.

*Ройгон хидмат ба ранҷурон кунем,*
*Бо сухандармонии худ меравем.*

**Луғат:**

Сухандармонӣ – дармон бо сухан.

**Маънӣ:** Азбаски шоир бисёр ҷонафрӯхтаи осори Мавлонову Ҳофизу Камол аст, чун ба осори ин бузургон руҷуъ мекунем, зиёд ҳарфҳое перомуни ранҷу ранҷуриву бемории рӯҳу ҷисмро пайдо мекунем. Аз ин хотир, «Мо табибони илоҳем, зи кас музд нахоҳем», - мегӯяд Мавлоно. Табиби ғайб ба беморон дами исавӣ ҳадя мекунад ва мурдаҳоро зинда мекунад, дармондаву ранҷурҳоро шифо мебахшад, ҳаргиз дастранҷ аз касе бозхост надорад. Аммо табибони бадан, табибони ҷисм барои мудовои иллате ҳатман музд мехоҳанд. Мавлоно ба ҳамин маънӣ мегӯяд, ки:

*Дастмузде менахоҳам аз касе,*
*Дастмузди ман зи Ҳақ ояд басе.*

Яъне Худованд ҳаргиз накӯиҳоеро, ки барои бандагонаш нисор шуд, беподош намемонад ва инҷо ҳам ишорат ба ҳамин ҳарф аст: «Ройгон хидмат ба ранҷурон кунем» ва ҳамин нукта дар шеърҳои зиёди муаллиф ишорат шудааст:

*Шамс ба ҳаққи хидматаш пайса нагирад аз замин,*
*Нуру сахо нисор кун, лек маҷӯ, маҷӯ ҷавоб.*

Мисли ҳамин накӯиҳое, ки ҳадафаш танҳо накӯист, на тамаъ, накӯие, ки ҳадафаш танҳо хушнудии Худованд ва хушнудии ҳамон касе бошад, ки дар ҳаққаш ин накӯӣ карда мешавад. Аслан танҳо авлиёи Худо, валиёни Ҳақ ва инсонҳои бузург, инсонҳои хеле шариф ҳастанд, ки дасташон дасти Худост. Чунонки Мавлоно дар «Маснавӣ» мегӯяд:

*Гар бувад мақбули Ҳақ он марди рост,*
*Дасти ӯ дар корҳо дасти Худост.*

Фақат ин гуна инсонҳо дасти худро ба сӯи халқи Худо боз мекунанд, ҳаргиз интизори ҷавоб ва подош нестанд ва дар ин байт ҳам сухан дар бораи одамҳое меравад, ки ройгон барои ранҷурон хидмат мекунанд ва ҳарфашон беҳтарин дармон ва нӯшдору аст, ки дилҳои афсурдаро марҳам ва ҷонҳои мирандаро дубора завқи зиндагӣ медиҳад.

*Бо раҳи пешонии худ омадем,*
*Бо раҳи пешонии худ меравем.*

**Луғат:**

Раҳи пешонӣ – маҷозан сарнавишт.

**Маънӣ:** Аслан кай омадан, кай рафтан ва чи сон зистан ҳамааш пеш аз омадани инсонҳо муқаддар шудааст ва аммо инсон ҳам ихтиёр дорад, ки ҳаёти худашро интихоб кунад. Масалан, ба кадом раҳ рафтан, ҳидоят шудан, пок зистан, инсони шариф будан, дониш омӯхтан – ҳамин корҳоро инсон худаш метавонад интихоб кунад. Ба ин маънӣ Ҷомӣ мегӯяд, ки:

*Ҷомӣ, макун андеша, ки тағйир наёбад,*
*Дар лавҳи қазо ҳарчи муқаддар шуда бошад.*

Бо он ки дар лавҳи қазо ин ҳама тақдир шудааст, инсон боз ҳам ихтиёри интихоби ҳаёти худ ва рехтани барномаҳои зиндагии худро дорад.

## 29

Наврӯз шуду панҷараро боз намудем,
Сад шукри ту, эй Ҷони Ҷаҳонсоз, намудем.
Табрики ҳама майнаву гунҷишку парасту
Бо марҳалаи тозаи парвоз намудем.
Хуршед сетор асту се маҳ корбаро кард,
Мо, чилланишинон, нахи ӯ соз намудем.
Хуршедтарин, субҳтарин хотираҳоро
Аз дуртарин панҷара овоз намудем.
Андози баҳор аст напардохта ҳоло,
Бо он ки адои ҳама андоз намудем.
Он ҳавсалаҳои фалаҷи коғазии мо
Чун бодбарак буду фалактоз намудем.
Эй сифр, аё «О»-и муаззам ба сириллӣ,
Ояндаи худро зи ту оғоз намудем.

**Афоили шеър:** мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлон

**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур

**Радиф:** намудем

*Наврӯз шуду панҷараро боз намудем,*
*Сад шукри ту, эй Ҷони Ҷаҳонсоз, намудем.*

**Маънӣ:** Дар забон ва адабиёти форсӣ панҷара ба маънои тиреза меояд ва дар шеваи мо маънии садду сарҳадро ҳам дорад. Ва ин панҷарае, ки дар байт омадааст, ба ҳарду маънӣ ҳам ҳаст. Инсон маҳкамаҳо ва панҷараҳои рӯҳи худро ба истиқболи баҳор боз мекунад. Дар зимистон инсон ҳам аз назари рӯҳ ва ҳам аз назари ҷисм ҳазорон пӯшиш дорад ва вақте ки боди баҳорӣ меояду нофакушоӣ мекунад, ҳам тани одам сабук мешавад ва ҳам рӯҳи одам

аз панҷараҳои маҳдуд берун меояд. Дар ин байт шоир мегӯяд, ки баҳор шуду мо панҷараҳои дилро ба сӯи зебоӣ ва шукуфоӣ боз кардем ва сад шукри ту, эй ҷони ҷаҳонсоз намудем. Ҷони ҷаҳонсоз, яъне Парвардигор, ки Наврӯзро ва баҳорро ба мо эҳдо кард.

*Табрики ҳама майнаву гунҷишку парасту*
*Бо марҳалаи тозаи парвоз намудем.*

**Маънӣ:** Дар миёни ин ҳама майнаву гунҷишку парасту, дар миёни ин ҳама парандаҳо дили мову Шумо ҳам ҳаст, ки дубора шеваи парвоз меомӯзад, дубора вақте баҳор меояд, барои дили мо ҳам фурсати тозаи оғозу парвоз фаро мерасад.

*Хуршед сетор асту се маҳ корбаро кард,*
*Мо, чилланишинон, нахи ӯ соз намудем.*

**Луғат:**

Сетор – асбоби мусиқӣ.

Чилланишинон – онҳое, ки дар чиллахона чил рӯз ибодат мекунанд.

**Маънӣ:** Се маҳ корбаро кардани офтоб, яъне се моҳи зимистон ва таътили зимистонии офтоб аст, ки инак ба охир расид. «Корбаро» калимаи бисёр зебо ва хоси тоҷикист, ки барои мардуми форсизабони манотиқи дигар онро шарҳ бояд бидиҳем. Аммо бо он ки он азизон ин калимаро ҳануз мустаъмил намекунанд ва зиёд истифода намебаранд, мо набояд аз ин инчунин калимоти зебо даст кашем, баръакс бояд коре кунем, ки ин навъи калимот ҳуқуқи комили ворид шудан ба шеъри муосирро дошта бошанд. Ва сетор ин асбоби мусиқӣ аст, ки се тор дорад ва офтоб чаро се тор аст, чаро ба ҳамин асбоби мусиқӣ шабеҳ шудааст? Барои он ки сетор танҳо ишорат ба ҳамин сетори мусиқиофарин нест, сетор маънии ишқро ҳам дорад, сетор себарга ҳам ҳаст бо баргҳои айну шину қоф. Се тор дар айни ҳол айну

шину  қоф аст ва хуршед - парандаи муҳаббат ва намое аз ишқ. Се моҳ дар ҳаёти мо, дар ҳаёти табиат набудани офтоб мисли ин аст, ки инсонҳо дар фасли бемуҳаббатӣ зиста бошанд. «Мо, чилланишинон, нахи ӯ соз намудем» - ба он маънист, ки  вақте хуршед набуд, мо чилланишин шудему дар хилват, дар гӯшаҳо ғунудем ва аммо ҳоло бо он ки дар чилла ҳастем, мо се нахи ин торро соз мекунем, яъне ки мо сетори офтобро менавозем. Бо он ки мо дар гӯша нишастаем, ба ҳадде суруд мекунем, ки бо замину осмон мепайвандем ва сетори хуршедро менавозем.

*Хуршедтарин, субҳтарин хотираҳоро*
*Аз дуртарин панҷара овоз намудем.*

**Маънӣ:** Чунонки мебинем, ин панҷараи мо ҳам панҷараи аслист ва ҳам панҷараи маҷозӣ ва аз ин панҷараи муҳаббат мо зеботарин хотираҳои гузаштаро садо мекунем ва бо он дубора рӯбарӯ меоем. Хуршедтарин ва субҳтарин – шоир аз исмҳои хуршед ва субҳ бо истифода аз пасванди «тарин», ки барои сохтани дараҷаи олии сифат ба кор меояд, барои вожаи «хотира» тавсифҳои нодир ва ғайримаъмул месозад ба маънии хотираҳои равшану гарму пок.

*Андози баҳор аст напардохта ҳоло,*
*Бо он ки адои ҳама андоз намудем.*

**Маънӣ:** Чи бахорҳои зебову бадее аз ҳаёти мо даргузаштааст, баҳорҳое, ки бояд аз онҳо ком меситонидем, баҳорҳое, ки аз он бояд вом мегирифтем барои офариниш, барои таҷдиду таҷаддуди рӯҳамон, барои эҷоду эъҷозамон ва аммо, мутаасифона, мо натавонистем аз он баҳорҳои зебо чандон ки бояд, истифода кунем, яъне андози баҳорро натавонистем бипардозем. Ҳама андозҳои ҳаёти иҷтимоъро пардохт кардем ва аммо андози офтобу андози баҳор, андози муҳаббат бепардохт монд.

*Он ҳавсалаҳои фалаҷи когазии мо*
*Чун бодбарак буду фалактоз намудем.*

**Луғат:**

Ҳавсалаҳои фалаҷи коғазӣ – ҳавсалаҳои мурда

Фалактоз – осмоннаворд, осмонпаймо.

**Маънӣ:** Шавқҳои мо, барномаҳои мо ҳам мисли ҳамон бодбаракҳое ҳастанд, ки тифлакон аз коғаз месозанд ва ба осмон сар медиҳанд. Ин бодбаракҳо, бо он ки мо онҳоро ба осмон раҳо кардаем, чизҳои бебунёд буд, чизҳое набуд, ки шоистаи фалактозӣ ва шоистаи осмоннавардӣ бошад. Мо бо баҳор ҳанӯз пайванди комил наёфтаем, дили худро мазҳари эҷод накардем.

*Эй сифр, аё «О»-и муаззам ба сириллӣ,*
*Ояндаи худро зи ту огоз намудем.*

**Маънӣ:** Сифр аслан ҳеч аст ва «О»-и муаззам ба сириллӣ» гуфтани шоир ишора ба он аст, ки он ҳечро мо ба «О» табдил медиҳем, яъне ояндаи худро мо аз ту оғоз мекунем, яъне ин баҳор мову ту мелоди тоза меёбем. Ин «О» оғозу оянда ва дар маҷмӯъ Оллоҳ ҳам ҳаст, ки бо ёди ӯ ва шукргузорӣ аз ӯ мо зиндагии худро дар ин Наврӯз дигарбора таҷдид мекунем.

## 30

Сим мазан, сим мазан, сим, сим,
Қатъ кунам бо ҳама кас лому мим.
Эй дили сад қибла бияндохта
Ним ба он, ним ба ин, ним, ним.
Қалби сабуксабку сабукшевагон
Кай бишавад мазҳари ишқи азим.
Ишқ, чӣ кардиву накардӣ, бигӯ
Бо мани нав, бо мани хеле қадим.
Ишқ, биё фотиҳахонӣ, ки мурд
Ин дили бепуштупаноҳи ятим.
Мурду ба дӯшаш ғарами тавба бурд,
Дар бикушо, дар бикушо, эй раҳим.

**Афоили шеър:** муфтаилун муфтаилун фоилун
**Вазни шеър:** сареи мусаддаси матвии макшуф
**Радиф:** надорад

*Сим мазан, сим мазан, сим, сим,*
*Қатъ кунам бо ҳама кас лому мим.*

**Луғат:**
Сим задан – занг задан, телефун кардан.

**Маънӣ:** Ин ҷо шоир барои худ тасмим мегирад, ки ба касе сим назанад, зеро майл надорад, ки бо касе дар иртибот бошад, суҳбат кунад.

Эй дили сад қибла бияндохта
Ним ба он, ним ба ин, ним, ним.

**Луғат:**
Қибла – парастишгоҳ.

**Маънӣ:** Инсони боимон маъмулан як қиблаву меҳроб

дорад, ки ба он саҷда менамояд ва садоқаташро ба он ҳифз мекунад. Аммо баъзе нафарон дониш ва эътиқодашон бепояву береша аст, бинобар ин кам-кам аз ҳар ҷо бардоште доранд, ки ҳеч яки он комил нест.

*Қалби сабуксабку сабукшевагон*
*Кай бишавад мазҳари ишқи азим.*

**Луғат:**

Сабуксабк – сабукмағз, беандеша.

Сабукшева –маҷ. ноустувор, пастҳиммат, фурӯмоя.

Мазҳар – ҷойгоҳ.

**Маънӣ:** Мазҳар ва ҷойгоҳи ишқи азим танҳо қалбҳои инсонҳои содиқу бовафост, аммо қалбҳои сабуксабку сабукшевагон, ки ҳар лаҳза ишқи худро иваз мекунанд, наметавонанд ишқи бузургро дар худ ҷой диҳанд ва ҳифз кунанд.

*Ишқ, чӣ кардиву накардӣ, бигӯ*
*Бо мани нав, бо мани хеле қадим.*

**Маънӣ:** Ишқ мафҳуми хеле қадимист, ки бар асари он инсон нав мешавад. Ба ҳамин маънӣ шоир мегӯяд, ки ман хеле қадимиву пир будам, вале бо омадани ишқ нав шудам. Эй ишқ, ту чи муъҷизае ҳастӣ ва чи коре бо ман кардӣ, ки маро тағйир додӣ?

*Ишқ, биё фотиҳахонӣ, ки мурд*
*Ин дили бепуштупаноҳи ятим.*

**Луғат:**

Бепуштупаноҳ - бемуҳофиз

Фотиҳахонӣ – мусалмонон маъмулан баъди даргузашти касе барои хондани сураҳое аз Каломи шариф ва таслият гуфтан мераванд.

**Маънӣ:** Дил замоне бепушту паноҳ ва ятим мешавад, ки агар аз ишқ маҳрум шуда бошад. Маъмулан барои

мурдагон фотеҳа мехонанд ва барои диле, ки ишқ дар он мурдааст, бояд фотеҳа хонда шавад. Ба ҳамин хотир шоир ишқро барои хондани фотеҳа ба марги дил даъват мекунад.

*Мурду ба дӯшаш ғарами тавба бурд,*
*Дар бикушо, дар бикушо, эй раҳим.*

**Маънӣ:** Дили мурда барои гуноҳҳои худ ба даргоҳи ишқ як ҷаҳон тавба мебарад ва ишқ, ки аз назари шоир, бузургтарин иксири зиндагист ва дар айни ҳол сифоти худоёна мисли раҳимӣ ва бахшояндагӣ ба он мансуб аст, қодир аст, дигарбора ба рӯи дил дарро бикушояд, то ки он боз зиндаву нав шавад ва сарзиндаву шод ба зиндагӣ идомат бахшад, боз хоҳиши мулоқоту суҳбату сим заданро пайдо кунад.

## 31

Чанд уммеди саодатмандӣ аз фардо кунам,
Бояд ин дам гӯш бар набзи дили ҳоло кунам.
Мебарандам сӯи маҷнунхона, гар орому дам
Қолабӣ гардам чу омма, беҷунуниҳо кунам.
Фикри худро баъд аз ин боло чаронам боз, боз,
Ҳафт ҷилди нилии қомуси гардун во кунам.
Вақт, дар мӯям сафедӣ ҳам фитад, рангаш занам,
Парчами таслимро пеши ту кай боло кунам.
Боз бо дунёву бо худ ҷанги дигар боядам,
Ончунон ҷанге, ки «не»-и қисматамро «ҳо» кунам.

**Афоили шеър:** фоилотун фоилотун фоилотун фоилун
**Вазни шеър:** рамали мусаммани маҳзуф
**Радиф:** кунам

*Чанд уммеди саодатмандӣ аз фардо кунам,*
*Бояд ин дам гӯш бар набзи дили ҳоло кунам.*

**Маънӣ:** Одамҳое ҳастанд, ки замони ҳолро фаромӯш мекунанд ва дар замони ҳол зиндагӣ намекунанд, ҳамеша хуррамиву нишоту саодатҳоро аз замони оянда чашмдор ҳастанд. Ин одамҳо ҳам хушбахтанд, албатта, барои он ки дар дилашон инчунин барномаҳои бузурге ҳаст барои фардо, аммо бо ҳамин хушбахтии наҷиби наомада нақди ҳолоро аз даст медиҳанд. Барои ҳамин ин панди Фарзона барои худаш аст, ки «Бояд ин дам гӯш бар набзи дили ҳоло кунам». Аслан вожаи «ҳоло» зиёд дар ашъори муаллиф гардиш мекунад ба ин маънӣ, ки ҳоло – ҳамин нақдест, ки ҳамаи мо дорем ва фардо, маълум нест, ки киро муяссар мешавад, гузашта бошад, аз даст раҳо шудааст. Ҳамин ҳолоро инсон бояд истифода барад, ҳамин ҳолоро бояд дӯст дорад ва дар ҳамин ҳоло таваллуд шавад ва таҷаддуд ёбад.

*Мебарандам сӯи маҷнунхона, гар орому дам*
*Қолабӣ гардам чу омма, беҷунуниҳо кунам.*

**Луғат:**

Маҷнунхона – хонае, ки дар он девонагонро нигаҳ медоранд.

**Маънӣ:** Шахси шоир шахси тӯфонӣ, шахси исёнпарвар ва ҷунуноҳанг ҳаст. Агар аз ин ҷунуну тӯфон, аз ин мадду ҷазрҳои рӯҳаш Худо ба канор андозад ва як шакли орому бемаҷрову борафоҳ бигирад, азбаски ба худаш хиёнат мекунад ва аз қолаби худаш берун меояд, мардум ӯро ба девонахона мебаранд. Дар ҳоле ки инсони воқеан маҷнун орому сокит мешавад. Барои шоир маҷнун будан қонуни ҳаёташ аст, барои инсони офаринанда, Маҷнун будан ба маънои фақат девона будан нест, ба маънои ошиқ будан аст, ки сабки зиндагониаш мебошад. Агар аз ин сабк даст кашид, ӯро ба маҷнунхона мебаранд. Мачнунхона – таъбири Мавлоност, ки гоҳе «ҷиннихона» ва «девонахона» ҳам мегӯяд ва бисёр калимаи зебост. Маъниаш ин аст, ки дар маҷнунхона маҷнунҳои зиёди гирифтори ишқ ҷамъ меоянд.

*Фикри худро баъд аз ин боло чаронам боз, боз,*
*Ҳафт ҷилди нилии қомуси гардун во кунам.*

**Луғат:**

Чаронидан – маҷ. парвоз додан.

Нилӣ – кабудранг.

Қомуси гардун – киноя аз фалак.

**Маънӣ:** Одамҳое, ки дар поён зистгоҳу рустгоҳ ёфтаанд, дар поён фикри худро парвариш медиҳанд. Яъне дар поёноби андеша онҳо наметавонанд чизҳое, ки дар баландист, шикор кунанд, масалан, офтобро ё уқоби теғаи кӯҳро. Ба ин даме инҳо наметавонанд инсонҳои воқеан муаззамҷавҳарро тасхир намоянд ва аммо шоир аз барномае сухан меронад, ки фикру андешаҳои худро бояд

сууд бидиҳем, ба боло барем, ба ҳадде, ки қомуси осмонро, ки иборат аз ҳафт ҷилд аст, боз намоем ва бихонем ва барои дигарҳо бозкушоем.

*Вақт, дар мӯям сафедӣ ҳам фитад, рангаш занам,*
*Парчами таслимро пеши ту кай боло кунам.*

**Маънӣ:** Парчами таслим азбаски ранги сафед дорад, маънияш ин аст, ки ҳар касе ки дар сар мӯи сафед дошта бошад, дар баробари вақт мусаллам ва таслим шудааст ва аммо мо набояд пеши вақт эҳсоси таслимшудагӣ ва афтодагиву тобеият кунем. Албатта, ба вақт касе наметавонад фотеҳ бошаду нусрат ёбад, аммо вақте ки инсон ба роҳи офариниш ва халлоқият меравад, коре мекунад, ки ҳатман баъди убури фурсати ҷисмонияш боз ҳам пояндагӣ ва бақо ёбад.

*Боз бо дунёву бо худ ҷанги дигар боядам,*
*Огчунон ҷанге, ки «не»-и қисматамро «ҳо» кунам.*

**Маънӣ:** Бо дунёву бо худ ҷанг кардан, яъне тобеъ нашудан ба он чи ҳаст ва он чи пешбинӣ шудааст. Яъне худро ва ҷаҳонро беҳтар бояд намуд, такмил бояд дод, барои саодат бояд талош кард. «Не»-и қисмат ба ин маънӣ ки ҳамон хутути тақдир аст, ки дар қазо омадааст. Ва аммо, мегӯянд, фариштаҳое ва абдоле ҳастанд, авлиёи Худое ҳастанд, ки вақте Шумо дасти дуо мебардоред ва чизе хоҳиш менамоед, Худованд чун қосид онҳоро мефиристад, то ҳамон пешомади баде, ки ба одамҳо омада истодааст, аз ҷониби фариштаҳо аз роҳ боздошта шавад. «Ончунон ҷанге, ки «не»-и қисматамро «ҳо» кунам» - яъне ҳарчи ки дар тақдири талхи инсон пешбинӣ шудааст, онро хати бутлон занем ва дар ҷояш саодатро, рӯшноиро, хубиву сафоро ҷой диҳем.

## 32

Ҳамшеваи баҳорам, ҳамшираи шакарнам,
Ҳамвусъати дили мӯр, ҳамҳаҷми кулли олам.
Зеботарӣ зи Юсуф, ошиқтарӣ зи Маҷнун,
Эй ҷони номусаххар в –эй қалби номусаллам.
Хушбахти ҷовидеро, хушрӯзи воҳидеро
Аз рӯзгори Одам бишмор то ба ин дам.
Аз ҳар кӣ будам охир дар ҷадвали қаду баст,
Дар ҷадвали дили кӣ боре шавам муқаддам.
Ду гавҳари сиёҳам анвор андар анвор
Пайваста медурахшад бо нақши Исми аъзам.
Навбад аҷаб, ки гардад ин аз ҳама муҳаққар
Шоистаи нигоҳи он аз ҳама муаззам.
Эй рафта, дар дилам мон зебо, ҳамеша зебо,
Оянда, муждаҳо деҳ хуррам, ҳамеша хуррам.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун
**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраб
**Радиф:** надорад

*Ҳамшеваи баҳорам, ҳамшираи шакарнам,*
*Ҳамвусъати дили мӯр, ҳамҳаҷми кулли олам.*

**Луғат:**
Ҳамшева – ҳамгун бо шева ва тарз.
Ҳамшира – маҷ. аз як аслу насаб будан.
Ҳамвусъат – баробарвусъат.
Ҳамҳаҷм – баробарҳаҷм.

**Маънӣ:** Шоир зиёд ба баҳору шакарнаму аносири дигари баҳор меандешад ва маънии ин андешаҳо фақат баҳори зоҳирӣ нест, ҳарчанд ки ҳамин баҳори воқеӣ ҳам шоистагии онро дорад, ки тамоми умр онро ситоему

сароем. Аммо баҳори ростине, ки ӯ мегӯяд, ҳамин баҳори рӯҳҳову ҷонҳо, баҳорҳое ҳаст, ки дар зеҳну сиришти одамҳо ҳаст. Ва онҳо он баҳору он наврӯзро ба аҳли башар ҳадя мекунанд. «Ҳамшеваи баҳорам, ҳамшираи шакарнам» - яъне аз баҳор вом гирифта ҳастам, ҳамсухан бо баҳор ва ҳамхуни шабнамҳо, ҳамвусъати дили мӯр, ҳамҳаҷми кулли олам ҳастам. Дили мӯр бисёр хурд аст ба зарфият ва мо ҳам дар вусъат ба мисли дили мӯр кӯчак ҳастем ва дар баробари ин ҳамҳаҷм бо кулли коинот бузургем.

*Зеботарӣ зи Юсуф, ошиқтарӣ зи Маҷнун,*
*Эй ҷони номусаххар в-эй қалби номусаллам.*

**Луғат:**

Номусаххар – тасхир нашуда.

Номусаллам – тобеъ нашуда.

**Маънӣ:** Дили ҳанӯз фатҳношуда, яъне ҷони номусаххар ва дили ҳанӯз нотаслим ба вақту фазо, ту аслан аз ҳазрати Юсуф ҳам зеботарӣ ва ту аслан аз Маҷнуни девонаи ишқ ҳам ошиқтарӣ ва аммо ҳанӯз номусаххарӣ ва ҳанӯз номусалламӣ ва ин зебоии ишқи туро на худат шинохтаӣ ва на каси дигар.

*Хушбахти ҷовидеро, хушрӯзи воҳидеро*
*Аз рӯзгори Одам бишмор то ба ин дам.*

**Луғат:**

Воҳид – ягона, танҳо.

**Маънӣ:** Касе наметавонад аз замони Одам алайҳиссалом то ба ин дам як инсонеро, ки хушбахти мутлақ бошад ва хушрӯзи воҳид ва якто, наметавонад баршуморад, чунонки Маяковский гуфта буд: «Где-то в Колумбии, где-то в Бразилии есть один счастливый человек», ба ин маънӣ, ки аслан ин хел одами хушбахт нест.

*Аз ҳар кӣ будам охир дар ҷадвали қаду баст,*
*Дар ҷадвали дили кӣ боре шавам муқаддам.*

Албатта, дар ҷадвали муҳаббати инсонҳо муқаддам будан кори сода нест ва барои ин ҷазаботе бояд, ки ба худи инсон камтар вобастагӣ дорад ва аз ҳамон ҷазбаи рӯҳонӣ сухан меравад, ки Худованд одамҳоро дар дили инсонҳои дигар ҷо медиҳад ва матлубу маҳбуб месозад.

*Ду гавҳари сиёҳам анвор андар анвор*
*Пайваста медурахшад бо нақши Исми аъзам.*

**Луғат:**

Ду гавҳари сиёҳ – киноя аз ду чашм

**Маънӣ:** Исми аъзам – маънии дигари Худованди яктост, ки дар чашму дилу вуҷуди инсонҳо бозтоби онро мебинем ва чашмҳое, ки ба мо рӯ ба рӯ мегӯяд, ба мову Шумо арзи муҳаббат мекунад, ин чашмҳо оинаи худойнамо ҳастанд.

*Навбад аҷаб, ки гардад ин аз ҳама муҳаққар*
*Шоистаи нигоҳи он аз ҳама муаззам.*

**Луғат**:

Муҳаққар – хурду нотавон.

Муаззам – азим, бузург.

**Маънӣ:** Инсонҳои наҷибу муаззам агар мои ҳақирро мавриди нигоҳи худ қарор доданд, ҷои аҷобат надорад ба ин хотир, ки мову Шумо бо ин ҳақирӣ чи гуна тавонистем фатҳи инсонҳои шарифу муаззамро кунем? Боз ҳам ба василаи ишқе, ки дорем ва файзи илоҳие, ки дарёфтаем.

*Эй рафта, дар дилам мон зебо, ҳамеша зебо,*
*Оянда, муждаҳо деҳ хуррам, ҳамеша хуррам.*

**Маънӣ:** Ҳам гузаштаро зебо дидан ва зебо арзёбӣ кардан ва ҳам аз оянда муждаҳои неку хуррам интизор шудан, аз ояндае, ки инсонҳо дар баробари пириву завол қарор мегиранд, бояд мароми зиндагии мо бошад. Шахси шоир аз он рӯзгор ҳам  интизори хубиву рӯшноӣ ва саодат аст.

## 33

Ман нотаи офтобро медонам,
Шабзамзами моҳтобро медонам.
Дар фасли баҳорхезии ҷӯшишҳо
Пар-пар задани ҳубобро медонам.
Он қосиди шодиовари хусрави субҳ-
Хуршеди тилорикобро медонам.
Ҳарчанд, ки шӯра зад дили фартутам,
Ширин тапиши шубобро медонам.
Одреси дили туро намедонам ман,
Кай он раҳи касмаёбро медонам.
Бар дӯш гирифтаам гуноҳи ҳама халқ,
Шодам, ки ҳамин савобро медонам.
Аз гум шудани дурри дарун бехабаранд,
Ин мардуми гармхобро медонам.
Сад барги дили ту хондаам, дигар ҳеч,
Мазмуни ҳамин китобро медонам.
Медонами ман ба ҷуз намедонам нест,
Ту асливу ман ҳиҷобро медонам.

**Афоили шеър:** мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фаъ
**Вазни шеър:** ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар
**Радиф:** медонам

*Ман нотаи офтобро медонам,*
*Шабзамзами моҳтобро медонам.*

**Луғат:**
Нотаи офтоб – яъне мусиқии офтоб.
Шамбзамзам – замзамаи шабона.

**Маънӣ:** Донистани нотаи офтоб ба он маънӣ аст, ки бо рӯшаниву субҳ сӯҳбат мекунам ва забони онҳоро

медонам. Нота – тасвири оҳанг аст ва ин тасвир аз нурҳо ё торҳои заррини офтоб вом мегирад. Шабзамзами моҳтоб низ ба ҳамин маънист, ки моҳтоб ҳам аслан садо надорад, хомӯш аст, вале дар назари шоир он замзамаҳои рӯшан дорад. «Ман»-и шоир аслан худи ӯ нест, манзури ӯ тамоми он касоне ҳастанд, ки бо нур унс гирифтаву забони моҳу офтобро медонанд.

*Дар фасли баҳорхезии ҷӯшишҳо*
*Пар-пар задани ҳубобро медонам.*

**Луғат:**
Баҳорхезӣ – ба шӯр омадан.
Ҷӯшиш – ҷӯшидан.
Ҳубоб – қуббачаи рӯи об.
Пар-пар задан – парвоз кардан

**Маънӣ:** Ҳубоб маъмулан дар рӯи баҳрҳову дарёҳо пайдо мешавад ва тасвире аз он мисли ҷӯшидани об аст, мисли обилаест, ки ҷӯшиш дорад. Фасли баҳорхезии ҷӯшишҳо, яъне мадду ҷазрҳо, мавҷгардониҳо маъмулан дар фасли баҳор иттифоқ меафтад. Пар-пар задани ҳубоб ба он маънист, ки ҳубоб болотар аз об, дар рӯи об аст, яъне ки гӯё пар-пар мезанаду худнамоӣ мекунад. Дар фасли баҳор, яъне дар овони ҷавонӣ одамҳо ҳамеша изҳори доноӣ ва арзи ғурур мекунанд, бо худ ифтихор мекунанд. Фақат дар фасли ҷавонӣ инсонҳо ҳанӯз бо шикастҳо мувоҷеҳ нашудаанд, ҳанӯз ифтихорҳои зиёди пуч ва холӣ доранд ба монанди ҳубоб.

*Он қосиди шодиовари хусрави субҳ-*
*Хуршеди тилорикобро медонам.*

**Луғат:**
Хусрав – подшаҳ.
Тилорикоб – рикоби тилоӣ.

**Маънӣ:** Ғазале шодиомез аст. Аслан фақат ҳамон

субҳҳое хушбахтанд, ки бо офтоб издивоҷ доранд, барои ҳамин ҳам қосиди зеботарин ва рӯшантарини субҳ офтоб аст ва манзури шоир аз хуршеди тилорикоб хуршедест, ки дар аспи заррин, дар рикоби тилоӣ омада ва номаву паёми субҳро барои башар эҳдо кардааст, номаи тамдиди шодиву рӯшаниву, зиндагониву тарабҳоро овардааст.

*Ҳарчанд, ки шӯра зад дили фартутам,*
*Ширин тапиши шубобро медонам.*

**Луғат:**

Шӯра задан – намак бастан, беҳосил шудан, маҷ. беҳавсала шудан, куҳна гаштан.

Шубоб – ҷавонӣ.

**Маънӣ:** Бо он ки эҳсоси пириву залолат ва вомондагиву фартутӣ мекунам, ҳанӯз ҳам бо шубоб, бо ҷавонӣ паймонам боқист, ҳанӯз ҳам иттифоқу пайванди ман бо ҷавонӣ барҷост. Медонам, ба маънии «ман медонам» нест, балки сухан дар бораи ҳамаи онҳоест, ки дар дили худашон ҷавониро ҳифз кардаанд. Аммо чун шакли танҳои феъл «медонам» дар ин ғазалтар зеботар ва шинамтар баромадааст ва аз назари ифода дар забон ҳам аз ҷумла мувофиқ ва муносиб аст, ба ин хотир, шоир ҳамин шаклро истифода намудааст.

*Одреси дили туро намедонам ман,*
*Кай он раҳи касмаёбро медонам.*

**Луғат:**

Одрес – суроға, манзил.

Касмаёб – ёфт ношуданӣ.

**Маънӣ:** Азбаски душвортарин раҳи олам роҳи дил аст, зеро касмаёб асту ноёфтанӣ, аз ин хотир шоир мегӯяд, ки ёфтани он роҳ ва манзил корест сангин.

*Бар дӯш гирифтаам гуноҳи ҳама халқ,*
*Шодам, ки ҳамин савобро медонам.*

**Маънӣ:** Ин ишорат ба он инсонҳои бузургест, ки гуноҳҳои дигаронро кафорат мекунанд ва бо савобҳои худашон онҳоро ҷуброн ва харидорӣ мекунанд. Ишорат ба ҳамаи онҳоест, ки ба шарофати савобашон гуноҳҳои дигарон тозаву шуста мегардад. Дар айни ҳол ин ишорат ба ҳамон гуфтаи Боязид ҳам ҳаст, ки мегӯяд, ман мехоҳам бо ҳузури ман дӯзах он қадр пур шавад, ки барои дигарон ҷой намонад. Дӯзах ҳам гӯё фарёд мезанад, ки мабодо, ки дар ман ягон инсони шариф қадам гузорад, агар касе бо шарофати худаш ба ман дохил шавад, нори ман ба нур табдил меёбад ва ман дигар дӯзах буда наметавонам. Ин ҳамон ҳарфи Мавлоност.

*Аз гум шудани дурри дарун бехабаранд,*
*Ин мардуми гармхобро медонам.*

**Луғат:**

Гармхоб – ғарқи хоб

Дурри дарун ҳамон дил аст ва орзуҳо, ҷавониҳо, таманноҳо, ормонҳо, беҳтарин андешаҳо барои фардост. Мардуми гармхоб – мардуми гирифтори ғафлат, ки пайваста гирифтори хобанду фориғболу бехабаранд. Яъне мардуми гармхоб аз гум шудани дили худ, – омили асосии инсонии худ бехабаранд.

*Сад барги дили ту хондаам, дигар ҳеч,*
*Мазмуни ҳамин китобро медонам.*

**Маънӣ:** Азбаски дил – китобхонаи бузург аст, шоир бо ишора ба ҳамин мазмун мегӯяд, ки дар ин дунё ман кори дигаре накардам ба ҷуз хондани китоби дилҳои одамон. Сад барги дил – яъне варақ-варақ, ҷилд-ҷилд китоби дил, яъне шарик шудан ба андуҳу шодии дили одамон, бохабар шудан аз асрори дилҳои азизон. Яъне шоир мегӯяд, ки ман умри худро барои он сарф кардам, ки маънии дилро барои худ кашф кунам.

*Медонами ман ба ҷуз намедонам нест,*
*Ту асливу ман ҳиҷобро медонам.*

**Луғат:**

Асл – асос, моҳият

Ҳиҷоб – парда, ниқоб

**Маънӣ:** Ин ҷо ишорат ба он аст, ки тамоми бузургони олам, ба қавли Ҷалолуддини Ҳумоӣ, аввал марҳалаи медонамро мегузаранд, баъд марҳалаи намедонамро. Дар ҷавонӣ ҳама мегӯянд, ки медонам ва вақте ки воқеан аз меваи дониш бархурдор мешаванд, мегӯянд, ки чизе намедонам. Ҳамон ҳарфи машҳури Арасту, ки «ман танҳо онро медонам, ки чизе намедонам». Ё Аттор, ки гуфта:

*Инчунин донам, ки бо ин печ-печ*
*Менадонам, менадонам ҳеч, ҳеч.*

Яъне ки «ту асливу ман ҳиҷобро медонам», ба он маънист ки мутаассифона, тамоми бардоштҳои ман ба ҳадде аразӣ ва зоҳирӣ аст, аз ин хотир медонами ман ба ҷуз намедонам нест. Яъне ҳамаи ҳамин арзҳое, ки то ҳоло шуд: «ман нотаи офтобро медонам», «шабзамзами моҳтобро медонам», «ширин тапиши ҳубобро медонам» ва ғайра, маълум мешавад, ки ҳамаи ин донистанҳо асли надонистан будааст, мисли ин ки дар оғоз чи қадар ифтихор шуд аз донишварӣ ва дар охир маълум шуд, ки гӯянда ба худ рутбаи ҳечдонӣ медиҳад. «Ҳеҷдон» - вожаест, ки аввалин шуда Аттор ба кор бурдааст ва баъдан Мавлоно зиёд истифода намудааст.

Мавлоно низ ба ҳамин маънӣ мегӯяд, ки:

*То намебинам ҳамебинам шавад*
*В-ин надонамҳот медонам бувад.*

Яъне то даме ки ба дидани он чизҳое, ки то ҳол намедидӣ, шуруъ намекунӣ, ҳар чиро ки намедонистӣ, медонам мепиндорӣ. Тамоми надонистанҳо ва ғафлатҳо барои бехабарон донистан арзёбӣ мешавад, аммо ҳамин ки чашми дилат во шуд ва ба дидани аслу ҳақиқат роҳ пайдо намудӣ, дигар дарк мекунӣ, ки ин ҳама аз ҷаҳолату нодониву бехабарӣ будааст.

## 34

Қадаме неҳ ба юсуфистонам,
Ҷӯши гул мекунад зимистонам.
Сад ҳазор обшори маҷнунӣ
Мезанад атса дар биёбонам.
Розиям, розӣ аз гузаштаи худ,
Розиям, балки ё пушаймонам.
Гарчи милярдсола шуд дили ман,
Ҳолиё кӯдаки дабистонам.
Турнаи коғазии тифлон шуд
Орзуҳои субҳҷавлонам.
Он қадар аршиям, ки фаршиям,
Абри домандаридаро монам.
Халқ номи фариштаам бахшид,
Кош, бахшад мақоми Инсонам.

**Афоили шеър:** фоилотун мафоилун фаълун
**Вазни шеър:** хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф
**Радиф:** надорад

*Қадаме неҳ ба юсуфистонам,*
*Ҷӯши гул мекунад зимистонам*

**Луғат:**
Юсуфистон – мазҳари Юсуф.

**Маънӣ:** Юсуфистон аслан ҷойгоҳи зебоист ва юсуфистони мо дили мост, ки ҳама зебоии заминиву осмонӣ, яздониву инсонӣ он ҷо мутаҷаллост ва нигорхонаи муҳаббатҳои олам аст ва барои ҳамин ту бифармо ба дили ман, ба ин юсуфистон, ба ин нигористони зебой, ки дар зимистонҳои замҳарир ҳам пур аз ҷӯши зебоиҳои баҳор аст, пур аз шукуфоист, пур аз муждаҳои рустан аст.

*Сад ҳазор обшори маҷнунӣ*
*Мезанад атса дар биёбонам.*

**Маънӣ:** Биёбон – холигоҳ аст, ҷойгоҳест, ки об надорад ва аммо дар биёбони мо обшори маҷнунӣ ҳаст. Маълум аст, ки ҷойгоҳи Маҷнун биёбон аст ва обшор чаро маҷнунист? Ин таъбири комилан тоза аст ба ин маънӣ, ки масалан, мегӯем «беди Маҷнун» - беде, ки кокулони анбӯҳ ва зебои ҳамоил дорад. Ва «обшори маҷнунӣ» ҳам обшорест, ки ҳамоил шудааст аз осмонҳо дар ин биёбон. Обшор аслан аз кӯҳҳо поин меояд, аммо азбаски дар биёбон барҷастагиҳо нест ва он ҳамвор аст, ин обшори маҷнунӣ фақат аз осмонҳо нузул мекунад ва ин биёбон азбаски рӯҳи мо ва дили мост, ин обшор чун лутфи муҳаббат ба дили мо ирсол шудааст. Атса задани обшори воқеӣ мисли ба ҳам бархӯрдани қатраҳо ва садо баровардани онҳост дар ин бархӯрд. Атса задани обшори маҷнунӣ бошад, нузули лутфи худовандӣ ба дил ва қабули он аз ҷониби дил аст. Атса задан дар фарҳанги мардумии маҳаллӣ ба маънои чизеро тасдиқ кардан ҳам меояд, ба ин маънӣ қабул ва тасдиқи ин муҳаббату лутф дар қалбҳои ошиқ аст.

*Розиям, розӣ аз гузаштаи худ,*
*Розиям, балки ё пушаймонам.*

**Маънӣ:** Азбаски инсон ҳамеша нимаризост ва нимапушаймон, чунонки ҳазрати Ҳофиз мегӯяд «з-он ёри дилнавозам шукрест бо шикоят», ними инсон шукр аст ва нимаш гилагузорист, аз ин хотир мо ҳам вақте ба гузашта нигоҳ мекунем, пур аз андӯҳи ширин мешавем ва пур аз ширинии ғам, яъне ки ҳеч мумкин нест, ки фақат бо шодии мутлақ гузаштаро пеши назар биёварем.

*Гарчи милярдсола шуд дили ман,*
*Ҳолиё кӯдаки дабистонам.*

**Маънӣ:** Инсонҳо бо он ки марҳалаҳои умрро убур

мекунанд, пир мешаванд, аммо боз ҳам ҳамон фитрати кӯдакона ва феъли тифлонаи худро ҳифз мекунанд ва дар улуми ҳаёт ҳануз ҳам мисли кӯдакҳои мактабхон ҳастанд, ки дар ҳоли ғафлат қарор доранд.

*Турнаи коғазии тифлон шуд*
*Орзуҳои субҳҷавлонам.*

**Маънӣ:** Ҳамон турнаи коғазӣ, ки дар шеъре аз ин пештар тафсираш рафта буд, маънии як чизи тозаву маъсум вале беарзишро дорад. Камарзишанд он турнаҳои коғазии тифлон. Орзуҳое, ки мову Шумо дар дил мепарваридем, мисли турнаҳои коғазии фасли тифлианд, ки рафтанду нопадид гаштанд.

*Он қадар аршиям, ки фаршиям,*
*Абри домандаридаро монам.*

**Луғат:**

Аршӣ – аз арш, осмонӣ.

Фаршӣ – заминӣ, муқаррарӣ.

Домандарида – касе, ки доманаш даридааст, маҷозан олудадоман.

**Маънӣ:** Дар ин байт тазоди аршиву фаршӣ омадааст мисли он ки дар тамоми ғазал мафҳумҳои мутазоде чун ризову пушаймон будан, ҳам милярдсола будану ҳам кӯдаки дабистон будан. Ҳар касе, ки ба домандаридагӣ иштиҳор ёфт, маънияш ин аст, ки як андак ба олудадоманӣ гунаҳкор дониста мешавад, яъне бадном аст. Абри домандарида ҳам ҳамин хел аст, аммо абр мавҷуди осмонист ва маъмуру масъули тозагист, ки боронро нисор мекунад ва заминро мешӯяд ва абр ҳам домандарида аст бо он ки вуҷуди осмонист. Ва инсон ҳам ончунон ки аршӣ аст, фаршӣ ҳам ҳаст, яъне ки ҳам маҷмӯи гунаҳҳоро дорад ва ҳам маҷмӯи маъсумият ва савобу покизагиҳост. Мисли Марями олудадомон, ки ин ду мафҳум ба ҳам номувофиқанд мисли домандаридагӣ ва абр.

*Халқ номи фариштаам бахшид,*
*Кош, бахшад мақоми Инсонам.*

**Маънӣ:** Одамҳое ҳастанд, ки онҳоро мардум фаришта мехонанд, дар ҳоле ки фаришта ҳаргиз ба мақоми инсонӣ баробар намешавад ва Худованд гуфтааст, ки фариштагон бояд ба инсон саҷда кунанд. Фаришта ба рутбаи инсон баробарӣ намекунад, бо он ки дар чашми инсонҳо хеле бузургу шарифу муаззам менамояд, ба мақоми инсон расида наметавонад, зеро ки фаришта ишқ надорад, фаришта аз бузургтарин эҳсос ва отифаи башарӣ ва на танҳо башарӣ, балки халлоқӣ – муҳаббат маҳрум аст, ба ин хотир, касоне, ки унвони фаришта доранд, аслан ноқисанд, зеро маҳрум аз Ишқанд. Шахси шоир мехоҳад, ки дилаш ҷойгоҳи муҳаббат бошад ва воқеан ба ҳамин марҳилаи камол расида бошад ва ба ҳақиқати муҳаббат, то тавонад инсони расо шавад. Аслан ки тамоми ҷустуҷӯ ва ҳаракоти андешаву омоли мо барои дарёфти ҳамин рутбаи аршии инсонӣ аст, ки пӯяндагии мову Шуморо муҳтаво мебахшад.

## 35

Рӯзи милоди муҳаббат рӯзи милоди Худост,
Меравам ман, зери поям нардбони кибриёст.
Дар сабоҳи дафтари ман ин тулӯи вожа чист?
Ишқ – хушбахтии баргаштан ба сӯи ибтидост.
Эй Сулаймон, номае бифрист бар номи дилам,
«Кист?»- Мепурсӣ диламро: Шоҳбонуи Сабост.
Оҳи Маҷнун ном деҳ бар маҳмили Лайлои ман,
Гом зан ҳоло, ки пешонии танги кӯча вост.
Ошноии ману ту бӯи шодӣ мекунад,
Эй ки ҳузни чашми ту бо ҳузни чашмам ошност.
Чун маҳе дар ҳола меоям шабе аз равзанаш,
Шайхи ман биншаста андар хонақоҳи инзивост.
Гул ба гесӯ бастаму гуфтам: Баҳор они ман аст,
Оина чун абри обон туршрӯ гуфто: Хатост.
Қавм гӯяд: «Ишқ кайҳо мурду аз он ном монд»,
Ҳаст! Медонам, ки ҳаст, аммо намедонам куҷост.

**Афоили шеър:** фоилотун фоилотун фоилотун фоилон
**Вазни шеър:** рамали мусаммани мақсур
**Радиф:** надорад

*Рӯзи милоди муҳаббат рӯзи милоди Худост,*
*Меравам ман, зери поям нардбони кибриёст.*

**Луғат:**
Кибриё – бузургӣ, азамат.

**Маънӣ:** Суоле бармеояд, ки магар Худованд рӯзи милод ва ё рӯзи марг дорад? Ба он суолҳое, ки инсонҳои заминӣ ба он гирифтор ҳастанд, Худованд ҳам оё ба онҳо алоқа дорад? Сухан аз милоди Худованд нест, сухан аз он рӯзест, ки дар дили мо ишқи Худованд тавлид меёбад,

бинобар ин «Рузи милоди муҳаббат рӯзи милоди Худост». Сухан аз худи ишқ аст, ки аслан тимсоли Худованд буда, дар дили мо пайдо мешавад.

«Меравам ман, зери поям кибриёст» – яъне, инсоне, ки ба самти муҳаббат, ба самти Худованд, ба самти зебоиву рӯшаниву нур меравад, ҳатман зери пояш зинаҳову палаҳо дорад ва ин зинаву нардбон барои мо нардбони кибриё аст, нардбони муҳаббат аст, ки ҳамеша моро уруҷ ва суд мебахшад.

*Дар сабоҳи дафтари ман ин тулӯъи вожа чист?*
*Ишқ – хушбахтии баргаштан ба сӯи ибтидост.*

**Луғат:**

Сабоҳ – субҳ

**Маънӣ:** Вожа мисли офтоб аст, вожа ҳам аз худаш нур хориҷ мекунад, вожа ҳам тулуъ дораду ғуруб.. Дафтар ва варақ мисли субҳи сафеди густарда аст, ки дар он офтоби вожаву калимаву мафҳум тулуъ мекунад ва ин вожа чист? Ин ҳам вожаи бузурги ишқ аст. Ишқ хушбахтист, хушбахтии баргаштан ба самти ибтидост. Ба самти ибтидои офариниш баргаштани инсон муҳаббат аст. Яъне инсон ба аслу мабдаву ибтидои худаш меандешад ва дар бораи он рӯзгоре меандешад, ки сокини биҳишт буд ва дар ҳарими Худованд буд, ба он лаҳазоте меандешад, ки маъсум буд, тифл буд, дилаш ҳанӯз ғубор наёфта ва ҳануз орзуҳояш афиф буданд ва худаш ҳам маъсумияти бадеи туфулияти худро ба утуфати аслии худро ҳифз карда буд.

*Эй Сулаймон, номае бифрист бар номи дилам,*
*«Кист?»- Мепурсӣ диламро: Шоҳбонуи Сабост.*

**Маънӣ:** Қиссаи Сулаймон ва Билқисро, ки маликаи мулки Сабо буд, барои ҳама ошност ва муаллиф вақте, ки ба ҳазрати Сулаймон алайҳиссалом хитоб мекунад, ба ин маънӣ аст, ки ҳудҳуде буд, ки миёни Сулаймону Билқис

номаҳо мебурд. Ин ҷо номабари мо боз ҳам муҳаббат аст, ки Сулаймон ба асли ишқ нома мебарад ва дил дар кадом мақом аст? Дар мақоми Билқис! Мисли ин аст, ки Шоҳбонуи мулки муҳаббат аст.

*Оҳи Маҷнун ном деҳ бар маҳмили Лайлои ман,*
*Гом зан ҳоло, ки пешонии танги кӯча вост.*

**Маънӣ:** Вақте ки дар корвон Лайло нишаста буд ва азми сафар мекард, номи он корвонро чӣ метавонем биномем? Муаллиф гуфтааст, ки номи ин корвонро «оҳи Маҷнун» ном мекунад, зеро он Лайлиро аз Маҷнун дур мебарад, бинобар ин наметавон унвони дигаре ба ҷуз ин ниҳод.

Гом зан ҳоло, ки пешонии танги кӯча вост - вақте сухан аз муҳаббат меравад, тангтарин кӯчаҳои олам ҳам густардатарин мешаванд ва хитоби шоир ба аҳли олам аст, мегӯяд, ки қадам занед ва кӯчаҳо моро ба самти муҳаббат мебаранд.

*Ошноии ману ту бӯи шодӣ мекунад,*
*Эй ки ҳузни чашми ту бо ҳузни чашмам ошност.*

**Луғат:**

Ҳузн – андуҳ.

**Маънӣ:** Вақте ки ғамҳо бо ғамҳо ҷамъ мешаванд, вақте ки дардҳо ба пурсупоси дардҳои дигар меоянд ва оҳҳо бо оҳҳои дигар мепечанд, инсонҳо оромишу рафоҳ меёбанд ва ҳамин ошноиҳо, ҷамъи ғуссаҳо ба як шодиву рафоҳат табдил меёбад. Бӯи шодӣ – шодӣ аслан бӯй надорад, ин ду мафҳум ба ҳам бегонаанд, аммо дар шеър шодӣ бӯй дорад. Сухан аз зуҳури эҳсоси шодмонист, зеро вақте ду инсони ғамзада бо ҳам ошно мешаванд, аз ин ошноӣ шодие дар дили онҳо падид меояд.

*Чун маҳе дар ҳола меоям шабе аз равзанаш,*
*Шайхи ман биншаста андар хонақоҳи инзивост.*

**Луғат:**

Ҳола – доираи ғуборолуди равшан дар гирди моҳ.

Хонақоҳ – ҷое, ки шайхҳо ибодат ва зиндагӣ мекунанд.

Инзиво – гӯшанишинӣ.

**Маънӣ:** Шайхҳо ва орифон маъмулан дар хонақоҳи инзиво ва дар гӯшаҳои узлат, дар чиллахонаҳо, дар сӯҳбати Худованд менишастанд. Аммо шоир ин ҷо мегӯяд, ки муҳаббатро набояд дар чиллахонаҳо ва дар гӯшаҳои инзиво нигаҳ дорем, бигузор ин чиллахона равзанаҳое дошта бошад ва аз ин равзанаҳо ишқ дар сурати моҳу офтоб тулуъ кунад ва ворид шавад. Маҳи дар ҳола маънияш духтаре аст, ки дар пардаи шарму зебоӣ ба пеши маъшуқи худ меояд, дилбарест, ки пеши маъшуқаш дар ҳарири шарм ҳозир мешавад.

*Гул ба гесӯ бастаму гуфтам: Баҳор они ман аст,*
*Оина чун абри обон туршрӯ гуфто: Хатост.*

**Луғат:**

Обон – тирамоҳ.

Туршрӯ – бадқавоқ, тирарӯ.

**Маънӣ:** Вақте инсон мехоҳад худро узви баҳор ва узви зебоӣ донад ва гӯяд, ки баҳору зебоӣ они ман аст ва ман салтанат дорам ба замони ҳол ва аммо оина, ки зуд бадал мешавад ва тасвирҳои рӯи он зуд тағйир меёбанд, мисли абри моҳи охирини поиз аст, мегӯяд, ки на, чунин мапиндор, ки салтанати ту тӯлонист ва баҳор поянда азони ту хоҳад буд, балки зуд фурсати ғуруб ва пажмурдагӣ фаро мерасад.

*Қавм гӯяд: «Ишқ кайҳо мурду аз он ном монд»,*
*Ҳаст! Медонам, ки ҳаст, аммо намедонам, куҷост.*

**Маънӣ:** Бо он ки аз оғози офариниш то имрӯз инсонҳо фол мезананд, ки ишқ ҳаст ё нест ва баъди таҷрибаҳои зиёд мегӯянд, ки фақат номи ишқ вуҷуд дораду худаш нест,

асли ҳамин эҳсоси бузург дар дунё аз ҳузури ҷинсҳо маҳсуб намешавад. Аммо шоир иддао мекунад, ки муҳаббат воқеан ҳаст, ҳарчанд худаш далеле надорад ва намедонад, ки ҷойгоҳи муҳаббат ва адреси ишқ куҷост.

## 36

Парда туӣ, роз туӣ, эй ҳабиб,
Парда фитад, боз туӣ, эй ҳабиб.
Номи ту бигрифтаму боло шудам,
Матлаъи парвоз туӣ, эй ҳабиб.
Ишқ туӣ, ишқ туӣ, ишқ ту,
Ишқи ҷаҳонсоз туӣ, эй ҳабиб.
Оинаам, оинаам, оина,
Оинапардоз туӣ, эй ҳабиб.
Қулф зад аз сардии шаб гӯши ман,
Гармии овоз туӣ, эй ҳабиб.
Косаи чашмам, ки пур аз об шуд,
Пири дамандоз туӣ, эй ҳабиб.
Нест ба ғайри ту касе, нест, нест,
Боз туӣ, боз туӣ, эй ҳабиб.

**Афоили шеър:** муфтаилун муфтаилун фоилун
**Вазни шеър:** сареи мусаддаси матвии макшуф
**Радиф:** эй ҳабиб

*Парда туӣ, роз туӣ, эй ҳабиб,*
*Парда фитад, боз туӣ, эй ҳабиб.*

**Луғат:**
Ҳабиб – маҳбуб, азиз.

**Маънӣ:** Ин ғазалро мешавад ҳам ба маънии ирфонӣ ва ҳам ба маънии заминии воқеӣ арзёбӣ кард. Вақте ки мо ба рози ҳастӣ ва асрорхонаи дунё меандешем, ҳазор пардаро дар баробари худ мебинем ва ҳам парда ва ҳам роз ҳамон дунёи нонамоест, ки он сӯи парда ва он сӯи асрорхона вуҷуд доранд ва вақте ки тамоми пардаҳо бардошта мешаванд ва вақте ки мо як андак ба роҳи маърифат ва

дониш қадам мегузорем, дармеёбем, ки пардаҳои нав ба нав меафтанд дар баробари ҳамон рози лоҳут, ки хеҷ вакт инсонҳо дарки онро накардаанд. Яъне ки дунё ҳамеша розхона асту пардаҳо дорад.

*Номи ту бигрифтаму боло шудам,*
*Матлаъи парвоз туӣ, эй ҳабиб.*

**Луғат:**

Матлаъ – тулуъгоҳ, оғоз.

**Маънӣ:** Вақте ки шумо як чизи воқеан баланду арзишманд ва ормони олиро мабдаи муҳаббати худ қарор медиҳед, ҳамон ормонҳои олӣ дили инсонро таҳрик медиҳанд, ҳамон ормонҳо инсонро ҳамеша ба боло ҳидоят мекунанд, ишқҳои рӯҳонӣ ҳамеша ба баландӣ, ба рифъат одамро мебардоранд ва сууд медиҳанд, зеро ки матлаи парвоз ва тулуъгоҳи ҳама оғозҳову ибтидоҳо боз ҳам ишқ аст. Ва ин ҷо айни ҳамин матлаб ифода меёбад:

*Ишқ туӣ, ишқ туӣ, ишқ ту,*
*Ишқи ҷаҳонсоз туӣ, эй ҳабиб.*

**Маънӣ:** Яъне мухотаби шоир ҳамон инсони ҳабибест, ки асли муҳаббатро оинадорӣ мекунад ва ишқаш ҷаҳонсӯзу ҷонсӯз нест, балки ҷонсозу ҷаҳонсоз аст.

*Оинаам, оинаам, оина,*
*Оинапардоз туӣ, эй ҳабиб.*

**Луғат:**

Оинапардоз – касе, ки оинаро ороиш медиҳад

**Маънӣ:** Ва ин ишқ ба ҳаддде тозаву мубаррост, ба ҳадде озодаву озод аст, ки инсонро ба оина табдил кардааст, оинае, ки ба шаффофӣ ва ҷавҳари тозааш дунёро рӯнамоӣ мекунад ва аммо оинасози ӯ, оинапардози ӯ, нигаҳдорандаи ҳамин оинаи поку соф боз ҳам ишқ ва ошиқ аст.

*Қулф зад аз сардии шаб гӯши ман,*
*Гармии овоз туӣ, эй ҳабиб.*

**Маънӣ:** Вақте инсон дар миёни мушкилиҳои олам дармемонад, дар ғубори сардӣ гӯшаш қулф мезанад, дилаш андӯҳзада мешавад ва орзуҳояш ях мебанданд, аммо боз ҳам муждаи муҳаббат меояд ва ба ин сардистон ва ба ин ҷаҳони яхбаста пайки гарми нуру анвор меорад.

*Косаи чашмам, ки пур аз об шуд,*
*Пири дамандоз туӣ, эй ҳабиб.*

**Маънӣ:** Ошиқ мисли ҳамон пири иршод аст, ки дуо мехонад ва дар коса дам меандозад ва он об оби одӣ нест, оби чашм аст, оби дил аст, оби дуост, обе ҳаст, ки вақте инсон аз он қатрае нӯш кард, он ҷуръа ҷуръаи шифо мешавад, мисли оби бақост, ки ба инсон ҳам пояндагӣ медиҳад ва ҳам шифову мудово мебахшад.

*Нест ба ғайри ту касе, нест, нест,*
*Боз туӣ, боз туӣ, эй ҳабиб.*

**Маънӣ:** Муҳаббат ҳама дарвозаҳоро ба рӯи ошиқ боз мекунад ва ҳама дарвозаҳои дигарро мебандад, ба ин маънӣ, ки ба ғайр аз маъшуқ дигар ҳеҷ киро ва ҳеч чиро инсони ошиқ наметавонад дарк бикунад ва бипазирад ва дар ҷадвали андешаҳояш муқаддам қарор бидиҳад. Яъне ба ғайри ту касе нест, ҳама аҷзои олам ба фаръ табдил меёбанд ва асл худи муҳаббат мешавад. Ҳама аҷзои олам ба даври хати паргор табдил мешаванд ва ишқ нуқтаи паргор мешавад.

## 37

Бар лаб биёмад ҷони шаб, боди саҳар, ёсин бигӯ,
Чун шаб бимурд, алҳамд хон, Иъёка настаъин бигӯ.
Гар ман фаромӯши туям, бошад, вале баҳри савоб
Телфун бизан бар офтоб, шобоши фарвардин бигӯ.
Мехостӣ дар мӯи ман шохи гули парвин ниҳӣ,
Чун шуд, ки бар мижгони худ барбастаӣ парвин, бигӯ?!
Розе, ки натавонистаӣ аз парда бар рӯям кашид,
Ҷуръат бикун, бо субҳ гӯ, бо ин бути симин бигӯ.
То пас гирифтӣ дасту дил аз нозбардории ман,
Гулгун куҷо ояд фуруд, эй Хусрави сангин, бигӯ.
Гар талхваш дидӣ маро, пеш ор қанди порсӣ,
Бо шир заҳрамро равон, яъне сухан ширин бигӯ.
Чун гард бо домони ту ман ишқварзӣ мекунам,
Ин сураи ихлосро бо рӯҳи Шамсиддин бигӯ.

**Афоили шеър:** мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун

**Вазни шеър:** раҷази мусаммани солим

**Радиф:** бигӯ

*Бар лаб биёмад ҷони шаб, боди саҳар, ёсин бигӯ,*
*Чун шаб бимурд, алҳамд хон, Иъёка настаъин бигӯ.*

**Луғат:**

Ёсин – сураи сиву шашӯми Қуръон, ки дар вақти назъи ҷон хонда мешавад

Иъёка настаин – фикрае аз сураи фотеҳа

**Маънӣ:** Вақте ки умри шаб ба поён мерасад дар ҳамон ҳолатҳое, ки ҷони шаб нимбисмил мешавад ва оҳанги рафтан мекунад, боди субҳидам меояд ва ёсин мехонад. Вақте ёсин мехонад, шаб ҷон месупорад. Чун шаб бимурд,

алҳамд хон, Иъёка настаъин бигӯ – яъне вақте ки шаб ҷон ба ҳақ таслим кард ва фурсаташ убур шуд, барои марги ӯ сураи алҳамд мехонӣ, яъне бо сураи фотиҳа бо калимоти «иъёка настаин» гӯё ба ӯ раҳмат мефиристӣ ва раҳмат фиристодан ба он хотир аст, ки фурсатҳои гузаштаи умрро, фурсатҳои ҳаётро, шабҳову рӯзҳои зиндагонии худамонро набояд ба содагӣ гусел кунем. Вақте ин шабу рӯзҳо меоянду меравандд, бояд дарёбем, ки ҷузъе аз ҳаёти мо, ҷузъе аз худи мо мурд ва ба нобудии адам печид ва ҳар лаҳзае, ки алҳамд мехонем ва маънии алҳамд шукри Худованд аст, мо аз гузашта як қадам ба сӯи зиндагонӣ, яъне ба фардо меравем, яъне аз Худованд боз ҳам фатвои ҳаёт ҷустуҷӯ ва талаб мекунем.

*Гар ман фаромӯши туям, бошад, вале баҳри савоб*
*Телфун бизан бар офтоб, шобоши фарвардин бигӯ.*

**Луғат:**

Шобош – шодбошӣ, табрик кардан.

Фарвардин – моҳи аввали баҳор.

**Маънӣ:** Мурочиат аслан ба тамоми инсонҳост ва аз ҷумла ба як инсони хос аст, ки мегӯяд, агар якдигарро фаромӯш кардем, дарди бахайр аст, аммо вақте ки фаслҳои ҳаётро фаромӯш мекунем, фаслҳои зиндагонии худро фаромӯш мекунем, баҳору зимистонро ба содагӣ раҳо мекунем ва аз он ком намеситонем, ҷои афсӯс аст, бояд мо ба офтоб занг занем ва ӯро бо омадани баҳор муборакбод гӯем. Маънии ба офтоб занг задан ва шодбоши фарвардин гуфтан чист? Маъниаш васл шудан бо наврӯз, бо марҳалаи оғози зиндагист, ки дар ҳама ҳол, ҳатто дар садсолагӣ хам инсон бояд созанда бимонад, инсон бояд дар марҳалаи мабдаъ ва тозаофаринӣ бошад.

*Мехостӣ дар мӯи ман шохи гули парвин ниҳӣ,*
*Чун шуд, ки бар мижгони худ барбастаӣ парвин, бигӯ?!*

**Луғат:**

Парвин – 1)номи чанд ситорае, ки дар як ҷо, дар бурҷи Савр ҷамъ омадааст; 2) киноя аз ашк, оби дида

**Маънӣ:** Сухан аз ҳиҷрони ёрон аст, ки ошиқ мехоҳад ба мӯи маъшуқ ситораҳои парвинро мисли гулбанди дурахшон бизанад ва аммо, азбаски дунё як ҳиҷронгоҳи бузург аст, дар мижаи худаш ашкҳо мисли парвин хӯша мебанданд, чунки ошиқ наметавонад ба муроди дил бирасад ва наметавонад орзуҳои кӯчактарини зиндагиашро воқеият бахшад. Аз ин хотир касе, ки, масалан, орзу мекунад, бар мӯи маъшуқаш гулбанде аз хӯшаи парвин бизанад, маҷбур аст дар мижгони худаш хӯшаи парвин бубандад, яъне ашк резад ва ба ҳиҷрон таслим шавад.

*Розе, ки натавонистаӣ аз парда бар рӯям кашид,*
*Ҷуръат бикун бо субҳ гӯ, бо ин бути симин бигӯ.*

**Маънӣ:** Розе, ки ёр натавонист аз парда берун кашад ва барои маъшуқ бозгӯ кунад, беҳтар ин аст, ки ҷуръат кунад ва бо субҳ гӯяд ва бо рӯшноӣ, бо нур гӯяд, асрори худашро баён кунад. Субҳ мисли бути симинаандом аст ва субҳ ба ошиқ кӯмак мекунад, зеро субҳ ҳанӯз оғози рӯз аст ва ҳанӯз ошиқ дар ихтиёр рӯзи тамомро дорад ва ҳанӯз умедвор аст аз зиндагӣ, аз муҳаббат, аз ҳама хубиҳо, ки муродаш бароварда хоҳад шуд.

*То пас гирифтӣ дасту дил аз нозбардории ман,*
*Гулгун куҷо ояд фуруд, эй Хусрави сангин, бигӯ.*

**Маънӣ:** Хусрави сангин яъне боз ҳам тимсол ва тандиси ҳамон ошиқ аст ва маънии сангин, сангиндил ва бераҳм будани ошиқ аст, ки ҳам яке мехоҳад дар мӯи маъшуқ гули парвин бандад ва ҳам аз ҳиҷрон гиря мекунад ва худаш ҳам бетараҳҳум аст, худаш ҳам сангин аст, худаш ҳам бисёр бемеҳр аст. То пас гирифтӣ дасту дил аз нозбардории ман, яъне ки ин қадр шикастҳои паёпайро ошиқ мебинад ва дилу ҷону ишку умедашро пас мекашад,

қафо меравад аз он роҳи муҳаббат ва дар ин ҳол мегӯяд, ки Гулгун куҷо ояд фуруд, эй Хусрави сангин, бигӯ. Гулгун аспи Ширин аст, аммо сухан аз аспи Гулгуни Ширин нест, сухан аз ашки маъшуқ аст, ки ба маънии гулгун меояд, яъне ду маънӣ дар ин ҷо омадааст, як нав бозии калимот аст, ки ҳам аспи Гулгун, ки ҷое бояд фуруд биёяд ва ҳам ба маънии ашки дилбар, ки он ҳам бояд фуруд биёяд.

*Гар талхваш дидӣ маро, пеш ор қанди порсӣ,*
*Бо шир заҳрамро равон, яъне сухан ширин бигӯ.*

**Луғат:**

Талхваш – киноя аз шароб ва аммо талхваш ба маънии маъшуқ ҳам ҳаст, ки сангиндил ва тундхӯ ҳам ҳаст.

**Маънӣ:** Вақте маъшуқро бемеҳру бемурувват мебинӣ, қанди порсӣ биёр ва ин заҳрро ширин кун, яъне сухане гӯ, ки нӯшин бошад, сухане бигӯ, ки заҳрҳоро аз вуҷуди инсонҳо биполоӣ. Бо шир заҳрамро равон» – чунонки бо шир заҳрро аз тани инсон меравонанд ва вуҷуди инсонро аз заҳр тоза мекунанд, Шумо ҳам бо қанди порсӣ ончунон суханҳои ширин бигӯед, ки дилҳои одамҳо рӯшану беғубор шаванд, ҳама заҳрҳо ва ғаму андуҳҳо берун равад.

*Чун гард бо домони ту ман ишқварзӣ мекунам,*
*Ин сураи ихлосро бо рӯҳи Шамсиддин бигӯ.*

**Луғат:**

Шамсиддин – Шамси Табрезӣ дар назар аст.

Сураи ихлос – яке аз сураҳои Қуръон, маҷозан номаи муҳаббат.

**Маънӣ:** Азбаски ин ғазал бо ҳолу ҳавои Мавлоно ва Шамси Табрезӣ гуфта шудааст, шоир хитоб мекунад, ки мехоҳад бо домони Шамс, бо домони Мавлоно мисли гард ишқ варзад, мехоҳад, ки бо гарди домони ӯ баробар шавад, ба хоки пои ӯ баробарӣ кунад ва ҳамрадиф шавад. Ва шоир мехоҳад сураи ихлоси варо, яъне номаи муҳаббати ӯро ба Шамсиддини Табрезӣ бирасонанд.

## 38

Дар чортоқи боло хуршед мисли Занд аст
Тоқе, ки себ мондам, аз нуҳ фалак баланд аст.
Он сӯи хотири ман дар ҷаннати ҷавонӣ
Субҳи кушоди ғунча, шоми ситорабанд аст.
Худро диҳам тасалло бо фикри он, ки фардо
Ин куҳнаколаро ҳам завқе ниёзманд аст.
Медорадам саломат он ҳақгузори якто,
Гарчи зи чор сӯям таҳдиди сад газанд аст.
Бар дафъи чашмзахме ҷодугаре наҷӯям,
Дар миҷмари дили ман ёди хушат сипанд аст.
Баъди хазону яғмо табрик кун, ки ҳоло
Дар боғи навраси ман сад муғча сабзханд аст.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун
**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраб
**Радиф:** аст

*Дар чортоқи боло хуршед мисли Занд аст*
*Тоқе, ки себ мондам, аз нуҳ фалак баланд аст.*

**Луғат:**
Чортоқ – маҷозан табақаи чорӯми осмон.
Занд – номи китоби муқаддаси зардуштиён аст.

**Маънӣ:** Азбаски Занд иртибот ба офтоб дорад, муаллиф пайваста вақте дар бораи занду позанду габрҳову муғҳо сухан мекунад, аҷиб аст, ки таҳти назараш офтоб ҳам ҳаст. Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ мегӯяд, ки: «Ҳазрати офтоби оламтоб мисли ҳазрати Ҳақ таолост, яъне офтоб бо он ки матлаи анвор ва куллиёти нури олам аст, кадом як пайванде дорад бо худи Худованд ва ҳама муқаддасоти олам ва Занд, азбаски китоби оташ ва

оташпарастон аст, дар назари муаллиф тимсоли офтоб менамояд. Дар чортоқи боло – таъбире ҳаст дар адабиёт, ки то имрӯз будан ё набуданаш дақиқ нест, маънияш бисёр сода, ҳамин тоқҳое ҳастанд, ки дар онҳо мо китоб мемонем ва аммо вақте ки чортоқ мегӯем, табақаи чоруми осмон дар назар аст ва ҷойгоҳи офтоб ва ҳазрати Исо дар табақаи чорум аст. Ин маънӣ дар чандин шеъри шоир ишорат шудааст. Масалан, мегӯяд, ки:

*Ман мераваму нигоҳи сардам*
*Дар раъша фиканда кӯчаҳоро*
*Он хоҳари гармрӯи заррин*
*Хандад зи чаҳорум ошёна.*

Ба ҳамин маънӣ:

*Дар ошёни чаҳорум чӣ мекунӣ бе ман*
*Садо занам, намеоӣ, - мегӯяд дар шеъри дигар.*

«Тоқе, ки себ мондам аз нуҳ фалак баланд аст», аммо тоқе, ки ману Шумо дар он себи маҷозӣ мегузорем, аз ҳамин нуҳ равоқ ҳам болотар аст, онро дар тоқе мегузорем, ки аз фалаки атлас баланд аст ва он себ чист? Ин дили мост, ки дар як лаҳза аз нуҳ афлок болотар меравад ва юмну юсру ҷанубу шимолро дар як лаҳза фатҳ мекунад ва мепаймояд.

*Он сӯи хотири ман дар ҷаннати ҷавонӣ*
*Субҳи кушоди ғунча, шоми ситораманд аст.*

**Луғат:**

Ситораманд – пур аз ситора.

**Маънӣ:** Вақте мо ба пас нигоҳ мекунем ва хотираро чаро медиҳем, дар он шабобу ҷавонӣ, симои саодатро мебинем, субҳи дилкушоди ғунча, яъне ки ғунчаҳо ҳануз моил ба кушодан ҳастанд, дар оғози субҳ. Шомҳои хираву бемоҳу беорзу нестанд. Шомҳое ҳастанд, ки ҳануз аз шӯшаи ситораманд рӯшану дурахшонанд. Субҳҳо ғунчабанданду шомҳо ситораманд, яъне ҳануз фаслест, ки ҳама бӯи муҳаббат, бӯи саодат ва муждаи фардоҳои наҷиб медиҳад.

*Худро диҳам тасалло бо фикри он, ки фардо*
*Ин куҳнаколаро ҳам завқе ниёзманд аст.*

**Маънӣ:** Яъне ба гузашта ва ба ҷаннати ҷавонӣ инсон нигоҳ мекунад ва саодатҳои дӯшинро мебинад ва бармешуморад. Ба замони ҳол нигоҳ мекунад ва як андоза дилаш муҳтоҷи таскину тасалло мешавад. Ва муаллиф худро тасаллӣ медиҳад, ки имрӯзи ман ҳам барҳадар нест, ҳануз ҳастиям моҳият дорад ва ҳануз нафаре ҳаст дар дунё, ки ин кӯҳнаколаҳои офаридаи маро, ин суханҳои маро барои худаш азиз медорад. Имрӯз не, фардо азиз медорад, яъне сухан аз инсонҳои оянда аст, ки ин ҳуруфи куҳнаро ҳам бо партави нав мебинанд.

*Медорадам саломат он ҳақгузори якто,*
*Гарчи зи чор сӯям таҳдиди сад газанд аст.*

**Луғат:**

Ҳақгузори якто – киноя аз Худованд

Газанд – бало.

**Маънӣ:** Мову Шумо дар чорсуи дунё мукаррараран худро гирифтор мебинем ва милёнбора дар таҳдиду чаҳорбанду ғуборхонаи газанду оризаҳо мебинем. Аз ин баду бало фақат як роҳи раҳоӣ ҳасту тамом ва ин роҳи раҳоӣ хости он Яктост, ки мову Шуморо дар як лаҳза метавонад аз ин симбанди хорҳо берун кашад ва аз миёни ин ғаму андуҳу дарду балоҳо наҷот диҳад.

*Бар дафъи чашмзахме ҷодугаре наҷӯям,*
*Дар миҷмари дили ман ёди хушат сипанд аст.*

**Луғат:**

Дафъ – бартараф намудан.

Чашмзахм – чашми бад.

Миҷмар – оташдон, зарфе, ки дар он испанд дуд мекунанд.

**Маънӣ:** Яъне касе ки гирифтори ин ҳама ғаму андуҳу

дарду балову ранҷи ҳодисот мондааст, ҳамеша роҳи наҷот меҷӯяд ва хаёл мекунад, ки чашми бад ӯро гирифтааст ва барои рафъи чашми бад чиро бояд ҷӯем? Одамҳо мераванд ба ҷустуҷӯи ҷодугарону фолбинон, ки рафъи ин балоҳо кунанд. Аммо муаллиф мегӯяд, ки мо ҷодугару соҳиронро намекобем, зеро барои мо ишқ ҳамон сипанде аст, ки вақте мо дуд мекунем, бӯи хушаш дар маҷмари дили мо, яъне дар оташхонаи дили мо, ҳама чашмзахмҳоро аз мо дур мекунад.

*Баъди хазону ягмо табрик кун, ки ҳоло*
*Дар боғи навраси ман сад мугча сабзханд аст.*

**Луғат:**

Яғмо – тороҷ.

Сабзханд – сабзу хуррам.

**Маънӣ:** Шоир ба гузашта нигоҳ карда, субҳи кушоди олучаҳову маҳтобҳоро мебинад ва ба имрӯзаш нигоҳ карда, як андоза эҳтиёҷ ба таскин дорад ва роҳи наҷотро аз ҳамон ҷаҳондори якто, ки аз ҳама газанду ориза инсонҳоро дур нигоҳ медорад, ҷустуҷӯ мекунад. Ӯ роҳи наҷотро аз ишқ, ки роиҳаи муаттараш дар маҷмари дил мисли сипанд месӯзад ва ҳама баду балоро дур меандозад ва барояш заминаи дигар, муждагонии дигар, паёми дигари ҳаёт меорад, ҷучтуҷӯ мекунад. Муаллиф, бо он ки ҳама наврасиву навҷавониву навсабзиҳо қафо мондаанд, дубора боғи ҳаёти худро наврасида мебинад ва муғчаҳоро дар айни сабз хандидан, дар айни рӯишу таваллуд ва таҷаддуд нигоҳ мекунад ва табрик мекунад ва мегӯяд, ки маро табрик кун, ки баъди ин ҳама хазону турктози ҳаёт, баъди ин ҳама ғаму андуҳу гирифториҳо бори дигар ба зиндагонӣ ва ба баҳор восил мешавам.

## 39

Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ
В-ар шафақоғуштаам, бӯи сабоҳам бидеҳ.
Рӯшаниямро бубин, айнаки шомӣ бикун,
Тирагиямро нигар, ранги рафоҳам бидеҳ.
Ҳеч шиносӣ, ки ман доғи сувайдостам,
Дар дилаки лолае пушту паноҳам бидеҳ.
Рӯди равонро бубин лаб ба ниёиш барад.
К-аз садафу аз ҳубоб кафшу кулоҳам бидеҳ.
Рӯди равонам, вале бесарупо меравам,
Рост магӯ, кац магӯ, рӯҳаму роҳам бидеҳ.
Ин ҳарами шашдара пур бувад аз манзара,
Чашм, ки додӣ маро, завқи нигоҳам бидеҳ.
Дар қафаси синаям равзанае боз кун,
Танг шуд охир дилам, рухсати оҳам бидеҳ.
Бар ҳадару ройгон ҳеч мадеҳ, эй азиз,
Меҳргиёҳам бигир, меҳргиёҳам бидеҳ.

**Афоили шеър:** муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун
**Вазни шеър:** мунсареҳи мусаммани матвии макшуф
**Радиф:** бидеҳ

*Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ*
*В-ар шафақоғуштаам, бӯи сабоҳам бидеҳ.*

**Луғат:**
Шафақоғушта – мац. оғуштаи хун.
Сабоҳ – субҳ, равшанӣ.

**Маънӣ:** Шарҳи ин ғазал дар мақолаи Алиризои Қазва «Фарзонае аз Хуҷанд» ва сарсухани доктор Алиасғари Шеърдӯст дар оғози китоби «Паёми ниёкон» ҳам омадааст.

Азбаски ин ғазал дар рӯзгори ҷанги шаҳрвандӣ

гуфта шуд, ғазали иҷтимоӣ ҳисоб мешавад ва шарҳи ҳоли муаллиф ва шарҳи ҳоли як миллат ҳам ҳаст.

**Маънӣ:** Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ - азбаски ман мисли дарахте, ки дар шаб ва торикӣ оғуштазулмот мондаам, мехоҳам, ки меваe дошта бошам аз рӯшноиву нур ва орзу мекунам аз ҷаҳонсози якто, то ки барои ман, барои миллати ман, барои кишвари ман ва халқи ман нури моҳро дубора бозгардонад. «В-ар шафақоғуштаам, бӯи сабоҳам бидеҳ» - шафақоғушта, аслан инсонҳои босаодат дар оғӯши шафақ ва офтоб ҳастанд, аммо азбаски дар солҳои ҷанг ин ғазал гуфта шудааст, шафақоғушта ба маънии дигар, ба маънии он ки ин кишвар хунолудаву арғавонӣ шудааст, омадааст. Бӯи сабоҳ - мо, ки дар ин ҳоли гирифторӣ мондаем, умедвори субҳ ҳастем. Агар дар шаб бошем, умедвори партави маҳтобем, агар вомондаи бесубҳ бошем, ҳануз бӯи субҳдамро интизор ҳастем.

*Рӯшаниямро бубин, айнаки шомӣ бикун,*
*Тирагиямро нигар, ранги рафоҳам бидеҳ.*

**Маънӣ:** Рӯшании мо рӯшании маҷозист. «Айнаки шомӣ бикун» ба он маъност, вақте ки инсон рӯшании аз ҳад зиёдро мебинад, ҳатман барои ҳифзи чашм бояд айнаки торик бикунад, яъне рӯшании табиӣ шодибахшанда нест. Тирагиямро нигар - ин тирагии вуҷуди маро, тирагии ҳаёти халқи маро бубин ва ранги сулҳу субот ва оромишу рафоҳ бидеҳ, ба миллати ман амният деҳ.

*Ҳеч шиносӣ, ки ман доғи сувайдостам,*
*Дар дилаки лолае пушту паноҳам бидеҳ.*

**Луғат:**

Сувайдо – нуқтаи сиёҳе, ки дар маркази дил воқеъ будааст

**Маънӣ:** Доғи сувайдо, ки дар дили инсон ҳаст ва дар

адабиёти мо пайваста ба ҳамин мафҳум, мисли ин ки муҳри ранҷу азияту шиканҷаҳои инсон бошад, шуаро ба он руҷуъ мекарданд. Муаллиф мегӯяд, ки азбаски дар дили лола ҳам доғи сувайдо ҳаст, ман мехоҳам, ки чун доғи сувайдо маро дар андаруни гули лола пушту паноҳам бидиҳӣ, дар андаруни гули лола зиндагонӣ бикунам ва аз дардҳову ғуссаҳои иҷтимоъ як андак раҳо ёбам ва дар андаруни гулу настаранҳо, дар андаруни лолаҳо пушту паноҳ, маъмангоҳ, амниятгоҳ барои худам ва миллатам пайдо намоям.

*Рӯди равонро бубин лаб ба ниёиш барад.*
*К-аз садафу аз ҳубоб кафшу кулоҳам бидеҳ.*

**Луғат**:

Ниёиш – дуо, дуои хайр, дуо баҳри илтиҷо

**Маънӣ:** Рӯди равон ҳам побараҳна аст ва ҳам сарбараҳна, аслан рӯд урён аст ва аммо мисли ин ки кафшу кулоҳ дорад, кафшаш аз садаф аст ва кулоҳаш аз ҳубоб. Яъне ҳатто рӯд бо он ки урён аст, ба кафшу кулоҳ ниёз дорад ва ин миллат комилан урён аст мисли рӯд ва аҳли ин миллат бекафшу кулоҳ мондааст ва ин одамҳои гуруснаву бараҳнаву побараҳна низ ниёз ба пӯшиш доранд.

*Рӯди равонам, вале бесаруno меравам,*
*Рост магӯ, каҷ магӯ, рӯҳаму роҳам бидеҳ.*

**Маънӣ:** Рӯд бо роҳҳои росту каҷ меравад, хоса рӯдҳои кӯҳӣ як самти муайян надоранд, каҷу рост мераванд, бесару по мераванд ба ин маънӣ, ки пайваста лучу урёну нопӯшидаанд. «Рост магӯ, каҷ магӯ, рӯҳаму роҳам бидеҳ» - рӯҳи инсон ҳам рӯҳи дарёист ва шебу фарозҳо дорад ва мо барои худ ва барои миллат роҳи раҳоӣ ва роҳи наҷот ҷустуҷӯ мекунем, то ки ин миллат аз дохили ҷангу пайкору асоратҳо ба саломатӣ берун барояд. Мисли ин ки рӯд барои худаш ба сад машаққат худро ба санг зада роҳ меҷӯяд, мо ҳам барои миллат роҳи наҷот бояд пайдо кунем.

*Ин ҳарами шашдара пур бувад аз манзара,*
*Чашм, ки додӣ маро, завқи нигоҳам бидеҳ.*

**Луғат:**

Ҳарам – гирдогирди хона, ҷои иҳоташуда.

Ҳарами шашдара – киноя аз дунёст.

**Маънӣ:** Дунё тасвиргоҳ аст ва ин дунё як манзараи бузургест, ки пайваста маърифат мехоҳад, аммо чашми одӣ, агар нигоҳе ниҳонбин надошта бошад, ин ҳарами шашдараро наметавонад маърифат кунад. Чи қадар инсонҳое дар дунё чашмҳои бенигоҳ доранд, чашм доранд, аммо нигоҳ надоранд, дил доранд, аммо ишқ надоранд, яъне ки асли рисолати чашм иҷро намешавад дар ҳоле, ки чашм нигоҳ надошта бошад. Асли рисолати дил иҷро намешавад, агар орзу напарварад, агар дӯст надорад. Ба ин хотир ба ҳамаи чашмҳо нигоҳ ҳадя кун, - мегӯяд муаллиф ва ба мо ҳам нигоҳе ҳадя кун, ки ояндаи мулку макон ва миллати худро бубинем. Нигоҳе ҳадя кун, ки аз имрӯз ба оянда раҳ бурда тавонем.

*Дар қафаси синаям равзанае боз кун,*
*Танг шуд охир дилам, рухсати оҳам бидеҳ.*

**Маънӣ:** Дилҳои мо барбаста дар қафаси устухонист ва дар ин қафас мо пайваста равзанаҳое ҷустуҷӯ мекунем, ки аз он шодиву нишоту умеду орзу ворид шавад. «Танг шуд охир дилам, рухсати оҳам бидеҳ» – ба он маънист, ки ба ҳазрати Яъқуб Худованд рухсати оҳ кашидан надода буд, гуфт, агар бори дигар оҳ дар ҳаҷри Юсуф, кашидӣ ман рисолати паёмбариро аз ту бармегирам ва мо, ки инсонҳои одӣ ҳастем, зиёд эҳсос мекунем, ки чи кадар диламон танг мешавад ва мо рухсати оҳ надорем ва фақат ягона рухсате, ки дорем, иҷозат ба шукр гуфтан аст.

*Барҳадару ройгон ҳеч мадеҳ, эй азиз,*
*Меҳргиёҳам бигир, меҳргиёҳам бидеҳ.*

**Луғат:**

Барҳадар – беҳуда.

Ройгон – муфт.

Меҳргиёҳ – гиёҳе, ки решааш шабеҳи одам аст ва тибқи афсона, ҳар касе соҳиби он бошад, меҳру муҳаббати одамонро ба худ ҷалб мекунад

**Маънӣ:** Азбаски ҳама чиз дар ду паллаи тарозу гузошта мешавад ва бояд ҳамвазн бошад, аз ҷониби мо, ки шукру сипос меравад, аз ҷониби Худованд ҳам меҳру иноёт меояд. Ба ин хотир муаллиф орзу мекунад ва умед мебандад, ки ин гиёҳи меҳр – гиёҳи саодат аст ва ин ҷо ба он маънист, ки меҳргиёҳ гум шудааст ва ин ватан дар тирагиву зулмот, ғафлату бесаодатӣ мондааст, бинобар ин дигарбора ту меҳргиёҳи моро , яъне каломи шукру сипоси моро баргир ва дар ҷавоб барои мо, ба диёри мо салоҳу рафоҳу муҳаббат фирист, ки мо аз ин залолат ва зулмат раҳо шавем.

## 40

Зиҳӣ, эй насими улвӣ, ба нафас бидеҳ вузӯям,
Хате аз ғубор дорад вараҳи заҳири рӯям.
Ту зи соли ман чӣ пурсӣ, ки дар ин қаламрави вақт
Ба тулӯъ чун ғурубам, ба ғуруб чун тулӯям.
Надиҳам ба лаб иҷозат сухани нашустаеро,
Нашавад, ки ишқ ранҷад, ман агар ҷуз ӯ бигӯям.
Чу ба чашми оҳувона шудам инъикоси Маҷнун,
Хати сабзи туст, ҷоно, хати сабзи ҷустуҷӯям.
Ту бигӯиям, ки ҳайфо, сари гесувон буридӣ,
Назари тамаъ надорад ба саре каманди мӯям.
Ба умед маҳмили ман раҳи ношинос пӯяд,
Ту киӣ, ай интизорам, ту киӣ, ай орзуям.
Ба азизи худ расидам ба тариқи марямона,
Ту биё ба шодбодам: дигар ин мане, ки ӯям!

**Афоили шеър:** фаилоту фоилотун фаилоту фоилотун
**Вазни шеър:** рамали мусаммани машкул
**Радиф:** надорад

*Зиҳӣ, эй насими улвӣ, ба нафас бидеҳ вузӯям,*
*Хате аз ғубор дорад вараҳи заҳири рӯям.*

**Луғат:**
Улвӣ – баланд, осмонӣ.
Вузӯ – таҳорат.
Ғубор – гарду чанг, як навъи хатро ҳам мегӯянд.
Заҳир – лоғарӣ ва рангпаридагӣ ба сабаби беморӣ.

**Маънӣ:** Насими улвӣ аслан ба вузӯ ниёз надорад, аммо моро вузӯ медиҳад, яъне насими поку биҳиштиву мубарро мову шуморо тоҳир мекунад, моро тозаву полуда месозад. Хатҳои ғубори чеҳраи мову дили моро пок мешӯяд. Хати

ғубор аслан як навъи хат аст, аммо дар шеър ба чи маънӣ меояд? Агар ба маънии аввал, як навъи хат бошад, ба маънии дигар ғубори зиндагӣ, азият ва гарди роҳ аст, ки дар чеҳраҳои заҳиру гарду ғамдидаву ранҷур меафтад. Он насими улвӣ, насими биҳиштӣ ва минои мебиёяд ва он ғуборҳоро аз чеҳраҳову аз рӯҳҳо меполояд.

*Ту зи соли ман чӣ пурсӣ, ки дар ин қаламрави вақт*
*Ба тулӯъ чун ғурубам, ба ғуруб чун тулӯям.*

**Маънӣ:** Саволу ҷавоби маъмул, ки вақте аз сол суол мекунанд, инсонҳое ҳастанд, ки ғурубашон баробари тулуъ ва тулӯяшон баробари ғуруб аст. Ҳаждаҳсолаҳое баробари садсолаҳо ҳастанд ва садсолаҳое дар марҳалаи оғоз қарор доранд.

*Надиҳам ба лаб иҷозат сухани нашустаеро,*
*Нашавад, ки ишқ ранҷад, ман агар ҷуз ӯ бигӯям.*

**Маънӣ:** Ин байт ангеза аз як ҳуруфи ҳазрати Ҳофиз аст, ки мегӯяд «Манам, ки шӯҳраи шаҳрам ба ишқ варзидан, манам, ки дида наёлудаам ба бад дидан». Яъне ки ман ҳаргиз ба лаб сухани чиркинро наёварам, иҷозати гуфтори ношоиста надиҳам, зеро ишқ меранҷад, агар ҷуз ӯ ҳуруфи анбориш ва беарзише ба забон оварам.

*Чу ба чашми оҳувона шудам инъикоси Маҷнун,*
*Хати сабзи туст, ҷоно, хати сабзи ҷустуҷӯям.*

**Маънӣ:** Маҷнун дар чашми оҳувон чеҳраи худро тамошо мекард, зеро дар биёбон танҳо чашми оҳу буд, ки дар он Маҷнун чун дар оина акси худро мутолиа мекард. Бинобар ин мегӯяд: Эй дӯст, хати чеҳраи ту хати сабзи ҷустуҷӯ ва фардои ман аст. Барномаи ҳаёти маро ту муайян намудаӣ, ки чашми оҳувонаи ман инъикоси муҳаббат шуд. Дар ҷои дигар ба ин маънӣ шоири мо овардааст:

*Дур мешавӣ зи назар дур, эй уқоби кӯҳи такаббур,*
*Чун шикори ту натавонист, ҳайфи абрувони камонам.*

*Ту бигӯиям, ки ҳайфо, сари гесувон буридӣ,*
*Назари тамаъ надорад ба саре каманди мӯям.*

**Луғат:**

Тамаъ – бо ҳирс ба чизе чашм дӯхтан

**Маънӣ:** Сухан аз лутфи бонувона аст, ки бонувони рузгори имрӯз гесу буридаанд ва аз онҳо суол мешавад, ки чаро онҳо гесӯи бурида доранд. Ва ҷавоб ин аст, ки азбаски сари шикори касеро надоранд, гесӯҳо бурида шуданд.

*Ба умед маҳмили ман раҳи ношинос пӯяд,*
*Ту киӣ, ай интизорам, ту киӣ, ай орзуям.*

**Луғат:**

Маҳмил – каҷовае, ки дарунаш нишаста сафар мекунанд.

Пӯяд – пӯидан, рафтан, ҷустан/

**Маънӣ:** Тамоми қофилаҳои ҳаёти мо дар роҳҳои норафтаву нопӯида қадам мебардоранд, моро чи интизор аст, кадом орзуи бузург аст, ки маҳмили моро, қофилаи моро пеш мекашад. Чароғи интизор куҷост ва кист, ки мову шумо ба сӯяш пайваста меравем ва ҷавоб баъдан меояд:

*Ба азизи худ расидам ба тариқи марямона,*
*Ту биё ба шодбодам: дигар ин мане, ки ӯям!*

**Луғат:**

Марямона – мисли Марям поку ноолуда.

**Маънӣ:** Маълум аст, ки маҳмили он нафаре, ки ин ҳуруфро мегӯяд, ба як самт меравад, ба самти муҳаббат, ба самти инсони азизе, ки тимсоли инсони комилро бо вуҷуди худ, бо ҳузури худ, бо сиришти худ некӯиҳоро оинадорӣ

мекунад ва як инсони ғуборолударо дубора рутбаи марямӣ мебахшад.

«Ту биё ба шодбодам, дигар ин мане, ки ӯям» - ин ғазал дар рӯзгоре навишта шуд, ки аз файзи ашъори орифонаи бузургон муаллиф хеле шодоб буд ва барои худаш ангезаҳову табаҳҳуре фарох аз он алфози бузургон бардошт.

## 41

Ин ҳафт саҳфаро ба ҳам овар, китоб кун,
Бо ман биё, мутолиаи офтоб кун.
Субҳе насимгуна табиби чаман бишав,
Дар набзи гул муоинаи изтироб кун.
Гуфтӣ, ки гавҳарона биё бар канори ман,
Аввал ту ҳам баробари дарё дил об кун.
Кайҳо дудил миёни ману духтари разӣ,
Ё ман ва ё вай – аз ду яке интихоб кун.
Гуфтӣ: Дуӣ магӯ, ки туӣ духтари разам,
Ҳамчун парӣ зи шиша баро, инқилоб кун!
Байни ману ту ман чу ҳиҷобе нишастаам,
Фурсат деҳу назораи ман аз ҳиҷоб кун.
Рафтан шумор омадани кӯтаҳи маро,
Ҷоно, ба дӯст доштани ман шитоб кун.
Эй ёр, эй фурӯғи таҷаллои лоъязол,
Имшаб биё, ба хонаи оина хоб кун.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** кун

*Ин ҳафт саҳфаро ба ҳам овар, китоб кун,*
*Бо ман биё, мутолиаи офтоб кун.*

**Маънӣ:** Аз рӯи баъзе таълимот ва ақидаҳо осмон нуҳ сафҳа дорад, аз рӯи баъзе таълимоти дигар осмон ҳафт табақа дорад. Ин ҷо ҳафт табақаи осмон дар назар аст, ки чашми омӯзандаву асрорбин бояд нигоҳ кунад ва дар умқи осмон ношинохтатарин розҳоро бихонад. Чун офтоб дар табақаи  чаҳоруми осмон қарор дорад ва

Масеҳи маслубшуда, ки роҳ ба ҳарими Худованд наёфт ва дар ҳамин табақа бозмонд, ҳар касе дар табақаи чаҳорум қарор бигирад, ҳатман таваққуф мекунад ва офтобро бештар меомӯзад.

*Субҳе насимгуна табиби чаман бишав,*
*Дар набзи гул муоинаи изтироб кун.*

**Маънӣ:** Агар бод боди самум ё боди хазон бошад, амали қотилро дорад ва аммо агар боди баҳор бошад, боди навозишгар ва давобахшанда бошад, ба чаман табибӣ мекунад ва гулу гиёҳро мудавво мекунад, ба сабзаҳо марҳамӣ мекунад. Субҳе насимгуна табиби чаман бишав – хоса насими субҳ, ки атромезу навозишгар аст ва даво мебахшад, табиби чаман шудани субҳ ҳам фоли нек аст. Дар набзи гул муоинаи изтироб кун – гулҳо дар хомӯшии субҳ бештар дар ҳоли ҳаяҷону изтироб ҳастанд, дар ҳоли боз шудан ва бедории наҷиб қарор доранд ва қаҳрамони ғиноӣ низ хитоб мекунад, ки ту ҳам биёву ба набзи гулҳо ва ба набзи осмону замин гӯш деҳ.

*Гуфтӣ, ки гавҳарона биё бар канори ман,*
*Аввал ту ҳам баробари дарё дил об кун.*

**Луғат:**

Гавҳарона – мисли гавҳар.

Дил об кардан – риёзат кашидан.

**Маънӣ:** Гавҳарона будан маънии онро дорад, ки инсон як андак аз дигарон, аз инсонҳои маъмулӣ тафовут дошта бошад, мисли ин ки дурдона аз донаи одӣ фарқ мекунад ва агар дар мақоми гавҳарӣ буданро орзу мекунем, мо аввал бояд худамон дарё шавем, худамонро такмил диҳему бузург кунем, худамон дарёгуна шавем, то гавҳарҳоро дар вуҷуди худ парвариш диҳем. Яъне бояд вусъати дарёро дошта бошем, ки гавҳар ба бор оварда тавонем.

*Кайҳо дудил миёни ману духтари разӣ,*
*Ё ман ва ё вай – аз ду яке интихоб кун.*

**Луғат:**

Духтари раз – бода, шароб

Дудил – калаванда будан, дудила будан

**Маънӣ:** Дар кулли шеърҳо сухан дар бораи инсони комил ва инсони самоӣ меравад, вале ин ҷо сухан аз як бонуи заминист, ки гӯё ба марди мухотаби худ шарт мегузорад, ки аз миёни духтари заминӣ ва духтари раз, яъне бода, якеро интихоб кун.

*Гуфтӣ: Дуӣ магӯ, ки туӣ духтари разам,*
*Ҳамчун парӣ зи шиша баро, инқилоб кун!*

**Маънӣ:** Ин ҷо қаҳрамон сурат ва сирати бузург мегирад ва зарфияти бештар дармеёбад, ба ин хотир ки мегӯяд, сухан аз ягонагӣ бигӯ, на дуӣ, зеро ҳамон шаробе, ки ту мегӯӣ, худи ту ҳастӣ. Он аввала ҳам ту ҳастӣ ва дувумин ҳам ту ҳастӣ. Ҳамчун парӣ зи шиша баро, инқилоб кун, - сухан аз ҳамон париёнест, ки дар адабиёти мо зикрашон зиёд рафта, ки дар шиша менишастанд ва вақте бурун меомаданд, офтобгуна ҷаҳонро меафрӯхтанд. Камол ба ин маънӣ мегӯяд, ки:

*Дил шишаест ҷои хаёли ту, эй парӣ,*
*Кардӣ парӣ ба шиша, ҳамин аст соҳирӣ.*

Яъне кадом як сеҳргароне буданд, ки ба фусун париёнро дар шиша ҷо мекарданд ва аммо вақте ин парӣ берун мешавад, ҷаҳон аз ҳусни ӯ фурӯғи дигаргуна мегирад.

*Байни ману ту ман чу ҳиҷобе нишастаам,*
*Фурсат деҳу назораи ман аз ҳиҷоб кун.*

**Луғат:**

Ҳиҷоб – парда, ниқоб, монеа.

**Маънӣ:** Азбаски беҳиҷоб омӯхтани инсонҳо осонтар аст ва беҳиҷоб будан маънии ба Худованд пайвастан, яъне аз дунёи фонӣ рафтанро низ дорад, аз ин хотир қаҳрамони

ғиноӣ аз Худованди бузург хоҳиш мекунад, ки ба ӯ фурсат диҳад, то як муддати дигар муҳаҷҷаб бимонад, яъне зинда бимонад. Ҳофиз мегӯяд, ки :

*Ғубори чеҳраи ҷон мешавад ҳиҷоби танам,*
*Хушо даме, ки аз чеҳра парда барфиканам.*

Яъне муаллиф мегӯяд, ки азбаски зиндаам, мисли ҳиҷобе ҳастам, ки байни ману ту қарор дорад ва фурсате деҳу маро аз паси ҳамин ҳиҷоб назора бикун, яъне маро зинда ҳифз бикун. Аз Халлоқи ҷаҳон мехоҳад фурсате дигар барои зистан диҳад. Яъне ҳар одами зинда муҳаҷҷаб ҳисоб мешавад.

*Рафтан шумор омадани кӯтаҳи маро,*
*Ҷоно, ба дӯст доштани ман шитоб кун.*

**Маънӣ:** Мавлоно ҳам мегӯяд, ки:

*Кунун пиндор, мурдам, оштӣ кун,*
*Ки дар тавҳид мо чун мурдагонем.*

Вақте инсонҳо мераванд, бисёр кину ғубору хусумату танаффурҳо аз байн бардошта мешаванд, муносибатҳо гӯё ҳамвор мешаванд, нафрат аз миён меравад ва ба як навъ гармиву меҳр табдил меёбад. Аммо беҳтар аст, ки дар зиндагӣ ин ҳама пардаҳои ҷаҳолату бадбинӣ бардошта шаванд ва инсонҳо дар зиндагӣ ба ҳам меҳр биварзанд. Бинобар ин, муаллифи шеър хитоб мекунад, ки ин умри кӯтаҳро чун як лаҳзаи омадану рафтан бояд шинохт ва барои дӯст доштан бояд шитоб кард, зеро фардо барои дӯст доштан, барои ибрози муҳаббат дер мешавад.

*Эй ёр, эй фурӯғи таҷаллои лоъязол,*
*Имшаб биё, ба хонаи оина хоб кун.*

**Луғат:**

Хонаи оина – оинаи чашм, пеши назар

Таҷаллои лоъязол – фурӯғи худовандӣ

**Маънӣ:** Сухан дар бораи ҳамон инсони заминиест бо

фурӯғи худовандӣ, ки қаҳрамони ғиноӣ мехоҳад ӯро дар баробари чашмаш бубинад. Дар хонаи оина хоб кун, яъне дар оинаи чашми ман муҷалло шав, дар чашми ман ҷо шав, дар канори ман бош.

## 42

Оинаам, ҳақиқати урёни ман бубин,
Пайдои ман зи ҷавҳари пинҳони ман бубин.
Меъроҷи ман зи нимаи раҳ хатм шуд, дареғ,
Ин ними сӯзане ба гиребони ман бубин.
Рагҳои ман ишора ба самти муҳаббатанд,
Зояндарӯду Вахшу Зарафшони ман бубин.
Эй бостоншинос, агар нақб меканӣ,
Маҷнуни мурдаро зи биёбони ман бубин.
Як шаб биёву ларзиши ширини нурро
Дар пардаи ҳарири шабистони ман бубин.
Ин чашми мастрову нигаҳҳои уздро
Барбаста дар асорати мижгони ман бубин.
Дар як дили ман аст ниҳон ҳафт шаҳри ишқ,
Ҷони ман, ин ҳиҷоб мабин, ҷони ман бубин.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** кун

*Оинаам, ҳақиқати урёни ман бубин,*
*Пайдои ман зи ҷавҳари пинҳони ман бубин.*

**Луғат:**

Ҳақиқати урён – асли ҳақиқат.

Ҷавҳар – сиришт.

**Маънӣ:** Мавлоно гуфта буд, ки ҳақиқатро ду чиз дар замин бозгӯ мекунад, яке оина ва дигар тарозу ва ин ҳақиқати бараҳнаест, ки оина ба мо бозменамоёнад. Ҳар инсон мисли оина аст ва ҳар инсон мутолиа мешавад, ту ҳам маро чун оина биомуз ва «пайдои ман зи ҷавҳари

пинҳони ман бубин». Бо он ки ҷавҳари инсон нуҳуфта аст, аммо дар ҳар сурат метавон аз зоҳираш ҳам роҳ ба дили вай, андешаву ормони вай бикшод.

*Меъроҷи ман зи нимаи раҳ хатм шуд, дарег,*
*Ин ними сӯзане ба гиребони ман бубин.*

**Луғат:**

Меъроҷ – боло рафтан, уруҷ кардан.

Ними сӯзан дар гиребон – тамсил ба Исои Масеҳ.

**Маънӣ:** Сухан аз ҳамон уруҷи Исои масеҳ аст, ки бо ними сӯзане, ки дар гиребон дошт дар осмони чаҳорум боздошта шуд ва ба ҳарими Худованд пазируфта нашуд. Мо ҳам гоҳе рушд мекунем ва гоҳе таназзул, гоҳе боло меравему гоҳе поин. «Меъроҷи ман зи нимаи раҳ хатм шуд, дареғ»,- ба ин маъност, ки гоҳе дар роҳи рушди рӯҳонии мо дар нимараҳ зарбаҳое меоянд ва афкорамон ва андешаву тафаккурамон аз равнақ бозмемонад. Яъне дар ҳоле ки бояд равнақ меёфт ва сууд менамуд ва рифъат меёфт, мутаассифона, ин меъроҷ ба таназзул табдил ёфт мисли ҳамон меъроҷи Исо, ки бо сабаби ними сӯзанро аз замин бо худ гирифтан парвозаш қатъ шуд.

*Рагҳои ман ишора ба самти муҳаббатанд,*
*Зояндарӯду Вахшу Зарафшони ман бубин.*

**Маънӣ:** Инсонҳо аслан маҷмӯаи тавҳид ва ваҳдати ҷузвҳо ҳастанд ва агар ин ҷузвҳо дар пайвастагӣ набошанд, ҳатман ки осеб меёбанд ва истиқлолияти узвҳо ва ҷузвҳо бисёр мушкил аст. Мисли ин ки тамоми рагҳои мо ба ҳам пайванд ҳастанд, рагҳои замин ҳам бо ҳам пайванданд. Ҳарчанд ки дарёҳо ҷудо аз ҳам ҷорианд, аслан тамоми обҳои ҷаҳон дар тобеияти Худованд қарор доранд, зеро

«Об гар садпора гардад, боз бо ҳам ошност».

Мисли Зояндаруду Вахшу Зарафшон тамоми рӯдҳои дигари олам ба ҳам пайванданд чун рагҳои хунгузари як

инсон.

*Эй бостоншинос, агар нақб меканӣ,*
*Маҷнуни мурдаро зи биёбони ман бубин.*

**Маънӣ:** Бостоншиносон ҳафриёт мегузаронанд ва ёдгораҳои қадимро ҷустуҷӯ доранд. Аммо дар биёбон, ки холигоҳ аст, аз он чизе ёфт намешавад ва агар маро ту мисли биёбоне холиву тиҳӣ мебинӣ, бидон, ки ҳатто дар биёбон низ асаре аз Маҷнуни мурда бо тамоми шӯру шавқу ишқу ҷунунҳои ӯ бозмондааст. Агар ту то дили ман раҳ бубарӣ, дар биёбони ман, дар вуҷуди ман Маҷнуни рафтаро бо он ишқу шавқи ҷовидонӣ метавонӣ ёфт.

*Як шаб биёву ларзиши ширини нурро*
*Дар пардаи ҳарири шабистони ман бубин.*

**Луғат:**

Шабистон – ба маънии шаб омадааст, на ба маънии хобгоҳ

**Маънӣ:** Ин шабҳои мо зулмониву тира нестанд, балки пардаҳои ҳарири ин шабҳо пур аз анвори рӯҳоният, пур аз таҷалливу фурӯғи моҳ, пур аз таҷаллои фикрҳои рӯшан ҳастанд.

*Ин чашми мастрову нигаҳҳои дуздро*
*Барбаста дар асорати мижгони ман бубин.*

Луғат:

Асорат – асирӣ.

**Маънӣ:** Сухани бонуе, ки асрори бонувонаи худро мегӯяд, аммо вақте масту дузд ва дигар авсофи худро бармешуморад, як андак маъниҳои маҷозӣ ва ирфониро низ дар назар дорад. Яъне вакте мижгон мегӯяд, сухан аз мижгони оддӣ нест, сухан аз самбулҳои муҳаббат аст, ки миёни инсон ва инсонҳои дигар, миёни инсон ва офаридгораш ҷой дорад.

*Дар як дили ман аст ниҳон ҳафт шаҳри ишқ,*
*Ҷони ман, ин ҳиҷоб мабин, ҷони ман бубин.*

**Луғат:**

Ҳафт шаҳри ишқ – маҷ. ҳафт водии муҳаббат дар ирфон

**Маънӣ:** Инсонҳо пайваста дар ҷустуҷӯи ҳафт шаҳри ишқ ва ҳафт водии муҳаббатанд, то ки ба марҳалаи камол ва балоғати рӯҳонӣ расанд. Ва аммо инсонҳое ҳастанд, ки як худашон дар вуҷудашон ҳафт шаҳри ишқро ғунҷонидаанд, инсонҳои хеле расо ва одамҳое, ки зарфият ва ғунҷоиши бисёр бузург доранд, масоҳати рӯҳониашон бисёр вусъатманд аст. Вақте ки мо фақат ба зоҳиру сурат нигоҳ намекунем ва ба сират меандешем, ҳиҷобҳоро бармедорем, мебинем, ки ҳафт шаҳри муҳаббат, ки орифон пайваста дар ҷустуҷӯи он буданду соликон тариқати онро мепаймуданд, аслан дар вуҷуди ҳар инсон ва дар вуҷуди худи мо ҳам ҳаст, ки бояд ифшо кунем. Пас барои он, ки ин сиришт ва ин ҷонро бубинем, бояд ҳиҷобро сарфи назар кунем, аз зоҳир, яъне аз ҳиҷоб, бигзарем ва ба ботин – ба ҷавҳар, ба ҷон бингарем.

## 43

Бигӯ ҳеч, ҷуз ҳеч чизе нагӯ,
Ки мегирадат ҳар сухан аз гулӯ.
Чу ман абра гӯям, кунанд астараш,
Намоянд садбораaш пушту рӯ.
Ба дилҳои тира асое назан,
Хатар дорад он кӯрараҳҳо, мапӯ.
Дили ман, ту ҳамҳаҷми як шабнамӣ,
Ба як чакра чирки ҷаҳонро машӯ.
Нашав чун гиёҳи салому алайк,
Ибо кун, сари роҳи ҳар кӣ нарӯ.
Наҷӯ нақши Исӣ зи кофаркада,
Гияҳмеҳрро дар биёбон наҷӯ.
Накӯӣ кунӣ бахриислоҳи хасм,
Адӯӣ кунад ӯ баислоҳи ту.
Ҷаҳон аз азал инчунин буду ҳаст,
Дило, дер шуд, бас кун ин ҳоюҳӯ.
Зи ман дӯст мепурсад: эй лахти ҷон,
Куҷо мебарӣ ин дили садруфӯ.
Бигӯям, дуо деҳ, ки муршид туӣ,
Дили садруфӯ мебарам пеши ӯ.

**Афоили шеър:** мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун

**Вазни шеър:** музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

**Радиф:** надорад

*Бигӯ ҳеч, ҷуз ҳеч чизе нагӯ,*
*Ки мегирадат ҳар сухан аз гулӯ.*

**Маънӣ:** Халқ мақоле дорад, ки «ба дунболи сухан магард», яъне зиёд сухан нагӯ, ки агар зиёд сухан гуфтӣ,

ҳатман тобишҳои нохуше дар назари мардуми нохушбин падид хоҳад омад. Аз ин хотир камтар сухан гӯ, то замоне, ки аз ту суол накунанд, зеро барои ҳар сухан метавонанд аз гулӯи ту бигиранд, яъне ба ҷавобгарӣ бикашанд.

*Чу ман абра гӯям, кунанд астараш,*
*Намоянд садбораш пушту рӯ.*

**Луғат:**

Абра – матои рӯйи либос ё тарафи берунии ҷомаву кӯрпа.

Астар – матои қисми дарунии ҷомаву кӯрпа ва либос.

**Маънӣ:** Абраву астар – пушту рӯи ҷома ё кӯрпа аст ва сухан ҳам мисли ҷома чандин пушту рӯ дорад. Вақте мо ҳарфи хуберо ба забон меорем, нафароне ёфт мешаванд, ки ба ин сухани мо маънии нохубе медиҳанд ва хайри моро ба шар табдил мекунанд. Тиработинҳо як ҳарфи бисёр содаву рости моро сад бор зеру рӯ карда, аз он маъниҳои тирае берун мекашанд ва ба тирагии худашон меолоянд. Яъне сухан аз назари одамҳо ва аз гӯши хушпазиру бадпазири онҳост, ки ҳарфҳои моро чи гуна мепазиранд.

*Ба дилҳои тира асое назан,*
*Хатар дорад он кӯрараҳҳо, мапӯ.*

**Луғат:**

Кӯрараҳ – раҳи гумшуда

**Маънӣ:** Дилҳои тира мисли кӯрароҳ ҳастанд, роҳҳое, ки кӯр гаштаву гум шудаанд. Вақте ки инсон дар ҳамин ҷодаҳои норафтаи торик мехоҳад асо бизанад ва раҳ пайдо бикунад, мумкин аст, ки шикаст бихурад, зеро дар ин хатаргоҳ роҳ кушодан кори сода нест. Агар Худованд дилро равшан накунад, як бандаи ҳақир наметавонад дар дили торики як инсони дигар ҷодаи рӯшане бикшояд.

*Дили ман, ту ҳамҳаҷми як шабнамӣ,*
*Ба як чакра чирки ҷаҳонро машӯ.*

**Луғат:**

Ҳамҳаҷм – баробарҳаҷм.

**Маънӣ:** Мухотаб дил аст, дили инсон, ки дар зарфият ва дар ҳаҷм мисли як шабнамак аст, хурду кӯчак ва тозаву рӯшану софу мубарро. Ва ин қатраи хурд магар иқтидори онро дорад, ки тамоми олоиши ҷаҳонро полоиш диҳад?

*Нашав чун гиёҳи салому алайк,*
*Ибо кун, сари роҳи ҳар кӣ нарӯ.*

**Луғат:**

Ибо кардан – истиҳола кардан, шарму ҳаё доштан.

**Маънӣ:** Азбаски алафи салому алайк бисёр беор аст, дар ҳама ҷо мерӯяд ва сарфи назар аз хоҳиши мо зиёд афзоиш меёбад. Хуб нест, ки мисли ҳамин алафи беор ҳама ҷо бирӯем ва боиси озурдагии мардум бошем, халал расонем ба дигарон.

*Наҷӯ нақши Исӣ зи кофаркада,*
*Гияҳмеҳрро дар биёбон наҷӯ.*

**Луғат:**

Кофаркада – кофаристон, ҷойгоҳи кофарон

Гияҳмеҳр –гиёҳе, ки меҳри одамонро ба худ мекашад

**Маънӣ:** Дар кофаристон нақши қадами инсонҳои шариф, паёмбарони асилро наметавонем ҷустуҷӯ ва пайдо кунем, мисли он дар биёбон нишоне аз сабза нест ва чи гуна мешавад, ки гиёҳи меҳрро дар биёбони беҳосил ба даст орем.

*Накӯӣ кунӣ баҳри ислоҳи хасм,*
*Адӯӣ кунад ӯ ба ислоҳи ту.*

**Луғат:**

Хасм – душман.

Адӯӣ – душманӣ.

**Маънӣ:** Ту мехоҳӣ, ки муслиҳи душманон бошӣ ва

онҳоро такмил диҳӣ ва накӯиҳо кунӣ, зеро фитрати ту ҷуз инро тақозо намекунад, ки ба дӯсту душман накӯӣ кунӣ. Ва як мурод ин аст, ки ба ин тариқ худро дигар кунӣ ва накӯтар созӣ ва аммо дар посух муваффақ намешавӣ, зеро ӯ туро боз ҳам ба тирагӣ ва душманӣ мекашад, чунки фитраташ зишт аст.

*Ҷаҳон аз азал инчунин буду ҳаст,*
*Дило, дер шуд, бас кун ин ҳоюҳӯ.*

**Луғат:**

Ҳоюҳу – мағал, додувой.

**Маънӣ:** Дар рӯзи азал азбаски дар офариниш чунин тақсир рафтааст ва дар ҷабинашон нишаста, ки инсонҳо хулқи накӯ дошта бошанд ё хулқи бад. Аз ин хотир бо зиёд ҳоюҳу кардан ва талош кардан, ки одамҳоро ба самти накӯӣ бубарӣ, хилқаташонро дигар кунӣ, тозатар ва наҷибтар гардонӣ, фирӯз намешавӣ, зеро аз азал ҷаҳон ва одамиён чунин будаву ҳаст. Яъне ҳою ҳуи ту корест беҳуда ва наметавонад барои накӯии инсонҳо нақши муассире дошта бошад.

*Зи ман дӯст мепурсад: эй лахти ҷон,*
*Куҷо мебарӣ ин дили садруфӯ.*

**Луғат:**

Дӯст – инсони комил.

Лахти ҷон – пораи ҷон.

Садруфӯ – сад бор буридаву дарбеҳшуда

**Маънӣ:** Дӯст аз ман суол мекунад, ки эй пораи ҷони мо, ин дили садпора ва садбор дарбеҳшудаву дӯхташудаи худатро куҷо мебарӣ, дар ҳоле ки ту худ пораи дили мо ҳастӣ.

*Бигӯям, дуо деҳ, ки муршид туӣ,*
*Дили садруфӯ мебарам пеши ӯ.*

**Луғат:**

Муршид – иршодгар, раҳнамо.

**Маънӣ:** Ва ман ман ба ӯ ҷавоб медиҳам, ки азбаски тамоми суолҳои ман бепосуханд, ту ба ман иршод бахш ва дуо бидеҳ, ки то посухи ин суолҳои худамро, ин ҳама асрорро аз худи Худованд дарёбам. Яъне ин дили садпораи худро пеши Офаридгор мебарам ва аз ӯ мехоҳам, ки пораҳои дили маро бо ҳам восил бикунад.

## 44

Ман омадам, ки гӯям: Ишқ аст миллати ман,
Ишқ аст миллати ман, аслу ҷибиллати ман.
Чун номи ман ба номат дар осмон рақам шуд,
Бо туст сабз дар сабз милоду реҳлати ман.
Эй зишт бо ту зебо, эй дина бо ту фардо,
Танҳо ту метавонӣ ислоҳи иллати ман.
Дар ин дайи равонӣ, бе ваҳйи хаткашоне
Чун аст ҳолати ту, чун аст ҳолати ман.
Чун ишқи Эзид омад, сад ишқи зид фурӯ рафт,
Иззат шуду шараф шуд хориву зиллати ман.
Танҳо ту мебароӣ аз ӯҳда кардани мо,
Бар худ намой охир, бар худ ҳаволати ман.
Эй ишқ, куҳнагиям чун бо навият омехт,
То растухез кардӣ тамдиди муҳлати ман.

**Афоил:** мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун
**Вазн:** музореи мусаммани ахраб
**Радиф:** ман

*Ман омадам, ки гӯям: Ишқ аст миллати ман,*
*Ишқ аст миллати ман, аслу ҷибиллати ман.*

**Луғат:**
Ҷибиллат – фитрат, сиришт.

**Маънӣ:** Ман на фарзанди падару модар, балки фарзанди муҳаббат ҳастам ва мансубияти милливу башарии ман ба муҳаббат аст ба унвони як инсони офаринандаи сухан, ки паёму башоратҳояш барои кулли инсонҳост на барои як тоифаи маҳдуди чуғрофӣ ё миллӣ. Мавлоно ҷое мегӯяд, ки:

*Касе, ки зодаи ишқи парирухе бошад,*
*На зодааст зи Одам, на модараш Ҳаввост.*

*Чун номи ман ба номат дар осмон рақам шуд,*
*Бо туст сабз дар сабз милоду реҳлати ман.*

**Луғат:**

Реҳлат – вафот.

**Маънӣ:** Мухотаб як инсони мушаххас нест, мухотаб ҳамонест, ки ин муждаву паёмҳои минуиву заминиро мепазирад ва худашро ҳамдилу ҳамормону ҳамҷон бо гӯяндаи ин ҳуруф медонад. «Чун номи ман ба номат дар осмон рақам шуд» – азбаски андешаву нигоҳҳои мо аз оғоз бо ҳам пайванд буданд, аз рӯзи аласт мо ҳамдил будем ва мувофиқназар будем, аз ин хотир ту метавонӣ аз андешаҳои ман самар бардорӣ. «Бо туст сабз дар сабз милоду реҳлати ман» – яъне азбаски ту муждаҳои дили маро мепазирӣ, аз ҳузури ту ва ҳастии ту омадану рафтани ман моҳият пайдо мекунад. Ҳастии ман ва бақои ман ба будани ту иртибот дорад.

*Эй зишт бо ту зебо, эй дина бо ту фардо,*
*Танҳо ту метавонӣ ислоҳи иллати ман.*

**Маънӣ:** Манзур инсони комил аст, ки раҳ ба раҳ ба инсонҳои дигар таъсиру ангезаҳои нек медиҳад ва муҳри савоб мегузорад ва тамоми зиштҳоро зебо мебинад ва чашмҳои дигарро низ тарбият мекунад, ки ҳама касифҳоро шариф бинанд, нолатифҳоро –латиф. «Эй зишт бо ту зебо, эй дина бо ту фардо» - рӯзгори рафтаву дӯш бо ҳузури инсонҳое, ки мутааллиқ ба замони ояндаанд, ба як замони ҳол ва як ояндаи неку нуронӣ мубаддал мешавад. Танҳо ту метавонӣ иллатҳои маро ислоҳ кунӣ, - мегӯяд шоир ва боз ҳам мақсуди ӯ ҳамон одами комил ва расост, ки атрофиёнро на ба тарики андарзу панд, балки бо вуҷуди худашон, бо ҳузури худашон, бо амалҳо ва ҳатто нигоҳи

худашон тарбият менамоянд, муслеҳӣ мекунанд ва такмил медиҳанд.

*Дар ин дайи равонӣ, бе ваҳйи хаткашоне*
*Чун аст ҳолати ту, чун аст ҳолати ман.*

**Луғат:**

Дай – зимистон.

Ваҳй - паёме, ки Худо ба пайғамбарон мефиристад

**Маънӣ:** Новобаста ба он ки фасли зимистон аст ё баҳор, дар рӯҳҳои мо як зимистони замҳарир сукунат дорад ва ваҳйю паёму муждаи хаткашони баҳору наврӯзро намешунавем. Агар мо бо рӯҳҳои сарду карахти худ муждаи хаткашони болоиро нашунавем, вой бар ҳоли мову шумост.

*Чун ишқи Эзид омад, сад ишқи зид фурӯ рафт,*
*Иззат шуду шараф шуд хориву зиллати ман.*

**Маънӣ:** Аслан ишқи заминиву баринӣ харду як ишқанд, ки муаллиф дар аксари маворид дар ашъораш зикри ин муҳаббатҳоро мекунад ва мегӯяд, ки «бале, ин ҳарду як ишқ аст, як ишқ, ки оғози накӯиофаринист». Ва аммо ишқҳои ранг аз ишқҳои бӯй бо он тафовут мекунанд, ки яке ормону ҳадафҳои бисёр бузург ва дигаре ормонҳои хурду ночизи заминӣ дорад. Тафовут дар ҳамин бузургиву хурдии ормонҳост, аз ин хотир ишқи дувум ишқ ҳам нест, чизе шабеҳи рағбат ва чизе шабеҳи ҳавасҳои оддист, ки зуд бадал мешавад, мегузарад. «Чун ишқи Эзид омад, сад ишқи зид фурӯ рафт» – ба он маъност, ки чи кадр инсонҳо баъзан дилбастаи инсонҳои дигари носазовору ношоиста мешаванд ва баъди убури фурсате дармеёбанд, ки оне, ки маҳбубашон буд, сазовори ин муҳаббат, ин парастиш ва ин дӯст доштан набудааст. Дар поёни ин ҳама дӯстдориҳо оқибат як қисмати инсонҳо ба маърифати ишқи бузург ва ростин мерасанд ва дармеёбанд, ки аслан дастгири

ҷовидони онҳо то офариниш, баъди офариниш ва ҳатто баъди маргашон ҳам боз ҳамон як маъшуқу маъбуди яктост. Агар ишқҳои заминӣ дар роҳи инсонҳо саду як ҳоил ва мамониат эҷод кунанд ва онҳоро ба шармандагӣ баранд, ишқи Худованд ва парастиши ӯ инсонҳоро бисёр сарафрозу бениёз ва шарафманд мекунад, тоҷи иззат ва шараф дар сари одамҳо мениҳад. «Иззат шуду шараф шуд хориву зиллати ман» - ба он маъност, ки ишқи заминӣ барои инсон мояи залиливу хорист, вале ишқи Худованд мояи иззату шарафу рифъат аст.

*Танҳо ту мебарой аз ӯҳда кардани мо,*
*Бар худ намой охир, бар худ ҳаволати ман.*

**Маънӣ:** Манзур боз ҳам инсони комил ҳаст ва худи Худованд ҳам ҳаст, ки дар дасташ зимоми ҳаёти тамоми башарият қарор дорад ва мо ҳаволати худро барои ҳамеша ба ту супурдаем.

*Эй ишқ, куҳнагиям чун бо навият омехт,*
*То растухез кардӣ тамдиди муҳлати ман.*

**Луғат:**

Растухез – рӯзи қиёмат.

Тамдид – дароз кардан.

**Маънӣ:** Аслан ишқҳое ба инсонҳои заминӣ фурсат ва муҳлатҳои маҳдуд доранд, зеро маъмулан баста ба сурати инсонҳо ҳастанд. Чун сурат дигаргуна мешавад,ба муҳтавои муҳаббат метавонад таъсир расонад. Вақте ки зебоиҳои суварӣ барҳам мехуранд, ин муҳаббат метавонад ба нобудиву адам бирасад, аммо муҳаббати Худованд дар ҳама ҳол ҳам бетағйир аст ва ҳамеша навтар аз нав боқӣ мемонад. «Эй ишқ, куҳнагиям чун бо навият омехт» – ишқ аст, ки инсонҳои куҳнаро ҳам нав мекунад, зеро муҳаббати бузург ба дилашон нашъаи ҷавонӣ ва зевари шабоб дигарбора ҳадя мекунад. «То растухез кардӣ тамдиди

муҳлати ман» – яъне инсонҳо ҳама фониянду равандаанд ва аммо инсонҳое, ки бо мадори муҳаббат зиндагӣ мекунанд, васли Худованд барои онҳо ишқ аст. Ишқ аст, ки хаткашони осмонӣ барояшон аз даргоҳи эзидӣ ҳадя овардааст ва бо ҳамин хати наҷот онҳо то қиёмат муждаи бақо мееёбанд, яъне номашон дар ҷаридаи ҷонҳо барои ҳамеша сабт мешавад.

## 45

Дарро зи дарун бибанд, эй ишқ, дарро бикушо ба бекарона,
Берун қадамест бенишона, дохил ҳарамест ҷовидона.
Эълон задаам ба дар, ки «Ёрон, ман рафта ба дурдасти ишқам,
Аммо ту зи роғи дар нигаҳ кун, бингар, ки манам даруни хона».
Имони ман аз ҳама шикастаст, имони маро дуруст созад,
Рӯзе, ки дубора мебиёяд он хонахудои ман ба хона.
Ман мераваму нигоҳи сардам дар раъша фиканда кӯчаҳоро,
Он хоҳари гармрӯи заррин хандад зи чаҳорум ошёна.
Пурсид касе, ки аз чӣ боис ин қадр гарон қадам гузорӣ,
Ман бори хиёнати башарро бардоштаам ба рӯи шона.
Мардона дил аз ғилоф баркаш, то хуни чакида ишқ гӯяд,
Дар ишқ чӣ кор кардаӣ ту ҷуз бофтани ду-се фасона?!
Овози азони бомдодам дар олами хоббурдаи шаб,
Вақте ки ту чашм мекушоӣ, ман нестам андар ин миёна.

**Афоил:** мафъӯлу мафоилун фаӯлун/ мафъӯлу мафоилун фаӯлун

**Вазн:** ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф

**Радиф:** надорад

*Дарро зи дарун бибанд, эй ишқ, дарро бикушо ба бекарона,*
*Берун қадамест бенишона, дохил ҳарамест ҷовидона.*

**Маънӣ:** Аз қадимулайём одамон чилланишинӣ мекарданд ва ба он хотир чилла менишастанд, ки ба дунёи бекарони муҳаббат роҳ кушоянд. Аз чиллахона роҳ кушодан осонтар аст нисбат ба он ки миёни мардум бошанд, зеро дар вусъати бузург инсон мисли он ки дар як

тангноест, аммо вақте ки ба чиллахона мебиёяд ва танҳо ба танҳо бо маҳбуби улвии худ мемонад, ба асрорхонаи муҳаббат роҳ мекушояд. Яъне «Дарро зи дарун бибанд, эй ишқ, дарро бикушо ба бекарона. Берун қадамест бенишона, дохил ҳарамест ҷовидона» - ба он маънист, ки ҳар касе ки ба берун, ба издиҳоми кӯча биомехт, ба бенишонӣ рафт ва ба адам пайваст ва аммо он касе, ки ба ҳарами ботин, ба роҳи Худованд андешид, ба ҳарамгоҳи абадият раҳ кушод.

Саъдии бузургвор низ ба ҳамин маънӣ гуфта, ки:

*Чу ҳар соат аз ту ба ҷое равад дил.*
*Ба танҳоӣ андар сафое набинӣ.*
*В-арат ҷоҳу мол асту заръу тиҷорат,*
*Чу дил бо Худояст, хилватнишинӣ.*

Яъне, дил ҳар лаҳза ҷое меравад ва агар ту бо ҳазор кори дигаре машғул бошӣ, мисли деҳқониву тиҷорат ва аммо дилат бо Худованд бошад, пас ту хилватнишинӣ. Яъне мисли тариқати нақшбандия ва муршиди онҳо Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд, ки «даст ба кору дил ба ёр» мегӯяд, бо он ки дасти одам машғули кор аст, дилаш чилланишинӣ ва хиватгузинӣ дорад.

*Эълон задаам ба дар, ки «Ёрон, ман рафта ба*
*дурдасти ишқам»,*
*Аммо ту зи роғи дар нигаҳ кун, бингар, ки*
*манам даруни хона.*

**Маънӣ:** Эълон задан ба дар – дар замони мо вақте даре баста аст, маъмулан рӯи он дар коғазе хабар ё эълон насб мешавад, ки соҳиби хона куҷо рафтаву кай меояд. Шоири мо мегӯяд, ки ба сайру сафари дуродури ишқ рафтааст, аммо ин сайри оддӣ нест, ин сайру сулуки ботин ва рӯҳонӣ аст ва агар ту нек бингарӣ, дармеёбӣ, ки ин сафар дар ҳамин чиллагоҳ аст, сафар дар дохили худи мост, сафар дар дохили андешаву ормону фикру тахайюл аст, сафари

отифист. Аммо, - мегӯяд ӯ, - агар аз роғаи дар нигоҳ кунӣ, ман аслан даруни хона ҳастам, ҷое нарафтаам, зеро сафари ман сафари рӯҳонист.

*Имони ман аз ҳама шикастаст, имони маро*
*дуруст созад,*
*Рӯзе, ки дубора мебиёяд он хонахудои ман ба хона.*

**Луғат:**

Хонахудо – соҳиби хона.

**Маънӣ:** Баъзан баъди шикастҳои паёпай, баъди бархурд бо ҳақиқати зиндагӣ ва бархурд бо нишебу фарозҳо имони инсон газанд меёбад, бовару эътиқоду муҳаббаташ аз инсонҳои дигар коҳиш пайдо мекунад, аз кулли ҷомеа, аз вақту фазо, аз тамоми дунё дилмонда мешавад. «Имони маро дуруст созад рӯзе, ки дубора мебиёяд он хонахудои ман ба хона» - сухан дар бораи он инсони комил аст, ки мо дар ҷустуҷӯяш ҳастем, аммо ӯ худаш мебиёяд ба ҷустуҷӯи мо, ба манзили мо, то имони шикастаи моро дуруст намояд, дубора руфуъ ва дарбеҳ кунад, дигарбора бипайвандад бо ҳаёт ва инсонҳо. Яъне мо ҳамеша муҳтоҷи инсонҳои бонаҷобате ҳастем, ки бо шарофати азалии худашон моро муршидӣ ва раҳнамоӣ мекунанд.

*Ман мераваму нигоҳи сардам дар раъша*
*фиканда кӯчаҳоро,*
*Он хоҳари гармрӯи заррин хандад зи чаҳорум ошёна.*

**Луғат:**

Раъша - ларзиш.

**Маънӣ:** Он замон, ки имони мо осеб ёфта ва хастагиву сардӣ нигоҳамонро фатҳ кардааст, ин ҳолати мо ба дигарон низ таъсир мекунад. Аз ҳар чизи сарду хунук дар вуҷуди кас раъша мефитад, ҳатто кӯчаҳо аз сардии нигоҳи ман ба ларза медароянд. Аммо дар баробари ин сардиҳо офтоби дурахшандаи гармрӯ боз ҳам хоҳарона аз табақаи чаҳоруми осмон табассум мекунад ва ханда мефишонад.

*Пурсид касе, ки аз чӣ боис ин қадр гарон қадам гузорӣ,*
*Ман бори хиёнати башарро бардоштаам ба рӯи шона.*

**Маънӣ:** Агар нафаре бипурсад, ки чаро бо чунин гаронӣ меравӣ, посух мегӯям, ки ман бори на танҳо вуҷуди худамро, балки бори хиёнати башарро, хиёнатҳои кулли оламиён ва одамиёнро бардоштаам. Ин ҷо ишорат ба бузургони мо, хоса Боязиди Бастомист, ки бори ҷиноят ва хиёнати ҳамаи инсонҳоро бардошта буд ва қаҳрамони ғиноии мо низ мехоҳад инсонҳоро дар баробари Худованд мағфиратхоҳӣ кунад.

*Мардона дил аз ғилоф баркаш, то хуни чакида ишқ гӯяд,*
*Дар ишқ чӣ кор кардаӣ ту ҷуз бофтани ду-се фасона?!*

**Маънӣ:** Инсонҳое, ки лофи мардиву ҷавонмардӣ, шараф ва шарофат мезананд, аслан дар ишқ коре накардаанд ба ҷуз гуфтани ду-се фасона. Онҳо дили худашонро барои дигарон азият ва озор намедиҳанд, ҳама корҳояшон сар-сариву зоҳирӣ, аз дил нест. Барои маҳбуби воқеӣ бояд дилро зи ғилоф берун кашид ва аз ҷон бояд гузашт.

*Овози азони бомдодам дар олами хоббурдаи шаб,*
*Вақте ки ту чашм мекушоӣ, ман нестам андар ин миёна.*

**Маънӣ:** Ҳар нафаре, ки мебиёяд ва ба гӯши мардум муждаҳо ва башоратҳо меорад мисли ин аст, ки дар олами ҳанӯз номусаллам омадани субҳ ва овози даъвати азон бошад, ки инсонҳоро мисли зангӯлаи муҳаббат ба бедорӣ мехонад ва садои шоир ҳам мисли ҳамин садоест, ки инсонҳоро ба сӯи маърифат ва худшиносӣ даъват мекунад. Вақте ки ту аз хоби ғафлат бедор мешавӣ ва «чашм мекушоӣ, ман нестам андар ин миёна», -мегӯяд ӯ. Яъне вақте ки ту ҷавҳари моро мешиносӣ ва асли моро дарк мекунӣ, вуҷуди мо аз миёна барҳам хӯрдааст, мо аз ин дунё рафтаем ва он гаҳ ту аз миёни ҳамин паёму башоратҳо даричае дорӣ, ки боз бо мо робита дошта бошӣ.

## 46

Хушӣ бигзашт, оре, нохушӣ ҳам дерпоё нест,
Ғаму ташвиш бар шодӣ паёпай дастболо нест.
Биё, паймон бубандем, эй ба дил наздику дур аз чашм,
Барои он ки дунё бе ҳузури дӯст дунё нест.
Ҳама тақсир дар чашмони нуқсонбини мову туст,
Агар як дам ҷаҳон зебост, як дам баъд зебо нест.
Ҷаҳон чун хатти мастур асту бар мо во намегардад,
Намедонам, ки маъно ҳаст онро ё ки маъно нест.
Дар ин фасле, ки баргу шоха бо ҳам хайр мегӯянд,
Муҳаббат деҳ, ки аз ин беҳтар эҳдои Таоло нест.

**Афоил:** мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун
**Вазн:** ҳазаҷи мусаммани солим
**Радиф:** надорад

*Хушӣ бигзашт, оре, нохушӣ ҳам дерпоё нест,*
*Ғаму ташвиш бар шодӣ паёпай дастболо нест.*

**Луғат:**
Дерпоё – устувор, пойдор.
Дастболо – ғолиб.

**Маънӣ:** Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр як ғазал дорад, ки дар он мегӯяд:

*Он авон ҳам умр буд, ин ҳам авон аст, эй парӣ,*
*Пир ҳам гаштам, чи ғам, ишқам ҷавон аст, эй парӣ.*

Мисли ин ки як марҳалаи ҳаёти инсон пури хушиву таҷаммулу нишот бошад ва марҳалаи дигараш, агар як андак падидаҳои нохуш ҳам дошта бошад, аммо, таассуф, ки на ин монаду на он. Ва ҳатто давраи нохушӣ ҳам дерпо нест. Ҳатто ҳамин давра ҳам як сарвату накди ғанимат аст, ки аз он ком бояд бардошт. Азбаски ғаму шодӣ, сояву

равшанӣ, сиёҳиву сафедӣ мубодилаи ҷовидонӣ доранд, умед метавон баст, ки як марҳилаи андуҳ паси сар мешавад ва аз паси он дигарбора марҳилаи шодӣ фаро мерасад.

*Биё, паймон бубандем, эй ба дил наздику дур аз чашм,*
*Барои он ки дунё бе ҳузури дӯст дунё нест.*

**Маънӣ:** Бузургтарин саодат дар дунё саодати дӯст доштан, дӯст ёфтан, бо дӯст будан аст. Аз ин хотир, биё, бо ҳам паймон бубандем, эй инсони комил, эй инсоне, ки ҳастият барои мо асли саодатро маърифат мекунад. Тамомии хушии дунё дар будани инсонҳои ҳабиб маҷмӯа мешавад, ки барои мо мояи ҳастиву зиндагӣ ва мояи нишоту саодат ҳастанд.

*Ҳама тақсир дар чашмони нуқсонбини мову туст,*
*Агар як дам ҷаҳон зебост, як дам баъд зебо нест.*

**Луғат:**

Тақсир – нуқсон, камбудӣ

**Маънӣ:** Обу ҳавои заминро обу ҳавои дили мо ва вазъи ботинии мо муайян мекунад. Касе, ки масалан, дарде дар ҷисм дорад, наметавонад офтобро ончунон ки ҳаст, бубинад. Дар назараш як рӯзи пуртаҷалло комилан тираву бесафо метобад ва баръакс, касе, ки саодатҳои дохилӣ дорад, як рӯзи тамоман бенишоти тираву тор ва абриву туманолударо хеле пуртаҷаммул мебинад.

*Ҷаҳон чун хатти мастур асту бар мо во намегардад,*
*Намедонам, ки маъно ҳаст онро ё ки маъно нест.*

**Луғат:**

Мастур – пинҳон.

**Маънӣ:** Албатта, ҷаҳон тилисмот асту асроргоҳи ҷовидон, ки барои ягон инсони заминӣ то имрӯз боз нашуд, зеро, ба қавли Ҳакими Нишопурӣ, «аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз, ку омадае, ки ӯ ба мо гӯяд роз». Касе ин

тилисмро барнашикаст ва касе ин домро барнадарид. Аслан ҳамин хати мастури нохонда, яъне ҷаҳон ва маънии он, барои касе ва аз ҷумла барои мо низ муайян нашуд.

*Дар ин фасле, ки баргу шоха бо ҳам хайр мегӯянд,*
*Муҳаббат деҳ, ки аз ин беҳтар эҳдои Таоло нест.*

**Маънӣ:** Манзур фасли тирамоҳу фасли хазонрези дилу хотиру зеҳн аст, ки барг аз шоха ҷудо мешавад ва дар ин ҳол имону умеду шодии моро чи метавонад ҳифз кунад? Танҳо муҳаббат, ки онро чун армуғон аз даргоҳи ҳазрати Худованд талабгорӣ мекунем.

## 47

Эй дил, дили чӯбина, тобути таманноӣ,
Паркандаи дирӯзӣ, шабмондаи фардоӣ.
Дар панҷараи сутхон пар-пар заду нолиш рехт,
Ин булбули лоҳутӣ в-ин лолаи миноӣ.
Эй панҷараи баста бар сардии оҳи дай,
Як ханда зану во шав бар субҳи шукуфоӣ.
Танҳоии доноён бехотима хоҳад монд,
Ҳаргиз нашавад хуршед озод зи танҳоӣ.
Афсӯс, ки қисмат шуд ҷуз ман ба ҳама олам
Ишқи туйи хуршедӣ, меҳри туйи дарёӣ.
Ин қавм зи беёдӣ бистурда шуд аз дунё,
Дебочаи будан бош, эй ёди аҳуроӣ.
Бар оинаи золим гӯед, набиштобад
Бар марсияҳо хондан дар реҳлати раъноӣ.
Ҳам кӯҳнавардам кун, ҳам рӯҳнавардам кун,
Онгуна, ки будӣ, бош, эй қуллаи зебоӣ.

**Афоил:** мафъӯлу мафоӣлун мафъӯлу мафоӣлун
**Вазн:** ҳазаҷи мусаммани ахраб
**Радиф:** надорад

*Эй дил, дили чӯбина, тобути таманноӣ,*
*Паркандаи дирӯзӣ, шабмондаи фардоӣ.*

**Луғат:**
Парканда – маҷ. дармонда, оҷиз.
Шабмонда – боқимондаи дирӯз.

**Маънӣ:** Муроҷиат ба дил, ки гоҳо дар мақому мартабаи ҳамешагии худаш нест ва таманноофаринӣ намекунад, мисли ин ки дар қафаси синаи мо ба тобут табдил меёбад ва тобут, азбаски аз чӯб сохта мешавад, ба

ин хотир мегӯяд, ки таманноҳо вақте мемиранд, онҳоро дар тобут меандозанд ва дил ба тобути орзуҳо табдил меёбад. «Паркандаи дирӯзӣ, шабмондаи фардоӣ» - ба ин маъно, ки дил бисёр куҳна мешавад ва дигар тозакориву ифтитоҳ намекунад. Шабмондаи фардо будан ва паркандаи дирӯз будан – аслан зинда набудан, орзу напарваридан, хеле куҳна шудан ва мустафъӣ будан дар назар аст.

*Дар панҷараи сутхон пар-пар заду нолиш рехт,*
*Ин булбули лоҳутӣ в-ин лолаи миноӣ.*

**Луғат:**

Сутхон - устухон.

Лоҳутӣ – илоҳӣ, худоӣ.

Миноӣ – осмонӣ.

**Маънӣ:** Устухонҳо ва қафасмуҳраҳо, мисли қабурғаҳо ва панҷараҳо ҳастанд ва дар паси ин панҷара булбуле ҳаст, булбули лоҳутиву осмонӣ ва як лолае ҳаст миноӣ, лолаи сурхи аршӣ, ки ҳам ин булбул ва ҳам ин лола тимсоли дил ҳастанд. Ин ҳарду ифодакунандаи дил ҳастанд, ки аз пушти панҷараи устухонҳо нолиш мекунанд ва ҳарду пар-пар мезананд.

*Эй панҷараи баста бар сардии оҳи дай,*
*Як ханда зану во шав бар субҳи шукуфоӣ.*

**Луғат:**

Дай – зимистон.

**Маънӣ:** Хитоб ба ҳамин панҷараи устухонӣ, ки дар пушташ дил булбулонаву лолаёна пар-пар мезанад ва ин панҷара ногаҳ метавонад дигаргуна шавад. Ин ҷо ишорат ба ҳарду панҷара аст, ҳам тирезаи одиву воқеӣ, ки тавассути он пеши роҳи оҳи фасли сарди зимистон баста мешавад. Фақат замоне, ки баҳор мебиёяд, боз ҳам тирезаҳо кушода мешаванд ва панҷараҳову равзанаҳои дил ҳам, вақте нафаси Наврӯзро, нафаси шукуфоии баҳорро

мешунаванд, кушода мешаванд. Яъне дили мо интизори муждаҳои Наврӯз аст.

*Танҳоии доноён бехотима хоҳад монд,*
*Ҳаргиз нашавад хуршед озод зи танҳоӣ.*

**Маънӣ:** Азбаски офтоб ҳамеша танҳост ва дар тӯли миллиард соли буданаш ҳаргиз аз танҳоӣ раҳо наёфтааст, мисли ин ки ҳама фозилони олам хуршедгуна танҳоанд дар осмони худ, дар фазои худ, дар баробари тулуъву ғурубҳои худ. Инсонҳои доно ҳам мисли хуршед ба нурафканӣ масъул ҳастанд, ба иршод ва мунаввар кардани ҷаҳон машғул ҳастанд. Аммо ёру ёваре надоранд, худашон бояд офтобгуна дар танҳоӣ бори рисолати худро ба дӯш дошта бошанд. Он сон, ки Мавлонои Балх мегӯяд:

*Офтоб ар надиҳад гармиву нур,*
*Пас дар ин нодирагунбад чӣ кунад?!*

*Афсӯс, ки қисмат шуд ҷуз ман ба ҳама олам*
*Ишқи туйи хуршедӣ, меҳри туйи дарёӣ.*

**Маънӣ**: Одамҳое ҳастанд, ки офтобгуна ба ҳама анвор ҳадя мекунанд ва дарёгуна ба ҳамаи ташнагон муждаи об мебаранд. Ва аммо манзури мо боз ҳам ҳамон инсони комил аст, ки ба ҳама раҳнамоиву ҳидоят мекунад ва аммо моро сарфи назар кардааст.

*Ин қавм зи беёдӣ бистурда шуд аз дунё,*
*Дебочаи будан бош, эй ёди аҳуроӣ.*

**Луғат:**

Дебоча – сароғоз.

Аҳуроӣ – нек.

**Маънӣ:** Фаромӯшӣ ва беҳофиза будан миллатҳову қавмҳову халқҳоро аз миён мебардорад ва ба фаромӯшии абад месупорад. Яъне ҳофизаи таърихиву миллии худашро ҳама халқу миллат бояд ҳамеша ҳифз кунад.

Кадом миллате, ки ҳофизаи таърихӣ надорад ва онро ба фаромӯшӣ супурдааст, номаш ҳам аз харитаи олам сутурда мешавад. Дебочаи будан бош, эй ёди аҳурой - яъне ёди нек ва ҳофизаҳову хотираҳои рӯшан ба сифати сарсухан, сарҷарида ва дебочаи ҳастии миллату қавм ва ҳастии якояки афрод ҳам ҳаст.

*Бар оинаи золим гӯед, набиштобад*
*Бар марсияҳо хондан дар реҳлати раъноӣ.*

**Луғат:**

Реҳлат – вафот.

Раъноӣ – зебоӣ ва барноӣ.

**Маънӣ:** Азбаски оинаҳо зуд марсияи марги ҳуснро барои инсонҳо мехонанд, аз оинаҳо хоҳиш мешавад, ки батаъхир ин корро анҷом диҳанд, на ба таъҷил. Яъне бигузоранд, ки ҳусну зебоиву ҷавонӣ дерпо бошад.

*Ҳам кӯҳнавардам кун, ҳам рӯҳнавардам кун,*
*Онгуна, ки будӣ, бош, эй қуллаи зебоӣ.*

**Луғат:**

Кӯҳнавард – касе, ки кӯҳпаймоӣ мекунад.

Рӯҳнавард – касе, ки барои шинохти рӯҳ саъй мекунад.

**Маънӣ:** Куллаи зебоӣ ҳамон инсони бузургу мукар-раму муаззаме ҳаст, ки қаҳрамони ғиноӣ ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва маърифати ӯст. Бо ӯ будан, аз ҳузури ӯ истифода кардан, аз вуҷуди ӯ ҳастии нокомили худро такмил бахшидан, худро афрӯхтан, инсонро ҳам кӯҳнавард мекунад ва ҳам рӯҳнавард. Кӯҳнавард инсонест, ки баландиро мепаёмояд. Азбаски мо ба баландии рӯҳ руҷӯъ мекунем, азбаски сууди мо фақат фарозҳои маънавист, аз ин хотир ҳам кӯҳнавард мешавем ва ҳам рӯҳнавард. «Онгуна, ки будӣ, бош, эй қуллаи зебоӣ» – яъне ҳамон қуллаи зебоӣ муршид ва инсони иршоддиҳанда аст, ки моро пайваста ба мартабаи баланди зебоӣ даъват ва ҳидоят мекунад.

## 48

Муншии хатти борӣ, муҳри ниҳони кистӣ,
Муждаи растагориӣ, пайки амони кистӣ.
Рӯҳ бидеҳ хаётро, ҳастии коинотро,
Исии асри мо туӣ, рӯҳи равони кистӣ.
Аз чу туе бар чу мане ин ҳама лутф мерасад,
Иззати қатра мекунӣ, баҳри дамони кистӣ.
Хамру шароб ҳам туро, нури савоб ҳам туро,
Қаҳ-қаҳи маст мезанӣ, бонги азони кистӣ.
Эй ту муассиси саҳар, эй ту мударриси қамар,
Шамсиву маҷмаи шарар, шуълафишони кистӣ.
Гар халале дили турост, он халали замири мост,
Ҳамшараёни кистӣ, ҳам зарабони кистӣ.
Эй ту ҷаҳонтар аз ҷаҳон, ҷониву ҷонтарӣ зи ҷон,
Ҳурмати ишқ кун, бигӯ, ҷону ҷаҳони кистӣ.

**Афоил:** муфтаилун мафоилун муфтаилун мафоилун
**Вазн:** раҷази мусаммани матвии махбун
**Радиф:** кистӣ

*Муншии хатти бориӣ, муҳри ниҳони кистӣ,*
*Муждаи растагориӣ, пайки амони кистӣ.*

**Луғат:**
Муншӣ – котиб.
Борӣ – Худованд.
Растагорӣ – озодӣ.

**Маънӣ:** Муншии хатти борӣ инсонҳое ҳастанд, ки чун дабири номаҳои Худованд дар баробари инсонҳо тулуъ мекунанд ва ҳамин гуна тааҳҳуди бисёр муборак доранд, ки муждаҳои осмониро барои заминиён ва барои аҳли башар тақсим кунанд. Муншии хатти бориӣ – яъне

ту иншокунандаи хатти Худованд ва тарҷумони сухани осмон барои аҳли замин ҳастӣ. «Муҳри ниҳони кистӣ» - дар ин мисраъ ҷавоби ҳамон суол ҳам ҳаст, ки вақте ки ту сардабири номаҳои раббонӣ ҳастӣ, пас ту муҳри ниҳони Парвардигор дар вуҷуди якояки моӣ. Яъне ҳам суол ва ҳам ҷавоб дар дохили як мисраъ ҳаст. Муждаи растагориӣ, пайки амони кистӣ - касе, ки муждаи эзидиро барои инсонҳо меорад, мисли ин ки муждаи растагориву озодӣ ва башорати наҷотро мебиёрад, хатти амонӣ ба инсонҳо ҳадя мекунад. Пайки амониро аз даргоҳи Кирдугор ба даргоҳи дили инсонҳо ҳадя меорад.

*Рӯҳ бидеҳ хаётро, ҳастии коинотро,*
*Исии асри мо туӣ, рӯҳи равони кистӣ.*

**Маънӣ:** Азбаски кори Исо зинда кардани мурдагон ва дам дамидан дар вуҷуди рафтагон буд, Масеҳи замони мо ҳам вазифа дорад, ки ҳаёти мурдаро бо дуои Исми аъзам дубора зинда кунад, ҳастии коинотро, ҳаётро зинда кунад ва коинотро ҷунбиш диҳад, ангезаи хубиву хайру шарофат бахшад. «Исии асри мо туӣ, рӯҳи равони кистӣ» - худи Масеҳ рӯҳи равон буд, ки боз ҳам ба ҳама рӯҳи равон ҳадя мекард.

*Аз чу туе бар чу мане ин ҳама лутф мерасад,*
*Иззати қатра мекунӣ, баҳри дамони кистӣ.*

**Маънӣ:** Инсони бузургу комил дар назар аст, ки мисли баҳр асту мисли дарёву уқёнус, мисли паҳнои осмон аст ва аммо соликону муршидону равандагону ҷӯяндагони ӯ мисли қатра ҳастанд ва баҳр, бо он ки ин ҳама шавкат ва бузургиву азамати масоҳат дорад, як қатраи хурди кӯчакро ҳам иззат мекунад. Вақте ки аз ҷониби баҳр ба ҷониби қатра лутфу иноят мерасад, қатра ҳайратзада мешавад, ки чаро офтоб ин қадр зарраро эҳтиром мекунад.

*Хамру шароб ҳам туро, нури савоб ҳам туро,*
*Қаҳ-қаҳи маст мезанӣ, бонги азони кистӣ?*

**Луғат:**

Хамр – май

**Маънӣ:** Яъне дар вуҷуди ҳамон инсони бузургу муҳташам чи қадр иқрорҳову инкорҳо ҳам ҳастанд, ҳам оҳанги хамру шароб ҳаст, ҳам оҳанги хайру савоб. Ҳам нағмаҳои риндона ва ҳам ёҳуҳои орифона. Бо он ки қаҳ-қаҳи маст мезанад ва гӯши осмонро мешикофад, боз ҳам садояш поктар аз покҳост, ки мисли азон инсонҳоро ба бедории ҷовидон даъват мекунад ва ҳидоят мекунад.

*Эй ту муассиси саҳар, эй ту мударриси қамар,*
*Шамсиву маҷмаи шарар, шуълафишони кистӣ.*

**Луғат:**

Муассис – касе, ки чизеро таъсис додааст

Мударрис – касе, ки дарс медиҳад

**Маънӣ:** Вақте ки Шамс мегӯем ва чун муршиди Мавлоно ва муршиди тамоми инсонҳои ҷӯяндаи ҳақ ҳам ҳаст, аз ин хотир боз ҳам дар назари мо ҳамон инсони такмилшуда пайдо мешавад, инсони такмилшудае, ки аз рӯшноии худаш субҳ меофарад. Мавлоно ба ҳамин маънӣ мегӯяд, ки:

*Хезу дар ҷомам шароби ноб рез,*
*Дар шаби андешаам маҳтоб рез.*

**Маънӣ:** Аз фурӯғи вуҷуди худаш офтобу моҳ месозаду субҳ таъсис мекунад. «Шамсиву маҷмаи шарар, шуълафишони кистӣ» –яъне ту Шамси моӣ ба ҳар ду маънӣ, ки гуфтем ва вазифаи туст, тааҳҳуди туст, ки моро ҳам аз анвор шодоб кунӣ.

*Гар халале дили туроcт, он халали замири мост,*
*Ҳамшараёни кистӣ, ҳамзарабони кистӣ.*

**Луғат:**

Ҳамшараён – ҳамхун.

Хамзарабон – ҳамдил.

**Маънӣ:** Азбаски дили ту танҳо дили ту нест, он танҳо барои ту наметапад, балки барои аҳли олам метапад ва ин қадр бори зиёд ва вазифаҳои зиёд дорад, агар дар тапиши дили ту халалу газанд меафтад, дили мо ҳам газанд меёбад. Тапишҳои дили ту ҳамоҳанги кист ва шараёни ту бо кадом шараён пайванд аст, ту бо кӣ ҳамтариқатӣ, яъне бо кӣ ҳаммаслак ва ҳамдилӣ?

*Эй ту ҷаҳонтар аз ҷаҳон, ҷониву ҷонтарӣ зи ҷон,*
*Ҳурмати ишқ кун, бигӯ, ҷону ҷаҳони кистӣ.*

**Маънӣ:** Яъне ба ҳурмати муҳаббат мо туро аз ҷаҳон ҳам бузургтар мебинем, ба ҳурмати муҳаббат мо туро аз ҷон ҳам азизтар ва қиматтар медонем. Ту ҳам ба ҳурмати ишқ бигӯ, ки ба чи хотир офарида шудӣ ва ҷону ҷаҳони кистӣ. Аслан ҷону ҷаҳони аҳли олам ҳастӣ, ки омадаӣ, то инсонҳоро такмил диҳиву бузург кунӣ.

## 49

Эй парии нигорхонаи мо,
Нозанинҳури нозданаи мо.
Орзу мекунам, ки ғайр аз меҳр,
Набувад ҳеҷ дар миёнаи мо.
Ваҳтро бедареғ месӯзем,
Аз сабаб пурсу аз баҳонаи мо.
Ростиро, бигӯ, ки аслан чист,
Кори рӯзонаву шабонаи мо.
Тири мо бар нишона меояд,
Гар диле ҷунбад аз таронаи мо.
Шодбахтам, ки бехалал омад
Бар нишонии ту нишонаи мо.
Чиллаи дай расиду ҳоло ҳам
Пайки нав медиҳад ҷавонаи мо.
Нест таслими ҷадвали тақвим
Орзуҳои бекаронаи мо.
Кист ояндаву наоянда
То қиёмат ба ошёнаи мо.
Чун киӣ, эй чу худ наҷибтарин,
Дар ҳақиқат туӣ фасонаи мо.
Кимиёи саодатовар бош,
Эй парии нигорхонаи мо.

**Афоил:** фоилотун мафоилун фаилун
**Вазн:** хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф
**Радиф:** надорад

*Эй парии нигорхонаи мо,*
*Нозанинҳури нозданаи мо.*

**Луғат:**

Нигорхона – намоишгоҳ, хонае, ки дар он тасвирҳои зебо ба намоиш гузошта мешавад.

Ноздона – ба ноз парвардашуда.

**Маънӣ:** Ин шеър ба муносибати зодрӯз гуфта шудааст, вале мухотабаш мушаххас нест. Мухотаб бонуест, ки бо ҳусни худаш нигорхона, яъне намоишгоҳи тасвирҳои зеборо меорояд.

*Орзу мекунам, ки ғайр аз меҳр,*
*Набувад ҳеҷ дар миёнаи мо.*

**Маънӣ:** Сухан аз паймони дӯстиву ошноист, сухан аз идомаи рафоқат дар миёни инсонҳост, ки бояд пояндаву аладдавом бошад.

*Вақтро бедарег месӯзем,*
*Аз сабаб пурсу аз баҳонаи мо.*

**Маънӣ:** Аслан бидуни сабабу узру баҳона ҳам мо вақтро маҳв мекунем ва аз фурсатҳо наметавонем чандон, ки бояд истифода кунем.

*Ростиро, бигӯ, ки аслан чист,*
*Кори рӯзонаву шабонаи мо.*

**Маънӣ:** Ту, ки оқилтарӣ, ба мо посух бидеҳ, ки аслан ин омаданҳои мо чӣ ҳадаф дорад ва ин рӯзҳову шабҳоро чи гуна бояд сипарӣ созем ва чи сон дар он муҳри бақо ва нишони хайр гузорем. Аслан, бигӯ, ки барои чи кор омадаем ва чи кореро бо омадани худ бояд дар дунё анҷом бахшем.

*Тири мо бар нишона меояд,*
*Гар диле ҷунбад аз таронаи мо.*

**Маънӣ:** Чун манзури шоир бо сухан таъсир расонидан ба инсонҳост, агар диле дар қафаси синае аз ин сухан

ҷунбид, чунин дарёб, ки тири мо ба ҳадаф расидааст, яъне шоир ба мақсади худ ноил шудааст.

*Шодбахтам, ки бехалал омад*
*Бар нишонии ту нишонаи мо.*

**Луғат:**

Шодбахт – хушбахт.

**Маънӣ:** Ва ҳамон нишонае, ки тири мо бояд мерасид, ту ҳастӣ ва ман шодбахтам, ки тирро бехалал ба нишона расонидам.

*Чиллаи дай расиду ҳоло ҳам*
*Пайки нав медиҳад ҷавонаи мо.*

**Луғат:**

Ҷавона – шоха, шукуфа, шохаи шукуфабанд

**Маънӣ:** Бо он ки зимистони замҳарир омад ва салтанат кард, аммо ҳоло ҳам шукуфаҳои дили мо аз шукуфтан бознамондаанд ва ҳанӯз ҳам азми боз шудан доранд.

*Нест таслими ҷадвали тақвим*
*Орзуҳои бекаронаи мо.*

**Маънӣ:** Бо он ки вақту фазо бо орзуҳо ва нақшаҳои зиндагисози рӯҳи мо мувофиқат намекунад, аммо бидуни ин ҳама номувофиқатӣ ва носозгорӣ мо боз ҳам дар баробари барномаҳои азим қарор дорем. Орзуҳои мо болотар ва фаротар аз ҷадвали фазову вақт ҳастанд ва умедвор ҳастем, ки дар ин пайкор, дар пайкор бо фурсат ва вақт мағлуб намешаванд.

*Кист ояндаву наоянда*
*То қиёмат ба ошёнаи мо.*

**Маънӣ:** Яъне то рӯзи растухез ва то фурсати падруд ва таваллуди дигари мо кӣ ҳаст, ки дари дили моро мекӯбад ва ба дили мо ворид мешавад? Ва кӣ ҳаст, ки берун аз

дарвозаи маҷоз бидуни он ки вуруднома ёфта бошад, дар дили мо ҳамеша мемонад.

*Чун киӣ, эй чу худ наҷибтарин,*
*Дар ҳақиқат туӣ фасонаи мо.*

**Маънӣ:** Эй инсони бисёр наҷиб, ки аслан инсоне ҳастӣ омада аз фасонаҳо, ту кӣ ҳастӣ, чун ба касе шабеҳ нестӣ.

*Кимиёи саодатовар бош,*
*Эй парии нигорхонаи мо.*

**Маънӣ:** Кимиёи саодатовар - кимиёи саодат ин ҳамон иксире ҳаст, ки барои инсонҳо неъмати бахту саодат фароҳам мекунад. Ҳофиз мегӯяд, ки:

*Биёмӯзамат кимиёи саодат,*
*Зи ҳамсӯҳбати бад ҷудоӣ, ҷудоӣ.*

**Маънӣ:** Баъзе инсонҳо ончунон поку наҷиб ҳастанд, ки дидорашон, ҳузурашон, ёдашон, суханашон пайку башоратҳояшон барои одамҳои дигар мисли кимиёи саодат аст ва ту ҳам мисли кимиёи саодаовар ҳастӣ. Яъне ту пайваста барои дили инсонҳо эҷодгари муҳаббат ва саодат бош.

## 50

Ассалом, эй азизи якдона,
Ёри бо офтоб ҳамшона.
Рӯзу шабро дуруд мегӯем
Ман зи таҳхона, ту зи шаҳхона.
Рафтани субҳро нафаҳмидем,
Мо, ки будем банди субҳона.
Баъд аз ин бод ҳам намеояд
Ба нишонии сурхкошона.
Бори тан камтарак зи як грамм аст,
Бори ҷонҳо фузун зи сад тонна.
Роҳи яклаҳза асту садасра
Байни ғамхонаву тарабхона.
Ишқ дар қарни бисту бисту як
Ҳам ҳақиқат бишуд, ҳам афсона.
Рехт борони масту чанг андохт
Боз паймонаро ба паймона.
Ман туро ёд мекунам ҳама умр,
Ту маро ёд мекунӣ ё на.
Хайр, падруд то дуруди дигар,
Бо дуову сипос: Фарзона.

**Афоил:** фоилотун мафоилун фаълун
**Вазн:** хафифи мусаддаси аслам
**Радиф:** надорад

*Ассалом, эй азизи якдона,*
*Ёри бо офтоб ҳамшона.*

**Луғат:**
Ҳамшона – душ ба дӯш
**Маънӣ:** Салом ба он инсони бузургу комил, инсоне,

ки ба мақоми офтобӣ расидааст.

*Рӯзу шабро дуруд мегӯем*
*Ман зи таҳхона, ту зи шаҳхона.*

**Луғат:**

Шаҳхона – хонаи подшаҳ, қасри бошукуҳу баланд.

**Маънӣ:** Мо дар мақомҳои гуногун қарор дорем, Яке аз мо андешаҳоро аз таҳхонаи афкору назару бинишу фаҳмиши худаш салому падруд мегӯяд ва яке дигар аз шаҳхона , аз боло, аз мақоми офтобии худаш дуруд мегӯяд. Яъне ин ҷо сухан дар бораи ду маърифат, яке маърифате, ки инсонҳо аз маҳдудаи худашон ба дунё ва рӯзу шаб нигоҳ мекунанд ва дигаре – аз ҷаҳони бекарони худашон ба фурсат ва тақвим менигаранд.

*Рафтани субҳро нафаҳмидем,*
*Мо, ки будем банди субҳона.*

**Луғат:**

Субҳона – хӯроки субҳ, ношто.

**Маънӣ:** Мо одамҳои заминӣ, ки ба хаёли хӯрдани обу дона будем, аслан ки муносибатамон ба субҳ аз тариқи субҳона сурат гирифт, яъне дар субҳ муҳимтарин коре, ки кардем, хӯрдани субҳона буд.

*Баъд аз ин бод ҳам намеояд*
*Ба нишонии сурхкошона.*

**Луғат:**

Сурхкошона – маҷ. дил.

**Маънӣ:** Сурхкошона дили мост, ки ҳамеша интизори омадан ва тақ-тақ задани инсони комил аст, инсонест, ки китоби маърифатро ба мо ҳадя мекунад ва аммо он даст, мутаассифона, дарро намекӯбад ва ҳатто бод ҳам ба ин дар намеояд.

*Бори тан камтарак зи як грамм аст,*
*Бори ҷонҳо фузун зи сад тонна.*

Инсонҳо аз назари вазн чандон бузург нестанд дар қиёс бо коинот ва дар баробари арзу тӯли олам. Хоса инсонҳои офаринанда, ки бисёр зарифу наҳиф ҳастанд аз назари ҷусса. «Бори ҷон бештар зи сад тонна», яъне хеле бузург аст. Шояд агар вазни шеър иҷозат медод, шоир ба ҷои калимаи «сад» вожаҳои миллион ё миллиардро истифода мебурд, зеро ҳадаф ва манзури муаллиф ишора ба бузургии бениҳоят аст.

*Роҳи яклаҳза асту садасра*
*Байни ғамхонаву тарабхона.*

**Маънӣ:** Мусаллам аст, ки тамоми нишотҳои олам дар як лаҳза ба ғам табдил меёбанд ва баръакс ғамҳои бузург дар як они воҳид ба саодати бузург иваз мешаванд. Ва аммо ҳамон як лаҳзаеро, ки ғами мо ба нишот иваз мешавад, сад аср бояд интизор шуд.

*Ишқ дар қарни бисту бисту як*
*Ҳам ҳақиқат бишуд, ҳам афсона.*

**Маънӣ:** Мо ба як замоне расидаем, ки ба ишқ ҳамчун ба категорияи фалсафӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ, физикӣ, кимиёӣ ҳама шубҳа кунанд, ки ҳамин мафҳум воқеият дорад ё надорад. Бархе гӯянд, ки дорад, бархи дигар мавҷудияти ишқро инкор кунанд. Идеалистон мегӯянд, ки дорад ва материалистон мегӯянд, ки надорад. Шояд дар асри Одаму Ҳавво ҳам ҳақиқат ё афсона будани ишқ номаълум бошад, чунки ҳамин Одаму Ҳавво ҳам аслан ки имкони интихоб надоштанд ва муносибати миёни онҳоро оё мешавад, ки ишқ гӯем?

*Рехт борони масту чанг андохт*
*Боз паймонаро ба паймона.*

**Луғат:**

Паймона – ҷоми шароб.

**Маънӣ:** Вақте борон, ки маст аз бодаҳои аршӣ аст,

заминро саршор аз ин бодаҳо мекунад, гӯё ки ҳар қатра мисли шишаи қадаҳ ба ҳам чанг мезананду нӯшбод мегӯянд.

*Ман туро ёд мекунам ҳама умр,*
*Ту маро ёд мекунӣ ё на.*

**Маънӣ:** Вақте ки ҳамин қатраҳо мисли қадаҳҳо ба ҳам чанг андохта мешаванд, борони маст мерезад, мову шумо дар панҷаи хотираҳо гирифтор мешавем ва азизони деринро ёд мекунем ва оё он азизони куҳан ҳам ҳанӯз ба ёди мо ҳастанд ё на.

*Хайр, падруд то дуруди дигар,*
*Бо дуову сипос: Фарзона.*

**Маънӣ:** Ин падруд падруди ҷовидон нест, он аз пайи худ дурудҳо дорад. Азбаски мухотаби ғазал мушаххас нест, бояд дарк кунем, ки мухотаб тамоми инсонҳо ҳастанд ва ин номаи муҳаббат аз номи Фарзона ба унвони тамоми инсонҳои наҷиби дунёст.

51

# ШЕЪРҲОИ НАВ

Роҳи бозор куҷост?
Ман басе мехоҳам аз чашме меҳрубонӣ бихарам,
Ман басе мехоҳам пираҳане дошта бошад рӯҳам
аз ҳарири шодӣ
Тоҷире хаст, ки аз шаҳри таманнохоям меорад
ранги мунири шодӣ
Лек кайҳост дар ин бозор, бозори Хуҷанд
Чеҳраҳо туршу суханҳо тунданд,
қанди Табрез дилам мехоҳад.
Роҳи бозор куҷост?
Найнавозест дар он чо, ки ба ман мегӯяд,
Гӯши нашнида ба чуз ҳарфи ҳақорат пеш ор,
Бишунав, нур бихонад ба сиёҳӣ ёсин.
Чашми нодида ба ҷуз ранги қабоҳат бикушо,
Ба ҷамоли ҳак бин.
Роҳи бозор куҷост,
Найнавозест дар он чо, ки диламро ба садо мехонад.
Ба кулоҳаш, ки пур аз коғази яксумиҳост,
Гавҳари ашк бимонам, биравам.

Ин шеърро дар иртибот бо такрори руҷӯи ғиноӣ, ки аз мисраи нахустин оғоз мешавад ва тамомияти маъноӣ имкон дорад ба се банд ҷудо кунем.

**Маънӣ:** Дар банди аввал шахси ғиноӣ зоҳиран роҳи бозорро меҷӯяд, зимнан мехоҳад чизе харидорӣ кунад, вале аз мисраи дуюми шеър маълум мешавад, ки ниёзи ӯ чизе ғайримуқаррарист, ки дар бозори маъмулӣ фурӯхта намешавад. Ӯ мехоҳад аз чашме меҳрубонӣ бихарад. Чаро

аз чашм? Шоир шарҳи ин суолро зарур намешуморад, зеро хонандаи закӣ медонад, ки чашм оинаи дил аст ва он чи дар сиришти инсон аст, дар чашми ӯ аён мешавад, бинобар ин меҳрубониву шафқат низ аз чашми ӯ ҳувайдо хоҳад буд. Аммо харидори мо ба ҷуз меҳрубонӣ ниёз ба пераҳани ҳарири шодӣ ҳам дорад, вале на барои тан, балки барои рӯҳ. Дар зеҳни ӯ тоҷире ҳаст, ки ин чизҳои ғайриоддиро барои фурӯш меорад, вале он тоҷир – ҳодии шодӣ ҳам шахси воқеӣ нест, шахси тахайюлист. Пас маълум мешавад, ки бозоре, ки шоир меҷӯяд, низ бозори ғайриоддист ва ҳамаи амволи фурӯшии он ва тоҷире, ки ин амволро аз шаҳри орзуҳои шоир меорад, ҳама маҷозианд. Аммо тахайюли шоир ва воқеияте, ки ӯ мебинад, комилан мутафовитанд, зеро аз он бозори ормонӣ дар зодгоҳи шоир – шаҳри Хуҷанд нишоне нест, ин ҷо «чеҳраҳо туршу суханҳо тунданд». Қаҳрамони ғиноӣ ин тундиҳову туршиҳоро мехоҳад ба ширинӣ иваз кунад ва «қанди Табрез» дар назараш самбули он ширинист. Азбаски шеър дар айёми талхи гирудорҳои Ватан, соли 1995 суруда шудааст, манзараи маҳзуни ҳаёти ҷомеаро бозори Хуҷанд мисли ин ки бознамоӣ мекунад.

Дар банди дуюм, ки боз ҳам бо суоли «Роҳи бозор куҷост?» шурӯъ мешавад, ҷустуҷӯи бозор идома дорад ва ин бор муроди гӯянда найнавозест, ки аз пур будани фазо бо ҳарфи ҳақорат афсӯс мехурад ва дар орзуи расонидани навои дил ба гӯши касест, ки ҳанӯз ҳарфи ҳақоратро нашунидааст, зеро танҳо чунин касе бо гӯши наолудаву мутаҳҳар қодир аст садои «Ёсин» хондани нурро барои марги сиёҳӣ бишнавад.

*Роҳи бозор куҷост?*
*Найнавозест дар он чо, ки ба ман мегӯяд,*
*Гӯши нашнида ба чуз ҳарфи ҳақорат пеш ор,*
*Бишунав, нур бихонад ба сиёҳӣ ёсин.*
*Чашми нодида ба ҷуз ранги қабоҳат бикушо,*
*Ба ҷамоли ҳақ бин.*

**Маънӣ:** «Ёсин» сураи сиву шашӯми Қуръон аст, ки онро қалби «Қуръон» низ гӯянд ва маъмулан дар ҳолати назъи ҷон, пеш аз марги касе хонда мешавад. Манзури шоир аз хондани ин сура рафъи сиёҳиву зулмот ва нерӯҳои шайтонӣ ва ба ҷои зиштиву қабоҳат пирӯз омадани нуру рӯшноӣ ва таҷаммулу зебоӣ аст.

Шоир ба он чашми покизае, ки ба дидани қабоҳат хӯ нагирифтааст, даъват мекунад, ки барои дидани зебоӣ боз бошад.

Аз банди охир, ки дар он бори сеюм суоли «Роҳи бозор куҷост?» гузошта мешавад, огоҳ мешавем, ки шахси ғиноӣ ҳанӯз ҳам дар ҷустуҷӯи бозори маҷозист, он бозоре, ки найнавоз бо садои пурафсуни най дили шоирро ба худ мекашад. Чунин ба назар мерасад, ки найнавози тахайюлии шоир, ки кулоҳаш барои садақаи мардум гузошта шудааст, аслан ниёзи маънавиаш беш аз ниёзҳои моддист. Бинобар ин вақте шоир дар кулоҳи найнавоз ба ҷои пул гавҳари ашк мегузорад, як эҳсоси шигифтангез вуҷуди хонандаро фаро мегирад. Дар тасаввури ӯ сурати шахси ғиноӣ, ки ба рӯи кулоҳи ворунаи найнавоз хам шуда, як дона алмоси пурҷилои ашкро мегузорад ва бархоста ба роҳи худ идома медиҳад, пайдо мешавад.

*Роҳи бозор куҷост,*
*Найнавозест дар он чо, ки диламро ба садо мехонад.*
*Ба кулоҳаш, ки пур аз когази яксумиҳост,*
*Гавҳари ашк бимонам, биравам.*

**Маънӣ:** Таркиби шоиронаи «гавҳари ашк» қобили таваҷҷӯҳ аст. Гавҳар санги қиматбаҳоест, ки аз қаъри дарё мегиранд, аммо гавҳари шоир муқаррарӣ нест, он гавҳари ашк аст, ки аз қаъри дили шоир берун омадааст ва нишони ҳамоҳангии дили ӯ бо эҳсосҳои найнавоз аст. Дар маҷмӯъ дар шеър вазъи иҷтимоии замон дар рӯзгори гуфта шудани он ва эҳсосоти як нафаре, ки тавассути ҳунар ин вазъро

бозгӯ мекунад ва ҳадя шудани гавҳари ашк чун нишони ҳамдилии шоир бо найнавоз ва таманнои пирӯзии нур бар зулмот, зебоӣ бар қабоҳат дар ифодаи орзуҳои наҷиби гӯянда барои фардои кишвар созгор омадаанд.

Такрори пай дар пайи суоли «Роҳи бозор куҷост?» ба хотири таъкиди он нукта аст, ки шахси ғиноӣ як нафарест, ки роҳи расидан ба рӯшаниву меҳрубониро меҷӯяд. Мурод аз ҷустуҷуи найнавозе, ки бо садои нойи худ гӯшҳоро барои шунидани ҳарфи навозиш ва чашмҳоро барои дидани таҷаллии зебоӣ даъват мекунад, ба хотири ифодаи ҳамдилист ва он гавҳари ашк ҳамон нишони ҳамдилии инсонҳои хайрандеш аст.

Чаро бозор ва найнавоз мухотаби шоир қарор гирифтаанд? Бозор ҷоест, ки мардуми зиёд барои рафъи ҳоҷоти худ меоянд ва он як навъ оинаи зиндагии иҷтимоии мардум аст. Симои гадоён низ чузве аз манзараи бозор аст. Эшон маъмулан кулоҳи худро пеши пояшон гузошта, бо ягон асбоби мусиқӣ: сурнай, ғижжак, гармон, гитор, дутор, саксофун таваҷҷӯҳи мардумро ба сӯи худ мекашанд ва муродашон ҷамъ овардани садақа аст. Интихоби най дар ин шеър ба он хотир аст, ки ин асбоб дар фарҳанги мусалмонӣ воситаест барои ифшои нуҳуфтатарин асрор ва ҳатто василаест барои вуруди ҷон бар тани инсон. Дар ниҳоят, бо вуҷуди воқеияти ҳузнангезе, ки дар шеър тасвир ёфтааст, рӯшании умедбахше аз умқи он метаровад.

52

## РОЗИ ЛОҲУТ

Гул барои шабнам
Нимашаб гоҳвора асту
субҳ тобут аст.
Пой бар хок намемонаду
бармегардад,
Шабнам аз олами поки
малакут аст.
Андар ин куфркада шабнамаки нинимарг
Чи қадар фурсати будан дорад,
Баски шаб тифлу субҳ фартут аст.
Инчунин омадану рафтани омӯзанда
Рози лоҳут аст.

**Луғат:**

Лоҳут дар фарҳанг маънии «худоӣ», «илоҳӣ»-ро дорад.

Шоир дар ин шеър тавассути тасвири зиндагии шабнам рози илоҳиро барои хонандагон боз карданист.

*Гул барои шабнам*
*Нимашаб гоҳвора асту субҳ тобут аст.*

**Маънӣ:** Шабнам қатраҳои обест, ки вақти дамидани субҳ дар рӯи сабзаву гулҳо мебинем. Аммо ин қатраҳо нимашаб рӯи сабзаву гул мефароянд ва гул гӯё гаҳвораи ноз аст, ки шабнами кӯчакро дар бағали худ ҷо медиҳад ва то субҳ, то замони дамидани офтоб бонӣ мекунад, зеро нури офтоб онро аз рӯи гул меҷабад ва гул ин дам охирин маъвои шабнам – тобути он ҳам ҳаст.

*Пой бар хок намемонаду бармегардад,*
*Шабнам аз олами поки малакут аст.*

**Маънӣ:** Албатта, аз назари ҳодисоти табиӣ шабнам на танҳо ба рӯи гул, балки ба тамоми замин мерезад, вале чун хок онро меҷабад, зуд аз чашми инсон нопадид мешавад. Бинобар ин шабнам аз назари шоир аз олами поки малакут аст, мисли фариштаест, ки ба олами касифи хокиён пой намегузорад ва аз рӯи гулбаргҳои нозанин ба само, ба он олами малакутии худ бармегардад.

Андар ин куфркада шабнамаки нинимарг

*Чи қадар фурсати будан дорад,*
*Баски шаб тифлу субҳ фартут аст.*

**Маънӣ:** Шоир олами дуниявиро «куфркада» меномад, зеро дар рӯи замин чи қадар гунаҳҳо содир мешаванд ва чи қадар заминиён гуноҳолудаву гунаҳкоранд. Аммо фурсати зиндагии шабнам дар замин басо кутоҳ – аз нисфи шаб то субҳ аст, зеро дар ҳамин чанд соат шабнам аз тифлӣ то пирӣ мерасад ва фано мешавад.

*Инчунин омадану рафтани омӯзанда*
*Рози лоҳут аст.*

**Маънӣ:** Омадану рафтани кӯтоҳи шабнам, ба назари шоир хеле омӯзанда, мисли рози лоҳут аст. «Рози лоҳут» – рози илоҳист, ки дар он асрори омадану рафтан ниҳон аст. Омадану рафтани шабнам, ки ба гуноҳ наолуда, мисли тифлаки бегуноҳ ва он ҳам бо роҳи нур ба олами боло уруҷ мекунад – намунаи олии пок зистан ва дурӣ ҷустан аз ифлосиву гуноҳ аст.

Ин шеър дар шакли нимоӣ гуфта шуда, аз чаҳор банди кӯтоҳ таркиб ёфтааст ва тавассути калимоти меҳварӣ ва ҳамқофияи «тобут», «малакут», «фартут» ва «лоҳут», ки дар бозгӯии матлаби шоир хидмат мекунанд, рӯи кор омадааст. Вожаҳои «шабнам», «нимашаб», «шаб» таносуби

овоиро таъмин намудаанд ва калимоти «куфркада»-ву «лоҳут» ва таркиби «шабнамаки нинимарг» аз лиҳози нудрати истифода дар забон қобили таваҷҷӯҳанд. Дунёро «куфркада» хондани шоир, ба шабнам афзудани пасванди ишорат ба хурдӣ ва навозишии «-ак» ва вожаи худсохтаи «нинимарг» (дар қолаби «ҷавонмарг» ба маънои дар тифлӣ бо марг рӯ ба рӯ шудан) дар ин шеър аз нишонаҳои тозагии забони он аст. Шоир ғояи пок зистанро дар меҳвари он ҷой дода, дар унвони шеър низ ҳамин асрори омадану рафтан ва пок зистанро чун муаммо мегузорад. Вожаи «шабнам» аз калимоти калидии ашъори Фарзона аст ва дар шинохти ҷаҳони ботинии ӯ ва ақоиди фалсафиаш мусоидат мекунад. Ба мисли шабнам поку беолоиш будан аз боварҳои ҳамешагии шоир аст, ки дар чандин шеъри дигар низ таъкид шудааст:

*Кош, шабнам будаме, эй кош, шабнам будаме,*
*Дар ғуруби умр бо хуршед тавъам будаме…*
*Лаб намеолудам аз ҳарфи сияҳ андар сукут*
*Вопасин пайки мубарроӣ ба олам будаме.*
*Хам намебудам ба пеши пастҳои тундхӯй,*
*Дар хами мижгони гулбарге шакарнам будаме.*

Унвони як китоби шоир низ «Меъроҷи шабнам» аст, ки ишорат ба осмонӣ будани асли Инсон аст.

53

## БЕХАБАРӢ

Девонаи маҳаллаи мо хушбахт аст,
Зеро ки зи бадбахтии худ
ҳаргиз хабар надорад.
Бо чашми содаи ҳамешахандон
Ӯ нусхаи ягонаи соҳибқаноатист.
Ингуна хуррамеро
Дунё дигар надорад.
Ману ту дар асорати сиёҳи ношукрӣ
анкабутона андарем.
Ману ту бадбахтем,
Зеро ки зи хушбахтии худ бехабарем.

Бунёди ин шеър бар тазод аст: девонаву соҳибақл, бохабару бехабар, хушбахту бадбахт дар муқоиса ҳақиқати азалиро дар бораи «бахт» собит мекунанд.

*Девонаи маҳаллаи мо хушбахт аст,*
*Зеро ки зи бадбахтии худ  ҳаргиз хабар надорад.*

**Маънӣ:** Девона – нафаре, ки аз назари ом маҳрум аз ақл ва хеле бадбахт аст. Аммо қаҳрамони шеър аз ин бадбахтии худ хабар надорад. Дар чеҳраи ӯ танҳо нишони хуррамиву хушбахтӣ ҳувайдост, зеро ӯ ғами пулу мол, гармиву сардӣ, гуруснагиву бекасиро надорад, бинобар ин «нусхаи ягонаи соҳибқаноатист». Бузургон қаноатро беҳтарин фазилати инсон шумурдаанд, аммо дар замони мо фақат девонае, ки аз нодориву дороии худ бехабар аст, эҳсоси қаноатмандӣ дорад. Шоир ӯро «нусхаи ягонаи соҳибқаноатӣ» мегӯяд, зеро воқеан инсони қаноатпеша дар

рӯзгори мо нодир аст ва ин аст, ки муаллиф дубора таъкид мекунад, ки «ингуна хуррамеро дунё дигар надорад».

Дар банди дигар муаллиф ҳамаи одамонро ба он девонаи хушбахт муқобил мегузорад:

Ману ту дар асорати сиёҳи ношукрӣ анкабутона андарем.

Ӯ хамаро бо таркиби «ману ту» ифода карда, худро низ ҷузъе аз ҳамагон ва ношукрон қарор медиҳад ва дар тасвири ӯ ҳамагон «дар асорати сиёҳи ношукрӣ анкабутона андаранд». Дар тасаввури шоир асорат сиёҳ аст ва ношукрӣ – асорати сиёҳ ва инсонҳои ношукр мисли анкабутоне ҳастанд, ки дар ин асорати сиёҳ вомондаанд ва дар иҳотаи торхонаи худ беист аз пайи ниёзҳои моддӣ мечарханд.

*Ману ту бадбахтем,*
*Зеро ки зи хушбахтии худ бехабарем.*

Шоир ба натиҷае мерасад, ки мо ҳама дар қиёс бо он девона бадбахтем, зеро гирифтори обу донаем ва аз хушбахтии худ бехабарем.

Пас, «хушбахтӣ» аз нигоҳи шоир чист? Дар ин бора ӯ ошкоро сухан намегӯяд, лекин хонанда дарк мекунад, ки хушбахтӣ дар шукргузорист, шукргузорӣ барои нафас кашидан, зинда будан, сиҳат будан, ҷавон будан, ошиқ будан ва умуман «будан».

Пас суоли беҷавобе, ки мухотабаш ҳамаи мо ҳастем, аз ин шеър бармеояд, ки оё месазад он «девонаи бехабар» ҳамин хушбахтиро эҳсос кунад, вале мо бо ин ҳама соҳибақлӣ ношукру носипос аз пайи сарвату давлат ва обу дона бехабар аз хушбахтии худ бошем?!

54

## НОМАИ ФАРДО

Инак ба гесувони заифам,
ки аз шаҳомати пешин асар надоранд,
Гулбанд мезанам ва меравам
бо чунин сурати музҳик
ба асри нав.
Сӯи фардое, ки хотираи компутерияш
Намедонам, чакомаҳои киро ҳифз мекунад.
Сӯи фардое, ки умедворам
боз дар чашми касе партави самимият,
боз дар хилқати касе асолати мардӣ.
боз дар оинае ҷавҳари аҳуроӣ,
боз дар ҷавҳаре ҳақиқати зебоӣ
тулӯъи нозанин хоҳад кард.
Соат 12. Ҳазорсолаи нав меояд.
Парвози мушакони тилоӣ дар осмони лоҷуворд
чӣ зебост.
Осмони милиюнсола чу тифле навзод
бар омадани ҳазор соли тоза бепарвост.
Духтароне навсабз
навҷавонии хуррами худро мебаранд
имшаб ба маркази шаҳр.
ба чароғистон,
ба таҷаллизори зебоӣ.
Ҳой дилҳои ранҷур!
садои омадани Фардоро мешунавед?
Берун оед аз ғубори бетаманноӣ.
Зани фартути фарангие
бо як ароба саргин

аз асри бист меравад бар асри бисту як.
Кӯдаке кӯча ба кӯча дар ҳамин сардии даймоҳ
яхмос мефурӯшад.
Гадое бо дастҳои холии талбанда
ба асри тоза ворид мешавад.
Гадое, ки дар асри нав шояд шоҳ хоҳад шуд
ё боз гадо хоҳад монд.
Як марди фақир ба хонааш мешитобад
ва нахустин бор шояд ба кӯдаконаш гулқанд мебарад.
Эй бародарҷон! Фикрҳоят баъд аз ин дар иҳотаи
гул бод!
Кош, ширин кунад ин гулқанди кӯчаку маъсум
Зиндагии турову аҳли башарро.
Падруд, ту дар асри куҳан мондӣ,
Эй ҷавонии нозанини ман.
Субҳҳои атргардон,
шомҳои шукуфабанду гуловез,
Ёдҳои пур аз шамими ёсамини ман.
Дар вуҷуди чакомаҳо мондӣ, эй ишқ,
эй ларзиши ширини ман.
Падруд, эй сабоҳату раънойӣ.
Эй отифае, ки нишаста будӣ
дар қуллаи малоҳату мубарройӣ.
Духтаронам, тифлакони ҳуҷастаи ман!
Дар сурати шумо баҳор шаъшааи сабз мезанад.
Биёед, аз чашмакони содаатон бӯсам.
Ба эҳтироми кӯдакии шумо,
ба эҳтироми бузургии модар,
Ба зҳтироми ҳар касе, ки дӯсташ дорам,
зиндагиро дуруд мегӯям.
Дубора мегирям. Дубора механдам.
Дилаки хурди фурӯзонамро
дар арчаи маҷоз мебандам.
яъне, ки ба маҷрои нав, ба уқёнуси Фардо

Ҳастии шабнамии худро мепайвандам.
Падруд, эй муҳаббат.
Не, намехоҳам, падруди ту гӯям,
Салом, эй муҳаббат!
Салом, чашми азизе, ки ба чашмони ман
зеботарин нигоҳатро ҳадя намудӣ.
Салом, дасти азизе, ки дасти ман бигирифтӣ,
то ман вуҷуди хастаи худро ба асри тоза расонам.
Салом, эй меҳрубони нишаста дар остонаи фардо.
Салом, эй саломи муборакат – таронаи фардо!
Инак, ба гесувонам гулбанд мезанам ва меравам
ба вусъати ҳазорсолаи тоза.
Номаи таҳнияти субҳи сафо дар дасташ
Инак, интизори ман аст
Қосиде дар дами дарвоза.

Ин шеър дар арафаи расидани ҳазорсолаи сеюм гуфта шудааст, яъне 31 декабри соли 2000, ки мо асри наву ҳазорсолаи навро шодбод гуфтем.

**Маънӣ:** Дар банди нахустин сурати гӯяндаро мебинем, ки бо як содагӣ ва тамасхуре нисбат ба худ офаридааст. Сурати ба қавли шоир «музҳике», ки ба самимияташ бовар мекунем. «Гесувони заифе, ки аз шаҳомати пешин асар надоранд» – ишора ба рафтани ҷавонист, вале гулбанд задан ба гесувон ва ба пешвози асри нав баромадан – нишони он аст, ки гӯянда ҳанӯз ҷавон будан мехоҳад. Таркиби «меравам бо чунин сурати музҳик ба асри нав» як навъ тамасхуромез аст, аммо ин истеҳзо на ба дигарон, балки ба худи шоир нисбат дорад, бинобар ин аз ҷониби хонанда чун нишони самимияти ӯ қабул мешавад. Инак, шоири мо ба сӯи фардо қадам мегузорад ва «фардо» дар назари ӯ пеш аз ҳама замони пешрафти технологии навин аст, ки тамоми офаридаҳои зеҳнии инсон дар хотираи компутерҳо ҳифз хоҳад шуд. Агар то имрӯз чакомаҳои

беҳтаринро ҳофизаи инсоният баргузидаву ҳифз карда бошад, пас фардоиён барои худ чӣ чакомаҳоеро хоҳанд пазируфт? Шоир умедвор аст, ки фардоиён низ ба самимияту ҷавонмардӣ ва отифаву зебоӣ арҷ хоҳанд гузошт. Ӯ партави самимиятро дар чашмҳо, асолати мардиро дар хилқати инсонҳо, ҷавҳари аҳуроиро дар оина ва ҳақиқати зебоиро дар ҷавҳари мардум аладдавом дидан мехоҳад.

*Соат 12. Ҳазорсолаи нав меояд.*
*Парвози мушакони тилоӣ дар осмони лоҷувард*
*чӣ зебост.*
*Осмони милиюнсола чу тифле навзод*
*бар омадани ҳазор соли тоза бепарвост.*

**Маънӣ:** Соати 12 аниқтараш – 24 – вақти фаро расидани ҳазорсолаи нав аст. Маъмулан дар ин вақти шаб Соли нави исавӣ шурӯъ мешавад ва муждаи омадани Соли навро ҳазорҳо мушакҳои рангоранг дар осмон мерасонанд ва хурду калон мафтуни ин зебоӣ мешаванд. Аммо осмон ба омадани ҳазорсолаи нав бепарвост, зеро милён сол аст, ки гузаштани замон ва наслҳоро мебинад ва омадани ҳазорсолаи нав низ барояш навӣ надорад. Осмони милёнсола, ки аз дидан хаста шудааст ва тифли якрӯза, ки ҳама чиз барояш нав аст ва ҳанӯз иқтидори дарки замонро надорад, ҳазорсолаи навро бепарво истиқбол мекунанд.

Ва нигоҳи шоир аз осмон ба замин кӯч мебандад ва мутаваҷҷеҳ мешавад ба атрофиён, ба мардум. Ӯ пеш аз ҳама духтарони хушҳолу ҷавонеро мебинад, ки ба маркази шаҳр, ба идгоҳ – чароғистони зебо бо як ҷаҳон орзуҳои ниҳонӣ мешитобанд. Аммо оё ин лаҳза ҳама шоданд? Ҳайҳот, хеле касоне ҳастанд, ки орзуҳои дилашон ях бастааст ва шоир ба онҳо хитоб мекунад, ки «аз ғубори бетаманноӣ» берун оянд ва «садои омадани Фардоро» бишнаванд. Дар мисраҳои баъдӣ мо сурати онҳоеро мебинем, ки дар пушти зиндагӣ қарор доранд:

*Зани фартути фарангие*
*бо як ароба саргин*
*аз асри бист меравад бар асри бисту як.*
*Кӯдаке кӯча ба кӯча дар ҳамин сардии даймоҳ*
*яхмос мефурӯшад.*
*Гадое бо дастҳои холии талбанда*
*ба асри тоза ворид мешавад.*
*Гадое, ки дар асри нав шояд шоҳ хоҳад шуд*
*ё боз гадо хоҳад монд.*
*Як марди фақир ба хонааш мешитобад*
*ва нахустин бор шояд ба кӯдаконаш гулқанд мебарад.*
*Эй бародарҷон! Фикрҳоят баъд аз ин дар иҳотаи*
*гул бод!*
*Кош, ширин кунад ин гулқанди кӯчаку маъсум*
*Зиндагии турову аҳли башарро.*

**Маънӣ:** Дар сафи ранҷурон пеш аз ҳама сурати зани муштипари аврупоинажодеро мебинем, ки бо хастагии ҷисму рӯҳ аробакашӣ мекунад. Афсӯс, ки дар он ароба бори арзишманде нест, ки ба асри навин армуғон барад. Ҳамчунон кӯдаке, ки дар ин сармо яхмос мефурӯшад ва шояд дар хона нафароне ӯро интизоранд, ки ба буридаи ноне ниёз доранд. Гадоҳо низ бо дастҳои талбандаи худ ба ҳазораи нав ворид мешаванд, бехабар аз сарнавишти худ дар Фардо. Аз ин тоифаи ранҷурон диққати шахси ғиноиро марди фақире бештар ба худ мекашад, ки шояд бори аввал ба кӯдаконаш савғои идона – гулқанд мебарад ва ин гулқандро шоир мехоҳад тимсоли комгории на танҳо ин марду хонаводаи ӯ, балки тамоми аҳли башар бубинад. Пас аз ин таманно барои фардоиён шоир ба дирӯзи худ менигарад:

*Падруд, ту дар асри куҳан мондӣ,*
*Эй ҷавонии нозанини ман.*
*Субҳҳои атргардон,*
*шомҳои шукуфабанду гуловез,*

*Ёдҳои пур аз шамими ёсамини ман.*
*Дар вуҷуди чакомаҳо мондӣ, эй ишқ,*
*эй ларзиши ширини ман.*
*Падруд, эй сабоҳату раъноӣ.*
*Эй отифае, ки нишаста будӣ*
*дар қуллаи малоҳату мубарроӣ.*

**Маънӣ:** Дар он дирӯзи зебо, дар асри куҳан ҷавонии нозанини шоир бо субҳҳои атргардону шомҳои гуловез, бо ёдҳои пур аз шамими ёсуманӣ, бо ишқу шӯри ҷавонӣ, бо малоҳату покизагӣ боқӣ мондаанд. Аммо имрӯз чӣ дорад?

*Духтаронам, тифлакони ҳуҷастаи ман!*
*Дар сурати шумо баҳор шаъшааи сабз мезанад.*
*Биёед, аз чашмакони содаатон бӯсам.*
*Ба эҳтироми кӯдакии шумо,*
*ба эҳтироми бузургии модар,*
*Ба зҳтироми ҳар касе, ки дӯсташ дорам,*
*зиндагиро дуруд мегӯям.*
*Дубора мегирям. Дубора механдам.*

**Маънӣ:** Ҳоло тифлакони шоир – духтаракони ӯ – идомаи зиндагии ӯ, нишони сабзиву ҷавониву шукуфоии баҳоранд. Шоир ин тифливу маъсумиятро ба меҳр мехоҳад бибӯсад ва будани ин кӯдакон, ҳастии мубораки модар ва вуҷуди тамоми инсонҳои меҳрубон меҳри зиндагиро дар вуҷуди гӯянда меафзоянд ва ӯ бо вуҷуди талотумҳои тазодии ҳиссиёташ, ки аз талхиҳои фаромӯшношудаи бохтан ва шириниҳои шукри ҳастӣ ба гиристану хандидан вомедоранд, зиндагиро дуруд мегӯяд, яъне дарро ба сӯи фардо боз мекунад:

*Дилаки хурди фурӯзонамро*
*дар арчаи маҷоз мебандам.*
*яъне, ки ба маҷрои нав, ба уқёнуси Фардо*
*Ҳастии шабнамии худро мепайвандам.*

**Маънӣ:** Маъмулан дар арафаи Соли нави исавӣ арчаро бо бозиҳои рангоранг, ки шакли меваву ситораву лӯхтакчаҳоро доранд, оро медиҳанд ва шоир дили фурӯзони худро ба арчаи маҷоз мебандад ва матлаби худро аз ин амал ӯ ба тарзи дигар низ шарҳ медиҳад, яъне «ҳастии шабнамии худро» ба «маҷрои нав, ба уқёнуси Фардо» мепайвандад. Таркиби «ҳастии шабнамӣ» маънии як қатраи мубарроро дорад, ки вақте ба дарё мепайвандад, ҳукми дарёро мегирад ва дигар танҳо нест, дар маҷрои зиндагӣ бо мардум аст. Бинобар ин дигар ҷои ҳарфи падруд нест, ҳоло салом бояд гуфт, салом ба муҳаббат, салом ба чашме, ки зеботарин нигоҳи худро ҳадя кардаӣ, салом ба дасте, ки барои кӯмак дароз шудаӣ, салом ба меҳрубоне, ки дар остонаи фардо нишастаӣ. Ин ҷо шеър ба фароварди мантиқии худ мерасад ва шоир расидани фардоро бо умедҳои рӯшан ва орзуҳои гулобӣ дар сурати қосиде тасвир мекунад, ки дар даст «номаи таҳнияти субҳи сафо» дар дами дарвоза интизор аст.

*Инак, ба гесувонам гулбанд мезанам ва меравам*
*ба вусъати ҳазорсолаи тоза.*
*Номаи таҳнияти субҳи сафо дар дасташ*
*Инак, интизори ман аст*
*Қосиде дар дами дарвоза.*

**Маънӣ:** Дар поёни шеър такрор шудани мазмуни банди нахустин гувоҳи он аст, ки дар фосилаи омодагӣ ба истиқболи давраи нав шоир ба дирӯзу имрӯз ва фардои худу аҳли башар менигарад ва барои истиқболи Фардое, ки паёми меҳрубониву некӣ ва рӯшаниву нурро дар бағал дорад, гоми устувору қатъӣ мениҳад ва барои мо – хонандагонаш низ ин Фардои нозанинро муборакбод мегӯяд.

55

## ИҚРОРИ ДИГАРБОРА

Зиндагӣ бепарвост…
Зиндагӣ мехобад
рӯзу шаб ором-ором,
аммо умри якрӯзаи гуле дар даруни гулдон
мерасад бар фарҷом.
Ман намехобам.
Ман ба гӯши гулҳои кавкабу довудӣ
сухане дорам.
Ман ба гӯши парандае, ки дар анбӯҳи биҳӣ
ошиқона бол мезанад, сухане дорам.
Ман ба гӯши вассаҳои болор,
Ман ба гӯши танҳоӣ сухане дорам.
Ман ба гӯши ту …
Аҷиб…
Ин лаҳза, ки сабо ба гули шому саҳар
ояи шаб мехонад,
Дузди наббоше дар гӯристон
дандони тилоии мурдаҳоро берун мекашад.
Маҳбусе дар зиндон
ба номи модараш нома менависад.
Бечорае бо қатораи кӯҳнаи беоина
ба Русиё меравад.
Наварӯсе бадард падруд мегӯяд
бо шодии бикри фасли тифлияш.
Касе барномаи фардои башарро тарҳ мерезад.
Касе фикр мекунад, ки боз ҳам пулро
аз кӣ бояд қарз гирад.
Касе зи ҳаҷри касе мегиряд.

Аммо зиндагӣ бепарвост.
Зиндагӣ мехобад ором-ором.
Дар ҳошияи ӯ
Умри мову ту чунин бехабару беосор
мерасад бар фарҷом.
Фурсатам ҳаст.
Меравам, дасти нозукамро
Дар гардани дурушти дарахте танҳо мегузорам.
Яъне, ки ба гӯши зиндагӣ мегӯям,
Ки пас аз зулму хиёнат низ варо боз ҳам сахт
дӯст медорам.

**Маънӣ:** Шеъре дар бораи муҳаббат ба зиндагист. Шоир дар оғоз аз бепарвоии зиндагӣ ва гирифтори хоб будани он сухан мегӯяд ва нохушии худро аз ин ҳоли зиндагӣ тавассути марги гуле, ки дар гулдон танҳо як рӯз умр мебинад, вале зиндагӣ ба имдоди ӯ намешитобад ва ба хоби худ оромонаву бепарво идома мебахшад, баён мекунад.

Шахси ғиноӣ ба ин маром розӣ нест, ӯ алорағми зиндагӣ ки дар хоби ғафлат аст, як ҷаҳон ҳарфи муҳаббат дорад, ки мехоҳад онҳоро ба гӯши гулҳову парандаҳои ошиқ бигӯяд. Ба назари ӯ, на танҳо гулҳову парандаҳо, балки вассаҳои болор ва танҳоӣ, ки мафҳуми абстракт аст, гӯш доранд. Вақте шоир «ман ба гӯши ту» сухане дорам, мегӯяд, эҳсос мекунем, ки мухотабаш ҳар кадоми моем. Аммо дар он нимашабе, ки ӯ ҳарфҳои дилашро ба мо гуфтанист, аҷаб гирудорҳое дар домони зиндагӣ рух медиҳанд: дузде аз қабр дандонҳои тиллои мурдаро меканад, маҳбусе дар танҳоии зиндон ба номи модараш нома менависад, муҳоҷире ба ҷустуҷӯи нон бо қатораи куҳнаи бетиреза ба Русия меравад, наварӯсе бо шодии бикри фасли тифлиаш падруд мегӯяд. Яке нақшаҳои бузурге барои фардои башар мекашад, ё ки дигар дар он

андеша аст, ки бояд аз касе қарз бигирад ва нафаре аз ҳаҷри ёр мегиряд. Вусъати назари шоир чунон аст, ки дар як они воҳид аз ҳоли садҳо нафари шабзиндадор моро огоҳ мекунад. Чӣ қадар гуноҳу савоб, чӣ қадар амалҳои хубу нохуб дар канори зиндагӣ рух медиҳанд, вале зиндагӣ ҳамоно бепарво гирифтори хоб аст.

Шахси ғиноӣ аз он дилтанг аст, ки дар канори зиндагӣ умри азизи ӯ низ беасар мегузарад ва фикр мекунад, ки чӣ бояд кард:

*Фурсатам ҳаст.*
*Меравам, дасти нозукамро*
*Дар гардани дуруштии дарахте танҳо мегузорам.*
*Яъне, ки ба гӯши зиндагӣ мегӯям,*
*Ки пас аз зулму хиёнат низ варо боз ҳам сахт*
*дӯст медорам.*

**Маънӣ:** Қаҳрамони ғиноӣ дарк мекунад, ки барои муҳимтарин кор ҳанӯз фурсат дорад – барои дастони нозуки худро ба гардани дурушти дарахти танҳо гузоштан ва ба гӯши ӯ ҳарфи асосиро гуфтан. Вақте шоир «дасти нозукамро» мегӯяд, на танҳо дасти худро, балки тамоми одамонро дар назар дорад ва «гардани дурушти дарахти танҳо» – самбули зиндагист, ки аз гардиши айём дурушту дағал шудааст, вале ин дарахти танҳо ки ҳанӯз ҳам интизори меҳрубонист. Ва шахси ғиноӣ ба гӯши зиндагӣ мегӯяд, «ки пас аз зулму хиёнат низ варо боз ҳам сахт дӯст медорам». Шеър «Иқрори дигарбора» ном гирифтааст, ки зоҳиран аз дилсардӣ ба зиндагии пурсукути хоболуд шурӯъ мешавад, вале дар хулоса, шоир бо як ҷумлаи кӯтоҳи «Фурсатам ҳаст» ба ҳамаи онҳое, ки ҳанӯз барои зистан фурсат доранд, гуфтанист, ки бояд зиндагиро ба рағми тамоми зулму хиёнатҳо ва ҷавру беадолатиҳо дӯст дорем ва ба қадри умр бирасем ва барои некӣ кардану асаре аз худ гузоштан саъй бикунем, зеро моҳияти зиндагӣ дар ҳамин дӯст доштан аст.

56

# ОХИРИН НУСХАИ МУҲАББАТ

Чӣ қадар мо мутамаддин шудаем.
Кӯдакони навсухан ҳам
бо телефонҳои кӯчаки ҷайбӣ
дар масофаи якчанд сантиметр ба ҳам
мавҷпайванд мешаванд.
Ҳар нафас бо чунин мубодилаи олоӣ,
бо ҳамин сӯҳбати бемантиқ,
бо ҳамин қилу қоли бечавҳар
хурсанд мешаванд.
Асри меъроҷи тамаддун
мегузорад пеши мардум ҳазор барнома.
Мекунад чашми саморо
фурудгоҳи таҳайюр
асри пурҳангома.
Таҳният мегӯям,
ки рӯи боми шумо
ба ҷои лолаарӯсак баъд аз ин
моҳвора мерӯяд.
Шеъри асри бисту як ҳам
Чу духтарони нимурёни кӯчаву хиёбонҳо
бе маҷозу ғулувву истиора мерӯяд.
Ҷодаҳо мерахшанд
аз ҷилои ҳазору як мошин.
Гирд мегардад бо суръати кайҳонӣ
чархи асри мутамаддин.
Инак, эй тундравон,
Ман шуморо як дақиқа зи роҳ медорам.
Ман фақат мехоҳам,

нафареро ба ёдатон орам,
Нафареро, ки ҳеҷ гоҳ намедонистед.
Тифли танҳоеро,
Ки дар сағирхонаи маъюс дарахтеро
оғӯш мекунад.
Бо ҳамин хоҳиши оғӯши волидонашро
лаҳзае чанд фаромӯш мекунад.
Ман фақат мехоҳам,
Мӯсафедеро аз фаромӯшхонаҳо
ба ёдатон орам.
Мӯсафеди хонаи пиронро,
Ки ба тилфони рӯи мизи долон
дергаҳ менигарад,
Ба касе мехоҳад занг занад,
Аммо ба кӣ?
Ин ҷаҳон ҳафт миллиард аҳолӣ дорад,
Ин ҷаҳон ҳеҷ кас надорад.
Ман фақат мехоҳам,
боз ҳам ба ёди шумо
бевазанеро орам,
ки нони ширмоли маҳро
ҳар шаб ба кӯдаконаш
тақсим мекунад.
Рӯзу шабҳои бефурӯғашро
ба чунин қисмати хокистарранг
таслим мекунад.
Ман фақат мехоҳам мову шумо андешем
дар сари як сухани бисёр беороя:
яъне меҳр.
Ҳамчунон бостоншиноси нақбкан
фикрҳои дилшикофи ман ҳам
дар сиришти ҳама меҷӯяд
вопасин бозмондаҳои меҳру шафқатро,
Охирин нусхаи муҳаббатро…

**Маънӣ:** Шоир аз он андеша мекунад, ки имрӯз мардум чи қадар пеш рафтаанд, мутамаддин шудаанд, яъне бо тамаддуни имрӯзин, бо илму техникаи муосир ошноӣ доранд. Барои пешрафти ин тамаддунро собит кардан ӯ мисол мезанад, ки ҳатто «кӯдакони навсухан», яъне тифлаконе, ки нав ба сухан даромадаанд, паҳлуи ҳам дар масофаи якчанд сантиметр нишаста тавассути телефонҳои ҷайбӣ ба воситаи мавҷҳо ба ҳамдигар пайванд мешаванд. Воқеан, оё 10-15 сол пеш дар тасаввури касе меғунҷид, ки телефони мобилӣ бозичаи дасти кӯдакон бишавад ва онҳо ҳар лаҳза бо сафсаттаҳои бемантиқи худ хурсанд бишаванд?! Мубодилаи олоӣ – гуфтушуниди ҳарзаолуд, беҳуда ва беҷавҳар.

*Асри меъроҷи тамаддун*
*мегузорад пеши мардум ҳазор барнома.*
*Мекунад чашми саморо*
*фурудгоҳи таҳайюр*
*асри пурҳангома.*

**Маънӣ:** Асри меъроҷи тамаддун – замони пешрафти бесобиқа, яъне замони ба авҷи уруҷ расидани тамаддун, садаи нав назди мардум вазифаҳои нав ба нав мегузорад ва инсон бо ихтирооти тоза ба тозаи худ на танҳо башариятро, балки осмонро низ дар ҳайрат мегузорад. Ҳатто осмон бо чашмҳои пуртаҳайюр, ҳайратзада ба ин асри пурҳангома менигарад.

*Таҳният мегӯям,*
*ки рӯи боми шумо*
*ба ҷои лолаарӯсак баъд аз ин*
*моҳвора мерӯяд.*

Шахси ғиноӣ ба ҳамзамонони худ мурочиат карда, онҳоро табрик мегӯяд бо он ки аз ин пас аз ин дар бомҳои мардум ба ҷои лолаарӯсак моҳвора мерӯяд. Воқеан

замоне бомҳои бо коҳгил пӯшидаи мардум баҳорон пури лолаарӯсак мешуд, аммо дар ин замони инқилоби техникӣ ҳар рӯз дар бомҳо моҳвораҳои нав мерӯянд.

*Шеъри асри бисту як ҳам*
*Чу духтарони нимурёни кӯчаву хиёбонҳо*
*бе маҷозу ғулувву истиора мерӯяд.*

**Маънӣ:** Дар идома шоир аз вазъи шеър дар замони дигар шудани шароити иҷтимоӣ андеша мекунад. Оё дигар шудани замон ва муҳит ба шеър таъсир расонидааст ё не? Оре, шеъри асри XXI шеъри беороя, шеъри бемаҷозу ғулувву истиора аст. Чаро аз санъатҳои бадеӣ шоир ҳамин се санъат - маҷоз, ғулувв ва истиораро мисол меорад? Чунин ба назар мерасад, ки маҳз ҳамин воситаҳо барои пӯшида баён кардани матлаб мусоидат мекунанд. Маъмулан ҳар чизи пӯшида дар назар ҷолибтар, пурасрортар менамояд. Шеъри имрӯз, хоса шеъри сафед, ки холӣ аз маҷозу ғулувву истиора аст, ба духтарони нимбараҳна шабеҳ аст, ки дар кӯчаву хиёбонҳо сарсарӣ мегарданд, каммояву беҷавҳар.

*Ҷодаҳо мерахшанд*
*аз ҷилои ҳазору як мошин.*
*Гирд мегардад бо суръати кайҳонӣ*
*чархи асри мутамаддин.*

**Маънӣ:** Кӯчаҳо пур аз мошинҳои рангоранг ҳастанд. Чархи асри мутамаддин хеле бошитобу тунд, бо суръати кайҳонӣ гирд мегардад.

Агар ин шеърро мантиқан ба се қисм ҷудо кунем, дар ҳамин ҷо қисмати аввали он – тасвири замони муосир - ба охир мерасад.

*Инак, эй тундравон,*
*Ман шуморо як дақиқа зи роҳ медорам.*
*Ман фақат мехоҳам,*
*нафареро ба ёдатон орам,*

*Нафареро, ки ҳеҷ гоҳ намедонистед.*
*Тифли танҳоеро,*
*Ки дар сағирхонаи маъюс дарахтеро*
*оғӯш мекунад.*
*Бо ҳамин хоҳиши оғӯши волидонашро*
*лаҳзае чанд фаромӯш мекунад.*

**Маънӣ:** Қисмати дувуми шеър аз муроҷиат ба «тундравон» шуруъ мешавад. Тундравон – инсонҳои замони муосир, ки хеле шитоб доранд ва дар чунин зиндагии босуръат фурсат надоранд ба атроф назар андозанд. Аммо шахси ғиноӣ, яъне шоир мехоҳад ин тундравонро як лаҳза аз роҳ боздорад ва ба ёди онҳо нафаронеро расонад, ки ҳаргиз надидаву намешиносанд. Яке аз инҳо тифли танҳоест, ки дар сағирхона ба ёди падару модар, ба ҷои волидон дарахтеро оғуш мекунад.

*Ман фақат мехоҳам,*
*Мӯсафедеро аз фаромӯшхонаҳо*
*ба ёдатон орам.*
*Мӯсафеди хонаи пиронро,*
*Ки ба тилфони рӯи мизи долон*
*дергаҳ менигарад,*
*Ба касе мехоҳад занг занад,*
*Аммо ба кӣ?*
*Ин ҷаҳон ҳафт миллиард аҳолӣ дорад,*
*Ин ҷаҳон ҳеҷ кас надорад.*

**Маънӣ:** Дигар, мӯйсафедест, ки дар «фаромӯшхона» дар хонаи пирон зиндагӣ мекунад ва дергоҳ ба телефоне, ки дар долон аст, нигоҳ мекунад ва мехоҳад ба касе занг занад, аммо, бадбахтона, касе надорад. Наздиктарин одамони ӯ бо камоли бемеҳрӣ ӯро ба ин ҷо овардаанд ва фаромӯш кардаанд. Чӣ қадар бадбахтист, вақте ин ҷаҳон ҳафт миллиард одам дорад, вале ин мӯйсафеди аз хотирҳо фаромӯшшуда, як нафаре ҳам надорад, ки аз садои ӯ, аз

шунидани сухани ӯ касе хурсанд шавад.

*Ман фақат мехоҳам,*
*боз ҳам ба ёди шумо*
*бевазанеро орам,*
*ки нони ширмоли маҳро*
*ҳар шаб ба кӯдаконаш*
*тақсим мекунад.*
*Рӯзу шабҳои бефурӯғашро*
*ба чунин қисмати хокистарранг*
*таслим мекунад.*

**Маънӣ:** Сеюм нафаре, ки шоир мехоҳад ба ёди ҳамзамонони бепарвову пуршитоби худ бирасонад, бевазанест, ки чизе надорад, бинобар ин ҳар шаб ба кӯдакони гуруснаи худ нони ширмоли маҳро тақсим мекунад, яъне ба осмон дидаи пурилтиҷо медӯзад. «Нони ширмоли маҳро тақсим» кардан – маҷозан кулчаи маҳро ба нон монанд кардан ва онро ба кӯдакони гурусна додан аст. Ӯ маҷбур аст рӯзгори худро чунин ҳақирона ва бефурӯғ гузаронад.

*Ман фақат мехоҳам мову шумо андешем*
*дар сари як сухани бисёр беороя:*
*яъне меҳр.*
*Ҳамчунон бостоншиноси нақбкан*
*фикрҳои дилшикофи ман ҳам*
*дар сиришти ҳама меҷӯяд*
*вопасин бозмондаҳои меҳру шафқатро,*
*Охирин нусхаи муҳаббатро…*

**Маънӣ:** Дар қисмати охирини шеър шоир матлаби худро аз ёдовар шудани ятиме аз сағирхонаи маҳзун, мӯйсафеде аз фаромӯшхонаи хонаи пирон ва бевазане, ки бо кӯдакони гурусна шабро рӯз мекунад, баён менамояд. Мурод аз ин ҳама ба ёд овардани як калимаи сода – «меҳр» аст, ки мардум дар ин шитоби беҳудаи худ фаромӯш

кардаанд. Мутаассифона, ин мафҳум essentially онҷунон дар қаъри асрҳо гум шудааст, ки хеле ба мушкилӣ нишонаҳои онро метавон ёфт. Мисли бостоншиноси нақбкан, ки бо азияти бузург кандуков мекунад ва ҳафриёт менамояд, шоир дар сиришти инсонҳо охирин нишонаҳои меҳру шафқат, охирин нусхаи муҳаббатро ҷустуҷӯ дорад. «Фикрҳои дилшикофи ман» - ин ҷо шахси шоир фикрҳои таҳрикдиҳандаи инсонҳоро дар назар дорад, яъне мехоҳад ишора кунад, ки, мутаассифона, он чи меҷӯяд, пайдо карданаш хеле мушкил аст. Замони мо инсонҳоро бераҳму бемеҳр ва сарду бепарво ба ҳамдигар кардааст, ҳол он ки асоси зиндагӣ, ҷавҳари зиндагӣ ҳамин меҳру шафқат ба ҳамдигар аст. Бунёди ин шеър бар тазод аст: пешрафти илму техника, аз як тараф, ки бурду тавфиқи инсоният аст ва гум шудани меҳру шафқат, аз ҷониби дигар, ки бохти ҷубронногпазир мебошад. Шоир мехоҳад инсониятро ҳушдор диҳад, ки аз пайи кашфиётҳои техникӣ саргардон шуда, муҳимтарин ҷавҳари инсонӣ – меҳру шафқатро набояд аз даст дод. Ҳанӯз ҳам охирин нишонаҳои ин сарвати маънавиро бояд пайдо ва ҳифз кунем.

## 57

Ҳамсояи азиз!
Давлатат афзун бод,
Аз ту як хоҳиши бузургам ҳаст,
ки бинои дуошёна насозӣ.
Дар миёни ману кӯҳи назаррабоянда,
Дар миёни ману хуршеди навбароянда,
Дар миёни ману як силсила маҷнунбед,
Дар миёни ману як шаҳсутуни хушбахт
бо ҳузури кабӯтарони сафед,
Дар миёни ману рӯшантарин нишеби уфуқ
хона насозӣ.
Ҳамсояи азиз!
Кулбаи қадпастат
Пойтахти баланди нуру сафо бод,
Эмин аз дастдарозии сиёҳии қазо бод,
Дар таҳи боли ҳумо бод.
Лутф кун, аз нигоҳи ишқбози ман
маситон
ними зебои осмонамро,
Ҷудо макун ману
хешони ҷовидонамро.

**Маънӣ:** Дар оғози шеър қаҳрамони ғиноӣ ба ҳамсояи худ, ки давлатманд шудааст, муроҷиат мекунад ва хоҳиш менамояд, ки бинои дуошёна насозад. Давлатманд шудани ӯро аз мисраи «Давлатат афзун бод!» метавон дарк кард. Аз чунин муроҷиат пайдост, ки соҳиби сухан ҳаргиз ҳасад намебарад, баръакс дуо мекунад, ки давлати ҳамсоя боз ҳам бештар шавад. Аммо вақте хоҳиш мекунад, ки «бинои дуошёна насоз» хонанда дар ҳайрат мемонад ва суоле

пайдо мешавад, ки чаро?

*Ҳамсояи азиз!*
*Давлатат афзун бод,*
*Аз ту як хоҳишибузургам ҳаст,*
*ки бинои дуошёна насозӣ.*

Ба ин суол аз идомаи шеър метавон посух пайдо кард. Маълум мешавад, ки бинои баланд метавонад тамоми ҳусну зебоии зиндагӣ, тамоми манзараҳои нозанини табиат, кӯҳу хуршеду маҷнунбед, кабӯтарони дар сари симчӯб нишаста ва уфуқро аз назар пинҳон кунад.

*Дар миёни ману кӯҳи назаррабоянда,*
*Дар миёни ману хуршеди навбароянда,*
*Дар миёни ману як силсила маҷнунбед,*
*Дар миёни ману як шаҳсутуни хушбахт*
*бо ҳузури кабӯтарони сафед,*
*Дар миёни ману рӯшантарин нишеби*
*уфуқ хона насозӣ.*

**Маънӣ: Ҳ**амаи ин аносири зиндагӣ бо тавсифоти муносибе чида шудаанд, ки дар маҷмуъ маҷмааи зебоӣ ва мояи нишоту саодати гӯянда ҳастанд. Кӯҳи назаррабоянда, хуршеди навбароянда, силсилаи маҷнунбед, шаҳсутуни хушбахт бо ҳузури кабӯтарони сафед – ин ҳама аз паси деворҳои пасти ҳамсоя то ин дам дар назар ҷилвагар буданд. Ин тавсифҳо ҳама аз шодибарангез будани аносири мазкур дарак медиҳанд, мисли тулӯи хуршед ё шаҳсутуни хушбахт. Симчӯби одии чароғро муаллиф "шаҳсутун" меномад ва бо тавсиф ва ташхиси "хушбахт" мақоми онро барои худ ва чашмҳои ҳуснҷӯи худ нишон медиҳад.

*Ҳамсояи азиз!*
*Кулбаи қадпастат*
*Пойтахти баланди нуру сафо бод,*

*Эмин аз дастдарозии сиёҳии қазо бод,*
*Дар таҳи боли ҳумо бод.*

**Маънӣ:** Банди охирини шеър бо такрори мухотаби “Ҳамсояи азиз” шуруъ мешавад ва ин бор гӯянда бо дуову илтиҷо ба ҳамсоя муроҷиат мекунад ва ӯро дуо мекунад, ки ҳарчанд кулбаи ҳақиронаи қадпаст дорӣ, бигузор он пур аз шодиву сафо бошад, аз газандҳо ва балоҳои осмониву заминӣ, аз сиёҳии қазо дар амон бошад. Ҳумо – парандаи саодат аст ва дар таҳи боли ҳумо будан – дар паноҳи қувваи бузурги ҳифозат қарор доштанро ифода мекунад.

Дар поёни шеър боз ҳам собит мешавад, ки сухан аз талош барои аз даст надодани зебоист. Шоир “нигоҳи ишқбози ман” мегӯяд ва пайдост, ки ин ишқи оддӣ нест, ишқ ба ними зебои осмон, муҳаббат ба хешони ҷовидони ӯст.

*Лутф кун, аз нигоҳи ишқбози ман*
*маситон*
*ними зебои осмонамро,*
*Ҷудо макун ману*
*хешони ҷовидонамро.*

**Маънӣ:** “Хешони ҷовидон” – ҳамон зебоиҳои уфуқ, ҳамон тулӯи нозанини офтоб, ки аз уфуқ ҳар субҳ бо табассум сар мебарорад, ҳамон кӯҳҳои боҳашамати лоҷвардӣ, ҳамон таваққуфгоҳи кабӯтарони сафед, ки ин ҳама нишони пайвандҳои отифӣ бо хоку обу замину самост, ки аз пеши чашмҳои пурмуҳаббати қаҳрамони ғиноӣ бо бунёди як бинои баландошёна метавонад маҳв шавад.

Муроди гӯянда ифшои муҳаббат ба зебоиҳои табиии осмону замин аст, ки бояд онҳоро дида тавонем ва дӯст дорем ва ҳифз кунем, то ҳамарӯза дар баробари чашми мо бошанд.

58

## СОДАВУ МУРАККАБ

Мард дар кишвари ғайр,
Бомҳоро тоза мекард аз барф.
Шӯшаҳоро зи гӯшаҳои бом бармеканд.
Оҷ бармегирифту дурру булӯр
аз хизонаҳои саҳар,
Лоҷварду рухом бармеканд.
Боми чандин бинои даҳтабақа,
балки бисту ситабақа
коргоҳи ӯ буд.
Осмони абрӣ бо ҳама шаҳомати зимистонӣ
Боргоҳи ӯ буд.
Ӯ ба чашми кабуди мардуми бумӣ
Аз ҳама паст менамуду сиёҳ.
Гарчи ҳамсояи хуршед буду додари моҳ.
Дар лабаш “бисмиллоҳ”
Пой мемонд ба ҳар бом,
ба боми баланду вахшатзой
ҳамчунон бар пули Сирот.
Марди танҳотарини танҳо
дар тамомии ин харобаработ.
Оқибат
Дай гузашту баҳор ҳам омад.
Мард баргашт зи ғурбат ба ватан.
Дастмузди ба баҳои ҳаёт ёфтаро дод ба зан.
Бонуи ӯ
Пираҳанҳои муҷалло хариду
Ҷумлаи ашёи нозаруру зарур,
латтаву колаи аз мӯд бароянда

аз барои арӯси оянда,
Зиндагӣ сода буду бо гуноҳи мову ту мураккаб шуд
зери ин гунбади нопоянда.

**Маънӣ:** Дар қисмати аввали шеър сухан аз мардест, ки ба кишвари дигар барои муҳоҷирати корӣ рафтааст ва вазифаи ӯ дар зимистони замҳарир тоза кардани бомҳо аз барфу ях аст. Зоҳиран ин кори ӯ амали басо зебо буд, зеро субҳидам ҳини тулӯи офтоб ӯ дар зери шуои аввалин нурҳои хуршеди саҳар, ки рӯи барф мефаромаданд ва бо ҳазор ранг тобишу ҷило медоданд, гӯё дурру булӯр мегирифт ва лоҷварду рухом бармеканд. Коргоҳи ӯ боми биноҳои баландтарини шаҳр буд.

*Оҷ бармегирифту дурру булӯр*
*аз хизонаҳои саҳар,*
*Лоҷварду рухом бармеканд.*
*Боми чандин бинои даҳтабақа,*
*балки бисту ситабақа*
*коргоҳи ӯ буд.*

Дар ин фарози баландиҳо, ӯ гӯё бо хуршеду моҳ ҳамсоя буд, аммо бо вуҷуди ҳамсоягӣ бо хуршеду қамар ва кор бо оҷу булӯру лоҷвард ӯ дар назари мардуми бумӣ пасту сиёҳ метофт. Чашми кабуди мардуми бумӣ – ишора ба мардуми рус, ки маъмулан ба кишвари онҳо тоҷикон ба муҳоҷират рафта, бо мушкилтарин ва хатарноктарин корҳо машғул мешаванд ва ҳамарӯза таҳқир мебинанд.

*Ӯ ба чашми кабуди мардуми бумӣ*
*Аз ҳама пастменамуду сиёҳ.*
*Гарчи ҳамсояи хуршед буду додари моҳ.*
*Дар лабаш "бисмиллоҳ"*
*Пой мемонд ба ҳар бом,*
*ба боми баланду ваҳшатзой*

*ҳамчунон бар пули Сирот.*
*Марди танҳотарини танҳо*
*дар тамомии ин харобаработ.*

Қаҳрамони шеър ҳам марди муҳоҷирест, ки кори пурхатари тоза кардани бомро бар ӯҳда дорад ва ҳар лаҳза хавфи аз боми бинои ситабақа афтодан ва ҳалок шудан ба ӯ таҳдид мекунад, бинобар ин дар ҳар қадами худ бар бом ӯ, мисли он ки аз пули Сирот мегузашта бошад, бо дили ларзон "бисмиллоҳ" мегӯяд. Ӯ дар ин даҳшатистон танҳои танҳост, касе ба ӯ ёварӣ ва кӯмак намекунад, касе ба имдоди ӯ намерасад.

**Маънӣ:** Ниҳоят зимистон паси сар шуда, баҳор фаро мерасад ва мард аз ғурбат ба Ватан бармегардад. Ӯ тамоми пулҳоеро, ки ба баҳои ҷон ёфта буд, ба дасти ҳамсараш медиҳад ва зан барои худ либосҳои пурҷилову дигар ашёи рӯзгорро мехарад ва чунон ки барои мардуми тоҷик расм шудааст, барои арӯси оянда низ матоъҳои гуногун харидорӣ мекунад.

*Дастмузди ба баҳои ҳаёт ёфтаро дод ба зан.*
*Бонуи ӯ*
*Пираҳанҳои муҷалло хариду*
*Ҷумлаи ашёи нозаруру зарур,*
*латтаву колаи аз мӯдбароянда*
*аз барои арӯси оянда.*

**Маънӣ:** Моҳияти шеърро муаллиф маҳз дар ҳамин сатрҳо баён мекунад. Дастмузде, ки ба баҳои ҷон ба даст омадааст, магар барои чунин харҷҳои беҳуда истифода бурдан оё равост? Ин пираҳанҳои муҷалло, ки аслан чизҳои беҳуда барои ороиши тан ҳастанд ва ин либосе, ки барои арӯси оянда харидорӣ шудаву пагоҳ-фардо ба як колои нолозим табдил меёбад, оё месозад, ки инсон барои он чунин ҷонбозӣ кунад?

*Зиндагӣ сода буду бо гуноҳи мову ту мураккаб шуд*
*зери ин гунбади нопоянда.*

**Маънӣ:** Ду сатри охирини шеър маънӣ ва хулосаи онро боз ҳам қавитар мекунанд. Баъд аз сужети кутоҳ, ки аслан барои осори ғиноӣ хос нест, шоир мо инсонҳоро, ки худаш низ аз ин миён истисно нест, айбдор мебинад дар он, ки барои худамон мушкилӣ эҷод мекунем. Ин мо ҳастем, ки дар зери ин гунбади нопоянда, дар ин зиндагии зудгузар ва кутоҳ, ки ҳама чиз содаву табиӣ бояд бошад, ба хотири чизҳои нопоянда ҷонфидоӣ мекунем. Яъне он дастмузде, ки мусофири ранҷкашида дарёфт кард, бояд барои кори шоистае масраф шавад, барои корҳои мондагоре, ки дар зиндагии аҳли хонавода ва ҷомеа муҳри саодат мегузорад.

59

## ИМЗОИ АВВАЛИН

Хонаат хушбахт аст
Бо ҳузури азизи одамаке оламофарин.
Хонаат хушбахт аст,
Зеро ки тифлаки дусолаи ту
бо мӯқалами рангаи худ
дар саҳифаи девор
имзо ниҳодааст.
Имзои аввалин.

**Маънӣ:** Дар ин шеъри кӯтоҳ, ки бо истифода аз ташхиси "хонаат хушбахт аст" шуруъ мешавад, аслан мухотоб модари ҷавонест, ки кӯдаки дусолаи ӯ дар девор бо қалами ранга сурат мекашад. Зоҳиран гӯё деворро нобуд мекунад ва модар аз дидани чунин манзара дилтанг мешавад, зеро лозим меояд, ки хона дигарбора таъмир карда шавад. Аммо шоир ин манзараро дигаргуна мебинад: Хонае, ки дар он кӯдак, яъне одамаке оламофарин ҳузур дорад, воқеан хушбахт аст. Ва он суратҳои булъаҷабе, ки ин тифл дар рӯи девор кашидааст, нишоне аз ҳастии нишотбахши ӯст, имзои нахустини ӯст. Бинобар ин барои чунин кор ӯро набояд танбеҳ дод, балки табрик бояд гуфт. Маҳз ҳузури ҳамин тифл ва нақше, ки ӯ дар девор гузоштааст, дар баробари ифшои розҳои кӯдакона ин хонаро хушбахт кардааст. Зеро чи қадар қасрҳои пурҳашамату азиму зебое ҳастанд, ки дар онҳо кӯдакон зиндагӣ намекунанд ва дар онҳо нишоне аз гармиву шодии ҳаёт нест.

60

## ШОДБОД

Табрик, эй ҳабиб,
Бо бозгашти ҷуфти
парасту ба гӯшаи айвон.
Бо рӯзи баргузории
Ҳамоиши мусиқии занбӯрон
дар саҳни бӯстон.
Бо азони мунаввари
муаззини хуршед
дар фарози манораи ховар,
бо навои фарангии борон.
Бо он ки баъди ин ҳама танаффуси тӯлонӣ
Бори дигар таронаи мурод мехонад
Як парандаи беунвон.
Бо он ки мову ту ба асри
тозатарин ифтитоҳҳои башар
иҷозаи вуруд ёфтаем
аз аҳди бостон.
Бо он ки бо супориши Боло
Барномаи ҳаёти ману ту
ҳанӯз ҳам
нарасидаст ба поён.

**Маънӣ:** Дар ин шеър сухан аз шукргузорӣ ба муносибати фаро расидани баҳор меравад. Мухотаби муаллиф вақте "эй ҳабиб" мегӯяд, на як нафари мушаххас, балки тамоми инсонҳои ҳамдили ӯ ҳастанд. Шоир ҳамаи онҳоро бо расидани мавсими зебои сол табрик мегӯяд,

ҳарчанд ки дар ҳеч ҷо вожаи “баҳор” ба назар намерасад, аммо мо дарк мекунем, ки дар сатрҳои зерин сухан аз баҳор аст:

*Бо бозгашти ҷуфти*
*парасту ба гӯшаи айвон.*
*Бо рӯзи баргузории*
*ҳамоиши мусиқии занбӯрон*
*дар саҳни бӯстон.*
*Бо азони мунаввари*
*муаззини хуршед*
*дар фарози манораи ховар,*
*бо навои фарангии борон.*
*Бо он ки баъди ин ҳама танаффуси тӯлонӣ*
*Бори дигар таронаи мурод мехонад*
*Як парандаи беунвон.*

**Маънӣ:** “Бозгашти ҷуфти парасту ба гӯшаи айвон” тасвире аз манзараи баҳорон аст, ки парастувон дар гӯшаҳои хонаҳои мардум барои худ лона месозанд. Дар бӯстонҳо занбӯрон рӯи шукуфаҳо бо садои хоси худашон ба ҷамъ овардани асал машғуланд, ки ин манзараро шоир “ҳамоиши мусиқии занбӯрон” меномад. Тулӯи хуршед ва борони баҳорӣ низ басо шоирона ба қалам омадааст. Хуршед гӯё муаззинест, ки аз фарози манораи Ховар азон мегӯяд. Навои борон фарангист, шабеҳи мусиқии Аврупо. Мисли ин ки офтоб асли шарқиву борон бунёди ғарбӣ дошта бошад. Танаффуси тӯлонӣ – фасли зимистон дар назар аст, ки хеле тӯл кашид ва мурғакон аз хониш бозмонда буданд. Ва инак баъди танаффуси тӯлонӣ мурғакон боз ба нағмасароӣ шуруъ карданд ва шоир бо тамоми ин аносири баҳор муҳиббони худро муборакбод менамояд. Парандаи беунвон дили шоир аст, ки дигарбора чакомаи нишот мехонад.

Сипас мегузарад ба вазъи инсонҳо дар ин мавсими

нозанин:

*Бо он ки мову ту ба асри*
*тозатарин ифтитоҳҳои башар*
*иҷозаи вуруд ёфтаем*
*аз аҳди бостон.*
*Бо он ки бо супориши Боло*
*Барномаи ҳаёти ману ту*
*ҳанӯз ҳам*
*нарасидаст ба поён.*

**Маънӣ:** Омадани мову ту ба зиндагӣ дар ин асру ин замон ҳам, ки замони навовариҳои тоза ба тоза аст, шоистаи муборакбодист. Ва муҳимтар аз ҳама он аст, ки мо “бо супориши Боло”, яъне бо амри Парвардигор боз ҳам ба зиндагии худ идома мебахшем, яъне ки барномаи ҳаёти мо ҳанӯз ба поён нарасидааст, мо зинда ҳастем ва ба шодии омадани баҳори нав, ба шодии идомаи зиндагии худамон бояд шукр бигӯем ва ба шодбоди ҳамдигар бирасем.

# МУНДАРИЧА


Пешгуфтор. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .3
Мухтасари шарҳи ҳол ва фаъолияти адабии Фарзона. . . . .6
Аз қолабам бароям у хоҳам, ки ҷон шавам. . . . . . . . . . . . . . .9
Шохи Наботам, самар овардаам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .14
Биё ба куштани кобус, эй азони саҳар. . . . . . . . . . . . . . . . . .20
Сад ҷурм гирифтӣ, ки чунин бошу чунон бош. . . . . . . . . . .25
Нахустин туӣ, охирин ҳам ту бош. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 29
Як ҷаҳон сухан дорам бо ҷаҳони маҳкамгӯш. . . . . . . . . . . .32
Шамими ишқ меояд зи себистони субҳоғӯш. . . . . . . . . . . . .35
Дилтанг шуд фаришта ҳам аз беҷунуниям. . . . . . . . . . . . . .39
Эй азизи раҳбурда, бар фарози маъноям. . . . . . . . . . . . . . .43
Кош, аз фалсафаҳо барканаму сода шавам. . . . . . . . . . . .. 47
Куҷо донам, ки охир аз куҷоям. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .50
Меравад ба номи ту номаи навирсолам. . . . . . . . . . . . . . . . .54
Ягонае чу ту дар ин дудар наёфтаам. . . . . . . . . . . . . . . . . . .57
Омаданам рафтан аст, рафтани ман омадан. . . . . . . . . . . .. 61
Эй тундгард, пои ҳавасро пиёда кун. . . . . . . . . . . . . . . . . . . .64
Эй ишқ, баро аз вақт, тақвимдаронӣ кун. . . . . . . . . . . . . . . 67
Бар лолаи танҳо, ки тапад дар қафаси ман. . . . . . . . . . . . . .70
Чун ба гиребони субҳ атр занад ёсуман. . . . . . . . . . . . . . . . .73
Садои ишқ! Давоми раҳам чароғон кун. . . . . . . . . . . . . . . . .76
Ман дари сад мӯъҷизаам, ёр, биё, ки во шавам. . . . . . . . . 80
Ҳама рафтанд, ман чаро наравам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 83
Чеҳраи асли худ намо, боз фикан ниқоби ғайр. . . . . . . . . .87
Макун ҳиқ-ҳиқ, бигӯ, дасти маро гир. . . . . . . . . . . . . . . . . . .90
Аз оинаи бефусунам гурезам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 96
Дер зӣ, эй модари фархундаам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .93
То ба кай хокистаролудӣ, биё,озар шавем. . . . . . . . . . . . .100
Рӯзи ғуруби ҳавсалаҳо пир мешавем. . . . . . . . . . . . . . . . . . .105
Масти чаҳ-чаҳхонии худ меравем. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .109
Наврӯз шуду панҷараро боз намудем. . . . . . . . . . . . . . . . . . .115

Сим мазан, сим мазан, сим, сим. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .119
Чанд уммеди саодатмандӣ аз фардо кунам. . . . . . . . . . . . . .122
Ҳамшеваи баҳорам, ҳамшираи шакарнам. . . . . . . . . . . . . 125
Ман нотаи офтобро медонам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .128
Қадаме неҳ ба юсуфистонам. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .133
Рӯзи милоди муҳаббат рӯзи милоди Худост. . . . . . . . . . . . .137
Парда туӣ, роз туӣ, эй ҳабиб. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .142
Бар лаб биёмад ҷони шаб, боди саҳар, ёсин бигӯ. . . . . . .145
Дар чортоқи боло хуршед мисли Занд аст. . . . . . . . . . . . . 149
Ман, ки дарахти шабам, меваи моҳам бидеҳ. . . . . . . . . . . 153
Зиҳӣ, эй насими улвӣ, ба нафас бидеҳ вузӯям. . . . . . . . . .158
Ин ҳафт саҳфаро ба ҳам овар, китоб кун. . . . . . . . . . . . . . .162
Оинаам, ҳақиқати урёни ман бубин. . . . . . . . . . . . . . . . . . .167
Бигӯ ҳеч, ҷуз ҳеч чизе нагӯ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .171
Ман омадам, ки гӯям: Ишқ аст миллати ман. . . . . . . . . . 176
Дарро зи дарун бибанд, эй ишқ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .181
Хушӣ бигзашт, оре, нохушӣ ҳам дерпоё нест. . . . . . . . . . .185
Эй дил, дили чӯбина, тобути таманноӣ,. . . . . . . . . . . . . . . .188
Муншии хатти бориӣ, муҳри ниҳони кистӣ. . . . . . . . . . . . 192
Эй парии нигорхонаи мо,. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .196
Ассалом, эй азизи якдона. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .200
Роҳи бозор куҷост?. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 204
Рози лоҳут. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .208
Бехабарӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .211
Номаи фардо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 213
Иқрори дигарбора. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .220
Охирин нусхаи муҳаббат. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .223
Ҳамсояи азиз!. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .230
Содаву мураккаб. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .233
Имзои аввалин. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .237
Шодбод. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .238

**Матлубаи Мирзоюнус**

# ШАРҲИ ШАСТ ШЕЪРИ ФАРЗОНА

Муҳаррир: **С.Аъзамов**
Муҳаррири техникӣ: **М.Исобоева**

Ба матбаа санаи 24.09.2019 супорида шуд. Ба чопаш 08.10.2019 имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи шартии чопӣ 15,25. Андозаи 60x84/16. Гарнитураи ҳуруф «Times New Roman Tj». Супориши №. Теъдод 200 нусха.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев, 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj

*Барои қайдҳо*